**ГУЛЧЕҲРА МУҲАММАДИЕВА**

# БӮИ МОДАР

***Ба рӯҳу равони модари зиндаёду***
***биҳиштиам – Мукаррама***
***ва дигар модарон мебахшам.***

**Душанбе**
**2018**

**Китоб бо дастгирии**
**Кумитаи кор бо занон ва оилаи**
**назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ба табъ расидааст.**

ББК 84 Тоҷик 7–4
М-65

**Муҳаррир** *Мирзо Кенҷа*

М-65 **Гулчеҳра Муҳаммадиева. Бӯи модар** *(қисса, ҳикоя ва очеркҳо)*. – Душанбе, 2018, 200 саҳ.

Дар ин китоб ҳаёти ҳамзамонони мо, махсусан сарнавишти зан-модар ба таври воқеъбинона ва диди хос ба риштаи тасвир кашида шудааст, ки умедворем, мавриди писанди хонанда қарор мегирад.

ISBN 978-99947-2-062-0

© Гулчеҳра Муҳаммадиева, 2018

## ЯК-ДУ СУХАН БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Зиндагӣ мактаби панду андарз аст ва мӯҳлати баохиррасӣ надорад. Эҷод, ки шодиву мусаррат, ғаму ғусса, умеду ноумедӣ, ҷавонмардию хиёнатро дар намудҳои гуногун инъикос мекунад, аз ҳамин мактаб сарманша дорад. Ба ҳамин маънӣ, мактаби эҷод ҳам интиҳо надорад ва омӯзишу бардошти эҷодкор низ беохир аст.

Мо ҳар рӯз бо воқеаву ҳодисаҳои мухталиф рӯ ба рӯ меоем, қиссаву достонҳои зиндагии ину онро мешунавем ва агар мушоҳидакору заршинос бошем, барои офаридани ҳикояву қиссаву румонҳо маводи фаровон дар ихтиёр дорем. Нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой аз рӯзнома хабари ба зери қатор партофтану худкушӣ кардани як зани русро мехонад ва ин нукта ӯро ба офаридани румони безаволи «Анна Каренина» ангезиш медиҳад. Албатта, ҳама Толстой нестанд. Аммо чун ба даст қалам мегирему ба тасвири ин ё он воқеаву ҳодиса камар мебандем, бояд хуб донем, ки адабиёт чист ва барои ин адабиёт бояд чиро офарид. Аз миёни ахбору воқеоти беҳисоб сара кардани он чизе, ки ба хонандаву адабиёт лозим аст, кори осон нест ва баъди интихоб онро дар бандубасти муносиб ва бо забони шоиста ба мухлисони каломи бадеъ пешниҳод кардан кори боз ҳам мушкилтар аст.

Вақте ки ман мусаввадаи китоби қисса, ҳикоя ва очеркҳои Гулчеҳра Муҳаммадиеваро мехондам, ҳамин андешаҳо ба сарам омаданд. Нависанда зиндагиро бо ҳама тобишҳояш хуб медонад. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ кор кардааст, бо мардум ва рӯзгори онҳо пайваста алоқа доштааст. Аз ҳамин рӯ, навиштаҳои Гулчеҳра зинда, ҷолиб ва барангезандаанд, онҳо аз сохтако-

риву рангубору такаллуф орӣ ҳастанд, самимӣ ва дилнишинанд. Забони нависанда нарму сода ва бисёр ором аст. Ҳатто дар қиссаи «Қотил» воқеаи даҳшатбор бисёр орому солорона баён мешавад.

Чанде пеш Гулчеҳра Муҳаммадиева ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд. Ин рӯйдод масъулияту вазифаи ӯро дар назди адабиёт ба маротиб меафзоёнад. Ман умед дорам, ки Гулчеҳрабону бори пуршарафи эҷодкориро ҷасурона ба дӯш мебардорад ва хонандагони худро пайваста шодком мегардонад.

***ГУЛНАЗАР***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

# БАҲОРИ ДИЛ

Фасли зимистон. Ҳаво хеле сард. Дар ҷангалҳои Сибир барф беист мебораду меборад. Мардикороне, ки аз Тоҷикистон барои маблағе ба даст овардан ба ин гӯшаи дурдаст омада буданд, ба ҳавои сарди ин сарзамин мутобиқ шуда наметавонистанд. Дар хонаи сайёри оҳанин, ки аз ду утоқ иборат буд, ҳаждаҳ нафар тоҷикписар истиқомат дош-танд.

Корфармо марди зардинаи қадбаланди миёнаумр, ки Иван–амак номаш мебурданд, ҳафтае як бор омада, кори анҷомдодаи мардикоронро қабул мекард.

Ин пагоҳӣ низ ӯ омада дарахтони буридаи мардикоронро дида, қаноатмандиашро баён кард. Онҳо нақшабарзиёд да-рахт бурида буданд.

Иван–амак дар байни тоҷикписарон Наимро надида аз ҳамроҳонаш ӯро пурсон шуд.

– Ба Наимҷони мо пули зиёд лозим аст, аз ҳамин сабаб ӯ ҷонашро дар хатар монда шабу рӯз кор мекунад, ин пагоҳӣ низ ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, ба ҷангал рафт – гуён роҳбарӣ гурӯҳ – амаки Фаридун амали Наимро ба корфармо шарҳ дод.

– Ба шумо пул лозим нест?– пурсид Иван–амак.

– Лозим аст, аз хонаву дар, аз зану фарзандон, аз диёри маҳбуб ба ин мусофириҳо барои ба даст овардани маблағ омадаем. Аммо чун Наим мо девона нестем, ки ҷонамонро ба пул иваз кунему фарзандонамон барои зиёрати қабри мо ба Сибир оянд. Ӯ дар ҳақиқат девона аст. Он дарахтонеро, ки мо дар байни як ҳафта буридаем панҷоҳ фоизашро ӯ танҳо буридааст. Боқимондаи панҷоҳ фоизашро мо ҳабдаҳ нафар буридаем – гуфт амаки Фаридун.

– Ман пагоҳ ба шаҳр меравам, агар ягон хоҳиш дошта бошед, бегоҳӣ навишта ба ман диҳед – гуфта Иван-амак бо

онҳо хайрухуш кард.

Бегоҳӣ дар вагон-хона ҳама мардикорон ҷамъ омада буданд. Ба бухории оҳанин беист кундачаҳои майдакардашударо мепартофтанд, қарс-қурси сӯхтани хезум ба гӯш мерасид, аммо хонаи оҳанини онҳо ҳеҷ не, ки гарм шавад.

Наим низ баъди кори вазнини рӯзона анҷомдодааш дар назди оташдон дастонашро гарм мекард. Ӯ ҳамеша хомӯш буд. Ба сӯҳбати дигарон ҳамроҳ намешуд. Ба саволҳои онҳо ё «ҳа» мегуфт ё «не». Чун одамони ғамзада доимо маъюс буд.

Иван–амак аз рӯи ваъда бегоҳӣ омада хоҳиши дар варақчае навиштаи амаки Фаридунро гирифт ва ба Наим рӯ овард:

– Писарам, агар ягон хоҳиш дошта бошӣ, ман аз шаҳр биёрам.

– Иван–амак, агар тавонед, ба ман китоби химия ва биология биёред.

– Китобҳои гуфтагиатро меорам, аммо ба забони русӣ. Мешавад?

– Мешавад, амакҷон, дар муддати ду сол ман русиро хуб омӯхтам, дар мактаб аз фанни забони русӣ баҳои «чор»–у «панҷ» мегирифтам. Муаллимаамон Екатерина Дмитриевнаро ҳама дӯст медоштем ва дарсҳояшро азёд мекардем то ҳозир шеърҳои додаи ӯро азёд медонам.

Баъди як ҳафта Иван–амак омада дар роҳ бо Наим, ки дарахт мебурид, вохӯрд. Ӯ мошинро боздошт:

– Мана, писарам, хоҳишатро иҷро кардам, китобҳои гуфтаатро овардам – гуфт.

– Раҳмат амакҷон. Ман дар вақтҳои бекорӣ мехоҳам онҳоро хонам.

– Охир, ту вақти бекорӣ надорӣ–ку. Шабу рӯз меҳнат мекунӣ. Ана, ҳозир ҳам ҳама дар хонаи гармакаку ту дар ҳавои сард дарахт мебурӣ. Биё даруни мошини ман даро, ин ҷо гармак, каме сӯҳбат мекунем.

Наим ин таклифро рад карда натавонист ва либосҳояшро аз барф тоза карда, ба мошини Иван–амак даромад. Иван–амак ӯро бо қаҳва зиёфат кард. Ӯ доимо дар мошинаш дар зарфи махсус қаҳваи гарм мегардонд.

– Писарам, китобҳо барои ту чӣ даркоранд, магар ба донишкадаи олӣ-и дохил шуданиӣ?

– Бале, амакҷон, ман орзу дорам, ки ҷарроҳ шавам.

– Барои дохил шудан пули бисёр лозим аст?

– Не амакҷон, ман дар хурдӣ гуноҳи азиме кардаам, мехоҳам пули зиёд ба даст оварда, он гуноҳамро шӯям.

– Чӣ хел гуноҳ?

Наим оҳи вазнине кашид:

– Амакҷон, ин қиссаи дурудароз аст. Ҳам вақти шуморо мегирам, ҳам вақти худро. Дар ин муддат ман чанд дарахт мебурам.

Ҳисси кунҷковии Иван-амак боло гирифт:

– Писарам, нақл кун, ман вақт дорам, дар бораи дарахтони набуридаат, ягон фикр мекунем.

Наим фикран ба зодгоҳи офтобрӯяаш – Тоҷикистон баргашт ва ҳодисаи бист сол пеш рӯйдодаро ба ёд овард.

Онҳо дар яке аз ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон дар сарҳади Афғонистон мезистанд. Деҳаашон дар мавзеи хушманзарае мавқеъ дошт. Аз як тараф теппаҳои сарсабз ва аз тарафи дигар дарёи Панҷ бо оби мусаффои худ пахтазорҳои деҳаро шодоб мекард, ки бар ҳусни деҳа меафзуданд. Дар баҳорон он теппаҳоро майсаву себарга ва гули лола чунон устокорона оро медоданд, ки бинанда фикр мекард, рассом бо рангҳои гуногун нақши чаканро болои он теппаҳо кашидааст. Шир–шири ҷуйчаҳое, ки аз дарёи Панҷ ба онҳо ҷорӣ мешуданд, ба кас ҳаловат мебахшид. Боғҳои хурмо ва токзоре, ки доман паҳн карда буданд, бо чаҳ–чаҳи булбулон ва хониши дигар парандагон деҳаро ба боғи афсонавӣ табдил дода буд.

Ҳавлии Наимино дар як гӯшаи деҳа ҷойгир аст. Падараш

– амаки Пӯлод – тракторчии пешқадами хоҷагӣ буд. Ӯ ҳамеша нақшаҳои хоҷагиро барзиёд иҷро мекард. Рӯз дар заминҳои хоҷагӣ ва шаб дар заминҳои шахсии аҳли деҳа, ки дар талу теппаҳо ба онҳо ҷудо карда дода буданд, заҳмат мекашид. Кӯшиш мекард, ки аҳли оилааш камбудие надошта бошад. Вақте, ки аз кор бармегашт, посе аз шаб гузашта буд ва ӯ оҳиста ба хонаи хоби фарзандон даромада, аз пешонии Наим ва духтарчааш Нодира бӯсида хоб мерафт. Пагоҳӣ барвақт аз пайи кор мешуд. Модараш Сабоҳат низ дар колхоз кор мекард. Азбаски Нодира холо яксола нашуда буд, он баҳор модараш ба саҳро намерафт. Наими чорсола доимо аз кафои модараш мегашт. Агар модар назди мурғон равад, ӯ низ кафашро пури дон карда, ба онхо дон медод ва ҳар пагоҳӣ ба катак даромада тухмҳои мурғонро мегирифт ва шодон назди модар метохт. Агар модар назди гову мол равад, албатта Наим дар он ҷо ҳозир буд ва ба говдӯшии модар наззора карда мехост ба ӯ ёрӣ диҳад. Оилаи Наимино миёнаҳол, вале хеле хушбахт буданд.

Он рӯзи шум як умр дар ёди Наим мондааст ва мемонад. Қарибиҳои нисфирӯзӣ одами бисёре ба ҳавлиашон омаданд, фиғони модар гӯши фалакро кар мекард. Падар дар вақти таъмири трактораш беаҳамиятӣ карда, зери чархҳои он мондааст.

«Хонамой, хонамой, хонамой!» гуфтани модар дили ҳар шунавандаро реш–реш мекард.

«Маро бо ду кӯдаки хурд ба кӣ партофта, рафтӣ?» – гӯён модар рӯю мӯяшро меканд.

Хешу табор ва ҳамсояҳо таскин доданӣ мешуданд, аммо бенатиҷа.

Наим падарро аз серкориаш серӣ надида буд, аммо симои падар дар рӯзи дафнаш як умр пеши назари ӯ меистод.

Хизмати Пӯлоди тракторчӣ ба ҳама расида буд ва ӯро дар деҳа ҳама дӯст медоштанд ва ҳурмат мекарданд. Барои гусел ба сафари охират аз рӯи сипос ҳамаи аҳли деҳа ҷамъ

омада буданд…

Дар назари Наим қади баланди падар баъд аз мурдан боз дарозтар шудааст. Абрӯ ва мӯйлабҳои сиёҳаш дар рӯи сафеди каме офтобхӯрдааш падарро боз ҳам зеботар нишон медоданд.

Матои сафеде, ки дар рӯи падар партофта буданд, пур аз хун буд.

Дар вақти дафни падар ҳама мардони деҳа ба қабристони болои теппа баромада буданд. Бобои Наим дар як дасташ асо аз дасти хурдакаки Наим дошта, оҳиста – оҳиста «воҳ бачам, воҳ тобутбардорам, қуввати дилам, миёни хамгаштаамро шикастӣ. Охир, писар тобути падарро мебардошт, на падар аз писарро. Кошки худованд ҷони маро мегирифт, воҳбачам… » – гуфта ба болои теппа назди қабри писар расид ва дар як гӯшаи болои кабр нишаста талху зор гирист.

Марги падару модар мерос аст, марги фарзанд – теғи алмос, – мегӯянд.

Баъди анҷоми маросими дафн бобои Наим қуввати ба деҳа баргаштан надошт, ӯро ду марди ҳамсоя аз дастонаш дошта, ба хона оварданд.

Баъди ду моҳ мӯйсафед низ аз олам даргузашт. Ҳама шикасту рехти зиндагӣ бар дӯши модар афтод. Кӯдаки ӯ хурд бошад ҳам, ба кори саҳро баромад. Рӯзи дароз Наим бо хоҳарчааш Нодира дар хона танҳо буданд. Модар пагоҳӣ Нодираро дар гавҳора баста, аз Наим хохиш мекард, ки агар хохарчааш гиря кунад, оҳиста ӯро ҷунбонад. Нисфирӯзӣ ӯ аз саҳро шитобон омада, кӯдаконашро сер мекард, боз Нодираро дар гавҳора баста, ба сахро мешитофт.

Бегоҳӣ дарзае алаф болои сар ниҳода, барои хӯроки гов меовард. Ҳамин тавр, рӯзҳо паси сар мешуданд.

Наим баъди фавти падар дигар хандаи модарро надид. Модар доимо серкор, доимо ғамгин буд.

Мегӯянд, ки ғаму дард танҳо не, ҷуфт меояд ё худ

«Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад».

Рӯзе пагоҳӣ модар ҳангоми ба саҳро рафтан таъкид кард:

– Наимҷон, ту калони хона, марди хона, аз хоҳарат бохабар шав. Гавҳораро сахт наҷунбон, боз Нодираҷон наафтад. Охир ту чорсола шудаӣ, ҳама гапро мефаҳмӣ. Дари хонаро кушода намон, ҳаво хеле сард шудааст, боз хоҳарчаат хунук хӯрда касал нашавад.

Баъди ба сахро рафтани модар Наим каме дар берун бозӣ карда, гиряи хоҳарчааш Нодираро шунида, тохта ба хона даромад. Гавҳораро ҷунбонад ҳам, Нодира гиряро бас намекард. Наим дасту рӯи Нодираро дошта дид, ки ях барин хунуканд. Он тарафу ин тарафи хонаро аз назар гузаронда, дар кунҷи хона бухории барқиро дид ва зуд онро ба барк пайваст карда, назди гаҳвора овард.

Баъди чанде хона каме гарм шуд, Нодираро хоб бурд. Наим дид, ки хоҳарчааш хоб рафтааст, ба ҳавлӣ баромада машғули бозӣ шуд. Гиряи гӯшхароши Нодираро шунида, Наим давон ба хона даромада дид, ки рӯйпуши гаҳвора сӯхта истодааст. Хост наздик шавад, аммо аз алангаи оташ тарсида ба берун тохт.

– Очаҷон, очаҷон, хоҳарам сӯхт, Нодира сӯхт – гуфта ҷониби саҳро, назди модар тохт. Дар роҳ кампири ҳамсоя «Наимҷон ба ту чи шуд?»– гуфта пурсад.

– Хоҳарам сӯхт – гуён Наим беист медавид.

Кампири ҳамсоя – момои Роҳила ба хонаи Наимино даромада, он даҳшатро диду рӯпӯши гаҳвораро, ки нимаш сӯхта буд, зуд гирифта як тараф партофт ва дастбандаку побандаки гаҳвораро кушода, Нодираро ба даст гирифт ва берун баромад. Дасту пои кудак, ки бастагӣ буданд, зарар надиданд, аммо рӯю гарданаш суп – сурх шуда, ба гӯшт мубаддал гашта буд. Кӯдак фиғон мекард.

Модари ҷигарсӯхта омада, аҳволи духтарчаашро диду бо тамоми овоз дод гуфта аз ҳуш рафт.

Ягона маркази тиббие, ки дар деҳа буд, доруе надошт, ки ёрии аввалиндарача расонад.

Модар намедонист ба кӣ ва ба кучо муроҷиат кунад. Ҳамсояҳо мошини сабукраверо ёфта модару духтарро ба беморхонаи маркази нохия гусел карданд.

Сабоҳат духтарчааш бист рӯз табобат кунонда, бо ӯ ба хона баргашт.

Аз Нодираи зебояку дустрӯяк нишоне намонда буд. Рӯю гардани ӯ, пажмурда шуда, хеле безеб менамуданд. Биниаш хурдакак шуда буд. Муддати бист рӯз Наим дар хонаи ҳамсояҳо рӯз мегузаронд.

Хонаи Наимино мотамхонаро мемонд. Нодира шабу рӯз ғаш карда мегирист, дарди сӯхтагӣ хеле вазнин аст.

Модар дигар ба кори саҳро ҳам баромада натавонист. Ягона говашонро фурӯхта, ба табобати Нодира харҷ карданд. Зиндагиашон рӯз ба рӯз бадтар мешуд.

Ҳар боре, ки Сабоҳат ба духтарчаашро менигарис, дилаш реш – реш мешуд. Ягон илоҷ надошт. Рӯзҳо паси сар мешуданд. Наим мактабхон шуд. Ҳар рӯз баъди дарс ӯ ба хоҳарчааш китоби «Алифбо» – и суратдорашро нишон дода, шеърҳои азёдкардаашро қироат мекард. Нодира хеле зеҳни тез дошт, ӯ низ шеърҳоро ба зудӣ азёд мекард. Нодира дар панҷсолагӣ ҳама ҳарфҳоро медонист, ба ҳар ҳарф шеър азёд карда буд ва то сад хисоб мекард.

– Аммо аз мазоху масхараи кӯдакон ҷойи гурез набуд. Кӯдакон аз пасаш «сӯхтагӣ» «сӯхтагӣ» гуён тохта масхара мекарданд.

Ҳар бор баъди кӯча баромадан ӯ гирён ба хона меомад. Наим, албатта, баромада кӯдакони масхаракардаро латукӯб мекард. Падару модарони онҳо назди Сабоҳат шикоят меомаданд.

Рӯзе Сабоҳатро тоқат тоқ шуда, Наимро сарзаниш кард:

– Аз пушти ту шуда, гул барин духтарам сӯхта боиси масхараи кӯдакон шудааст, бас нест, ки ҳар рӯз ҳамсояҳо аз рӯи ту шикоят мекунанд. Мемонӣ осуда зиндагӣ кунем ё не?

Ин суханони модар ба Наим чунон сахт расид, ки

гунаҳкори асосии бадбахтии хоҳарчаи ба ҷон баробараш будани худро ҳис карда, ба хона даромада, хеле гирист. Нодира низ даромада ба Наим ҳамроҳ шуд. Модар аз гуфтааш пушаймон шуду фарзандонашро ба оғӯш гарифта зор– зор гирист.

Рӯзҳо мегузаштанд. Нодира хафтсола шуд ва ӯро ба мактаби деҳа бурданд. Дар мактаб ҳама ба ӯ масхараомез нигоҳ мекарданд, аз пушташ механдиданд.

Дар синф касе бо ӯ наменишаст, ҳама худро аз ӯ канор мегирифтанд.

Рӯзи якуми сентябр низ ба хонаи онҳо хурсандӣ наомад. Нодира гирён аз мактаб омад:

– Дигар ман мактаб намеравам.

–Нодираҷон, ту ҳама ҳарфҳоро медонӣ, ҳатто хонда, метавонӣ аз ҳамаи ҳамсинфонат ту басаводтарӣ. Каме тоқат кун, ман калон шуда, духтури ҷарроҳ мешаваму туро ҷарроҳӣ мекунам. Аз нав хушрӯю нозанин мешавӣ, – гуён Наим ӯро таскин дод.

Аз ҳамон рӯз дар дили Наим як мақсад – хонда духтур шудан ва хоҳарашро мисли пештара зебо дидан буд. Барои ин шабу рӯз мехонд.

Нодира низ ба суханони бародараш гӯш дода, мактабро тарк накард, аъло мехонд.

Наим баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба донишкадаи олии тиб супорид, аммо дохил шуданатавонист. Ҳамаи имтиҳонҳоро супорид, аммо…Ӯ дигар ба деҳа баргашта наметавонист. Охир, чӣ хел ба чашми хоҳараш Нодира нигоҳ мекунад. Охирин умеди Нодираро барбод додан намехост.

Ба комиссариати ҳарбӣ ариза навишту ба хизмати аскарӣ рафт. Кариб хар рӯз аз хоҳарчааш мактуб мегирифт. Нодира сарзанишаш мекард;

–Акаҷон, барои чӣ гашта хона наомадӣ? Ман туро ёд кардам. Модарам роҳи туро интизор.

Баъди адои хизмат Наим ба хона баргашт. Хохарчааш

духтари қадрасе шуда буд.

Наим медонист, ки аз деҳаи онҳо як гурӯҳ ҷавонон ва мардон дар Русия мардикорӣ доранд ва ба аҳли хонаводаашон пул мефиристанд.

Ӯ низ қарор дод, ки ба мардикорӣ раваду маблағе ба даст оварда, хохарчаашро ҷарроҳӣ кунонад.

Инак, ду сол аст, ки дар ҷангалҳои Сибир дарахт мебурад. Маблағе чамъ овардааст. Ба хона низ тез–тез пул мефиристад. Имсол хоҳарчааш мактабро бо баҳои аъло хатм кардааст.

Ду рӯз пеш аз хона мактуб гирифт.Модар навишта буд:

«Писараки азизам Наимҷон. Шабу рӯз аз даргоҳи Худованд саломатии туро хоҳонам. Дар хунукиҳо худатро эҳтиёт кун. Ба мо дигар ҳеҷ чиз даркор нест. Гашта биё. Ба хоҳарат амаки Бахроми подабон хостгор мондааст. Хамсараш дурударoз касал шуда аз дунё гузашт. Ҳафт кӯдак дорад. Агар ту розӣ бошӣ, як табақ нон дода, бе туй ӯро ба амаки Баҳром диҳем.

– Кори худи Нодира – шабу рӯз гиря. Мегӯяд, ки «агар ин корро кунед, худамро мекушам».

Писарам Наимчон, ту ба хоҳарат навис. Ӯ туро дӯст медорад, аз гапат намебарояд. Гӯй, ки розӣ шавад. Охир, бо ин иллат Нодираи бечораи моро кадом ҷавон ба занӣ мегирад? Баҳром шастсола ҳам бошад, хонаву дар дорад.

Бо эҳтиром, модари ҷигарсӯхтаву ғамкуштаат – Сабоҳат».

Наим саргузашташро ба Иван–амак нақл карда, мактуби модарро, ки дар дасташ буд, аз қаҳр ғиҷим кард.

– Ана, амаки Иван, барои чӣ ман шабу рӯз кор мекунам. Он гуноҳеро, ки дар хурдӣ кардам, мехохам бишӯям.

Охир духтари ҳаждаҳсола наход лоиқи мӯйсафеди шастсола бошад?

Иван-амак накли пур аз ғаму дарди Наимро гӯш карда гуфт:

– Писарам,ман метавонам ба ту ёрӣ расонам. Ман ҳам ду фарзанд дорам, ҳардуяшон духтар. Духтари калонӣ – Катерина ба наздикӣ номзади илм шуд. Ӯ ҷарроҳ аст. Духтари дуюмам – Светлана имсол мактаби миёнаро хатм карда, ба донишгоҳи тиб дохил шуд. Ӯ ҳам мисли ту табиб шудан мехохад. Духтаронам забони тоҷикиро медонанд. Ман, Наимҷон, Точикистонро дӯст медорам. Бист соли ҳаётам дар он кишвари зебо, офтобрӯя ва мехмоннавозу биҳиштосо гузаштааст. Ману ҳамсарам Галинаро бо роҳхат ба сохтмони ГЭС–и Норак фиристоданд. Мо дар он ҷо ҳаёти хеле хуб доштем, мардуми таҳҷоӣ ба мо бисёр меҳрубон буданд. Соли 1993 баъди бесарусомониҳо аз кишвари шумо ба Сибир баргаштем. Галина баъди як соли баргаштан бемор шуда, аз дунё чашм пушид. То лаҳзаҳои охирин ӯ Тоҷикистонро ба некӣ ёд мекард. Дар марги ӯ худро гунахгор ҳисоб мекунам. Агар кӯчида намеомадем, шояд ӯ бемор намешуд. Фикр мекунам, баъди гармиҳои Точикистон сардии Сибир ба ӯ сахт таъсир кард. То имрӯз ману рафиқони тоҷикам бо хам дар тамос мебошем ва рафтуомад ҳам дорем. Ана, барои чи тақдири шумо, тоҷикписарон, маро ба ташвиш меорад.

Иван–амак ғайриихтиёр саргузашташро ба Наим нақл кард. Ӯ худро дар ватани дуюмаш Тоҷикистон медид. Бо Галинаи меҳрубонаш аввалин қадаммониҳои фарзандонро диданд, аз нахустин ҳарфи ба забон овардаи онҳо завқ бурдан, бо камоли ифтихор онҳоро ба мактаб гусел кардан, аз пеши назараш чун навори кино гузашт.

– Агар ту розӣ бошӣ, ман бо духтарам Катерина барои ҷарроҳии хоҳарат маслиҳат кунам?

– Амакчон, ман ҳамаи пули коркардаамро ба шумо медихам, як умр хизмататонро ба ҷо меорам, факат хоҳарам хушбахт бошад, – гуён Наим чун кӯдак гирист.

* * *

Шаҳри Маскав. Фурудгоҳи Домодедово. Наим, Иван–

амак ва духтари хурдии ӯ Светлана ҳавопаймои Душанбе – Москавро интизоранд. Светлана, ки аз саргузашти Наим огоҳ буд, аз падар хоҳиш кард, ки ӯро низ бо худ барои пешвозгирӣ барад, аз дидори аввал Наим ин ҷавони қадбаланди абрӯсиёҳ ба ӯ хеле маъқул шуд. Ҳиссиёти аҷибе ӯро фаро гирифт.

– Салом, ман Света – худро ба Наим шинос кард.

Наим бо забони ширини тоҷикӣ сухан гуфтани Светаро шунида, бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ кард. Каме дасту по хӯрд.

Иван–амак ин ҳолатро мушоҳида карда гуфт–:

–Наим, охир боҷуръат бош.

Наим худро ба даст гирифта гуфт:

–Ассалом, ман – Наим.

Дар ҳамин маврид хабар доданд, ки тайёраи Душанбе – Маскав фуруд омад ва пешвозгирон метавонанд мусофиронро истиқбол бигиранд.

Нодира дар байни анбӯҳи одамон бародараш Наимро дида, хеле хурсанд шуд.

Онҳо ба назди Екатерина Ивановна рафта, Нодираро бистарӣ карданд ва баъди понздах рӯз ба ҷарроҳӣ омода намуданд.

Наим боз хам зиёдтар кор мекард. Мехост ба Иван–амак фаҳмонад, ки барои хоҳараш ӯ ба ҳар кор қодир аст. Ҳар рӯз бо хоҳараш телефонӣ сӯҳбат мекарданд.

Баъди понздах рӯзи ҷарроҳӣ Иван–амак назди мардикорон омада, аз аҳволашон хабар гирифт ва ба Наим хабар дод, ки охири ҳафта ниқоби докагӣ аз рӯи Нодира гирифта мешавад ва ӯ метавонад ба аёдати хоҳараш биравад.

Наимро, ки дар роҳрави бемористон бетокатона равуо дошт, ба утоқе даъват карданд.

Хоҳараш Нодира дар назди оинаи калон менишаст. Екатерина Ивановна бошад, докаро аз рӯи ӯ кушода, ба Наим рӯ овард:

– Наимҷон, ку нигаҳ кун, хоҳаратро мешиносӣ ё на?

Аз оина ба Наим духтари соҳибҷамоле нигариста;

–Акаҷон, ин манам, Нодира! – гуфт.

Нодира ба оина нигариста табассум мекард.

Ин на танҳо баҳори ҳусн, балки баҳори дил низ буд.

Екатерина Ивановна ба Наим рӯ овард:

–Наимҷон, хоҳарат як моҳи дигар бояд дар муоинаи мо бимонад. Ман медонам, шумо дар ин шаҳри калон ҷои зист надоред, аз ҳамин сабаб ӯ дар хонаи ман мемонад. Ҳоло падарам ва Света моро мунтазиранд, якҷоя ба хонаи мо меравем, баъд бо ту хайрухуш мекунем.

Вақте ки онҳо ба хонаи Екатерина Ивановна расиданд, дарро Света кушода, бо табассуми зебое, ки маҳз ба ӯ хос буд, меҳмонҳоро пешвоз гирифт.

Бори дуюм вуҷуди Наимро ҳиссиёти ширине фарогир шуд. Ӯ аз Света чашм канда наметавонист. Рӯи сафед, чашмони кабуд, муйҳои тилоранг ва табассуми зебои Света ӯро мафтун карда буд.

Иван–амак бори дуюм Наимро аз ин ҳолат баровард:

–Ку, меҳмонони тоҷикистонии ман, марҳамат, ба хона дароед.

Онҳо то як поси шаб сӯҳбат карданд. Света бо Нодира ба зудӣ унс гирифта, албоми суратҳояшро, ки дар Тоҷикистон гирифта буданд, ба Наим ва Нодира нишон дод.

Аз ҳаёти донишҷӯиаш нақлҳои аҷиб кард.

Нодира Светаро ба Тоҷикистон даъват кард.

–Хуб, ман ба Тоҷикистон меравам, агар ту ба ман куртаи чакан духта диҳӣ. Ҳамсояамон ба Катя дӯхта буд, азбаски ман хурдакак будам, ба ман надӯхтанд, аз ҳамон вақт ман орзуи пӯшидани куртаи чаканро дорам.

–Бо ҷону дил, Светаҷон, ман худам бароят чунон чакане дузам, ки дидагӣ мафтун шавад. Хизматеро, ки шумо ба ману бародарам кардед, мо як умр фаромӯш намекунем.

Света ба Наим рӯ овард:

–Падарам гуфтанд, ки ту мехоҳӣ табиб шавӣ. Агар хоҳӣ, ман ба ту барои дохил шудан ёрӣ мерасонам. Китобҳои зиё-

де дорам. Метавонӣ аз онҳо истифода барӣ.

Шаби дароз Наимро хоб набурд. Симои модар пеши назараш меомад. Андеша мекард, ки чӣ хел модараш аз дидани Нодира шод мешаваду чӣ хел ӯ донишҷӯ шуда, Светаро ба Тоҷикистон мебарад ва ӯ куртаи чакан пӯшида ҳавлии онҳоро зеб медиҳад.

Ӯ хурсанд буд. Аввал хоҳараш шифо ёфт, дуюм Худованд ба ӯ Светланаи нозанинро рӯбарӯ кард.

Дар чеҳраи Наим баъди чанд сол баҳор ҷилвапардозӣ кард. Ин баҳори дил буд…

# БӮИ МОДАР

Модарҷон, модари ширинам. Туро ёд кардам. Нони нав аз танӯр кандаву шири навдӯшидаатро ёд кардам, мехоҳам болои зонувони нармат сар монаму чун даврони пешин ҳаловат барам. Аммо…

–Поям дард кард. Як зани калони соҳиби панҷ фарзанд, мисли кӯдак ноз мекунӣ. Хез, поям дард кард – гуфтанҳоят ба хотирам мерасаду…

–Сарам вазнин нест–ку? Зонувонатон мисли пари қу нарманд, барои чӣ дард мекунад? – ба хотирам меояд нозу нузи бамавриду бемавридам.

Модарам зани босавод, сафедрӯ, чашмони мисли осмони диёр кабуд, рухсораҳои шабеҳи барги гули лола сурх, мӯйҳои ба зардӣ моил чун абрешими пилла ва нӯрҳои офтоб дурахшону пурҷило, зани ғаюру чеҳракушод, ҳалиму меҳрубон, чевар, кадбону, аз ҳаёву меҳр дастовез дошту аз гулу гиёҳ пояндоз, бо насиҳату маслиҳатҳояш бо оромӣ ва тамкини доимиаш гули сари сабади ҳар маърака буд. Ҳар гоҳе ки куртаи ҳарири сафедашро ба бар мекард, намехостам чашм аз ӯ канам. Куртаи сафед ба ӯ хеле мезебид. Либосзеб, ботану туш буд. Бароям ӯ зеботарин зани дунё буд.

Ин фикрро шояд ҳар як фарзанд, ки модари ӯ беҳтарини модарон аст, кунад ва эҳтимол ин дуруст ҳам бошад.

–Хез охир, зонуям дард кард. Ман ба ҳаштод даромадаам.

–Модарҷон, ҷон модарҷон, сарамро наҷунбон, мон, ки рӯи зонувонат камакак дам гирам.

–Як зани капа – калон ба чил даромадаасту чун кӯдак рафтор дорад.

–Охир худат такрор ба такрор мегуфтӣ, ки барои падару модар фарзанд, новобаста ба синну сол, кӯдак мемонад.

Ҳис мекардам,ки аз ин нози ман ҳаловат мебурдӣ.

Ширинзабон будӣ.Ҳеҷ гоҳ баланд гап намезадӣ, ҷангу

коҳиш намекардӣ. Фақат як бор, як бор сахт ҷангам кардӣ. Аз қаҳр пайкарат бедвор ларзид. Як умр ин ларзиш аз ёдам намеравад.

Зимистон буд. Мехостӣ нон пазӣ. Сари танӯр ҷунбуҷӯл доштӣ. Ман аз мактаб омада, табдилии либос кардам ва наздат сари танӯр ҳозир шудам. Он вақт дар синфи чорум ё панҷум мехондам. Ҳезуми тар дарнамегирифт. Пуф мекардӣ, дар таги ҳезум хасрӯбаҳои тарро монда, мехостӣ алов кунӣ, ҳеҷ, не ки оташ аланга занад. Аловхона пур аз дуди сиёҳ шуда буд. Сӯи оғил рафтӣ, ки ягон ҳезум ё таппаки хушк оварда, оташро даргиронӣ.

Ман давида аз ҷевони даруни хона як китоби кӯҳнаи варақҳояш зардшударо ёфта, аз он як ду варақ кандаму оташро фурӯзон кардам. Аз кори кардаам шод будам.

– Модарҷон, ман оташро даргирондам. Бинед, оташ аланга мезанад – шодикунон хабар расондам.

Дар даст таппак омада, ба алангаи оташ нигоҳ кардиву ба дасти ман, ки варақҳои китобро якто–якто дарронда, ба даруни танӯр ба оташ меандохтам.

Китобро аз дастам кашида гирифтӣ. Дастонат меларзиданд, пайкарат бедвор меларзид, сар то по меларзидӣ. Бо нигоҳи маломату мазаммат, бо чашмони ашколуд, китоби кӯҳнаи зардшударо ба синаат зер кардӣ.

– Чӣ кори кадаат буд ? Кӣ аз ту хоҳиш кард, ки оташ гиронӣ? –гуфта маро аз пеши танӯр дур сохтӣ. Ман бори аввал туро дар ин ҳолат дидам. Китоби кӯҳнаи зардшударо гӯё дар банди дилат ҷо карда бошӣ. Ба оташ нигариста, китоби кӯҳнаи зардшударо сахттар ба синаат зер мекардӣ. Бо гӯшаи рӯймол нами чашмонатро поккунон бо оҳу ҳасрати сӯзон китобро сахттар зер мекардӣ.

Оташ торафт аланга мегирифт.

Модар, ту бо ҳаяҷони шадиду ларзиши дил ба танӯр такякунон, ба замин нишастӣ. Чизе нагуфтӣ, ба сӯям нигоҳ ҳам накардӣ. Китоби кӯҳнаи варақҳояш зардшударо мебӯсидиву ба чашмони пурнам мемолидӣ.

Ҳаво низ якбора тағйир ёфт, гирист, бо борон нею бо барфҳои калон–калони лаклакӣ. Ҳама ҷо сап– сафед шуд. Шамол як ду дона барфро ба рӯям зад. Барф мисли шарораи сӯзон рӯямро лесида об шуд. Ба хаёлам, чун кундаи тар дуди сиёҳ баровард, на танҳо оташхона, балки дунёи хурдакаки дили ман пур аз дуди сиёҳ шуд.

Ҳанӯз он лаҳза ва гиряи талхатон аз хотирам зудуда нагаштааст.

Гуноҳамро надонам ҳам, наздат нишаста, бо чашмони суоломез сӯят нигириста, ноаён ашки сӯзони чашмонамро бо муштҳои хурдакак пок кардам.

Оташ оҳиста –оҳиста хомӯш гашт, хамир туруш шуд.

Метарсидам сабаби ранҷуриатро пурсам. Дар кунҷи хона дарс тайёр мекардам. Чанд саҳифа хонда бошам ҳам, ба сарам чизе намедаромад. Ба хона даромадӣ. Аз ҷой парида хестам, чашмони зебоят суп–сурх буд. Ба болои кӯрпача нишастӣ. Ман наздат нишаста, беихтиёр чун ҳамеша сарамро ба зонуят мондам.

Сарамро сила кардӣ, аммо чизе нагуфтӣ,хомӯш будӣ.

Ман акнун дарк мекунам, ки азбас он вақт хурд будаму дардатро намефаҳмидам, барои ҳамин хомӯширо авло диниста будаӣ.

Фақат як чизи муқаддасро фаҳмондӣ.

–Духтарам, ҳеҷ гоҳ ба сӯи китоб, гаҳвора ва нон пой дароз накун, ки убол аст.

Солҳо гузаштанд, ман калон шудам. Сабаби ба қаҳр омаданатро дер, хеле дер фаҳмидам.

Бале, баъд фаҳмидам, ки модарам дар оилаи шахси хеле босавод, хатмкардаи мадраса ба дунё омада будааст. Онҳо чор нафар буданд: модарам, хоҳари калонӣ ва ду бародар.

Дар деҳаи калоне, ки онҳо зиндагонӣ мекарданд, падари модарам, яъне бобоямро ҳама ҳурмат мекарданд, чунки ягона шахси босавод ва қуръонхон будаанд.

Бобоям дар талу теппа дарахтони бисёри мевадиҳанда

шинонида, боғи пурмевае обод карда будааст, ки онро ҳама «боғи муаллим» мегуфтаанд. Рӯз ба хурдсолон ва бегоҳӣ ба калонсолон савод меомӯзондааст, шогирдони зиёде дошта-аст.

Оилаашон миёнаҳол ба шумор мерафтааст. Соҳиби гов, бузу гӯсфанд будаанд вале сарвати асосиашон дар сандуқи калони чубин, ки ними хонаро банд карда буд, нигоҳ дошта мешуд. Ҳеҷ гоҳ дар ҳузури фарзандон падару модар сандуқи чӯбинро намекушоданд.

Солҳои сиюм. Замона хеле нооором буд. Агар се нафар шоҳидӣ медод, ки ин мард мулло, китобхон аст ё сарвате дорад, бе пурсупос ӯ душмани давлат ва халқ ҳисобида шу-да, ё бадарға ва ё беному нишон гум мешуд.

Як сели офат ба сари мардуми бечора омада буд. Ҳама ба якдигар шубҳаомез нигоҳ мекарданд, оҳиста гап мезаданд, ки гӯши ғайр нашунавад. Зиндагиашон ҳамеша биму ҳарос буд.

Он рӯзи шумро модар ҳеҷ гоҳ аз ёд намебаровард. Бегоҳӣ ба ҳавлиашон як гурӯҳ силоҳбадастон даромада, тамоми чи-зу чораи хонаро такурӯ карданд. Ягона сандуқи калони чӯбинро, ки падару модар чун гаҳвараки чашм эҳтиёт ме-карданд, чор нафар кашолакунон ба саҳни ҳавлӣ баровар-данд. Дашномҳо дода, калиди сандуқро пурсон шуданд.

Ин гурӯҳи бедиёнату каллабур, роҳзану берӯ чанд вақт боз деҳа ба деҳа гашта, мардони баҷигар, гарданшах, боса-вод, соҳиби китобу молу ҳолро душману хоини сохти нав ҳисобида, кӯшиш мекарданд, ё мутеъ кунанд, ё аз деха бе-рун созанд.

–Калидро биёр! – гуфта сардори ин гурӯҳ чун ваҳшиён дод зад.

Падару модар сархам гӯё дар даҳон об гирифта бошанд, хомӯш буданд. Чор нафар фарзандони хурдсол аз шунидани сухани қабеҳ ва доду вой тарсида, ба пои падару модар час-пида, гиря мекарданд.

–Табарро биёред! –амр кард сардори гурӯҳ.

Баъди дақикае яке аз аъзоёни он гурӯҳи зиштkору хунхор табарро ёфта овард.

– Шиканед сандукро!

Дар ин лаҳзаҳо падар нимшунаво худ ба худ чизе мегуфт. Аз Худованд хоҳиш мекард, ки ба дар дили ин гургон раҳму шафқат биандозад.

Сарпӯши сандуқ шикаста ва аз дохили он даста–даста китобҳо ба рӯи ҳавлӣ партофта шуд.

Падар бетоқат шуд.Назди он оқипадарҳо ба зону зад ва хоҳиш кард:

–Инҳо китобҳои муқаддасанд илтиҷо мекунам, онҳоро ба замин напартоед, убол аст. Аз Худо битарсед.

Дар як лаҳза ҳамаи аҳли деҳаро ба он ҳавлӣ ҷамъ оварданд.

–Сӯзонед! Оташ занед! – дод гуфт сардори гурӯҳ.

Падар худро болои китобҳо партофт. Хоҳишу илтиҷо мекард, ба дили онҳо раҳму шафқат оварданӣ мешуд.

–Дасту по бандед ин душману хоини сохти нави давлатдориро. Мадраса тамом кардам гуфта, ҳамаро китобхон кардааст. Кӣ медонад, дар китобҳои ӯ чӣ навишта шудааст? – бо хашму ғазаб меғуррид сардори гурӯҳ. Аз чашмони хашмбори ин гурӯҳ хун мерехт, худро ҳокими мутлақ меҳисобиданд. Сар то по силоҳдор буданд, шамшеру туфанг дар даст, тозиёнаро ба соқи мӯзаҳояшон хаста, чашми халқи одиро метарсонданд.

Аҳли деҳа аз тарс сар боло намекарданд.

Ашки чашмони падари дастутобаста, аз ду бари рӯяш чун ҷӯй ҷорӣ шуда, чакра –чакра мерехт, гӯё ашк мехост оташро ба ин минвол хомӯш кунад.

Тозиёнаи сардори гурӯҳ ба рӯй, сар ва тамоми аъзои бадани падар бо шаст пайиҳам бармехӯрд. Хун рӯи ӯро мешуст. Ҳамсараш давида пеши пои шавҳараш худро партофт.

Модар илтиҷо мекард:

–Шавҳарам гуноҳе надорад. Дар ин китобҳо ягон сухани ноҳақ нисбати давлат ва сохти имрӯза нест. Инҳо китобҳои муқаддасанд. Қуръон асту Ҳофизу Бедилу Мавлавӣ…

Сухани модар ба охир нарасида, садои тири ба ҳаво андохташудаи туфанг ӯро хомӯш кард…

Доду войи фарзандон баланд шуд.

–Муаллимро ба пушти ароба бандед, сагбачаҳояшро пеш–пеши ароба кунед–фармон дод сардори гурӯҳ.

Хоҳари калонӣ, ки чордаҳ сола буд, додараки дусолаашро сари даст кард, модарам ва бародари дуюмаш аз домони апа дошта, сарлучу пойлуч аз деҳа берун шуданд.

Аҳли деҳа хомӯш ашк мерехтанд. Касе ҷуръат намекард, ки сухане гӯяд. Ҷон ба ҳама ширин буд.

Солҳо гузашт, ахли деҳа дар бораи тақдири устоди худ ва аҳли оилааш дигар чизе нашуниданд.

Аз якдигар чизе пурсиданӣ шаванд, аз тарс аввал ба чор тараф нигоҳ мекарданд.

Фарзандони муаллим ба чор ятимхонаи аз ҳам дур супорида шуданд.

Модар бо дили ранчур он рӯзҳоро ёд меовард.

Дар кӯи интизор, бо чашмони бедори ба роҳ чор, ки апаву бародарон аз кадом тараф ба суроғи ӯ меомада бошанд, асири ҳазору як фикри талху ширин…

Модар касби аҷдодиро пеша кард ва баъди хатми мактаби муаллимӣ бо роҳхати вазорат ба минтақаи Кӯлоб ба кор фиристода шуд.

Ӯ ба чор тараф мактуб фиристода, апа ва бародаронашро меҷӯяд. Нишонии бародаронро меёбад. Онҳо ба якдигар мукотиба мекунанд.

Хабари сар шудани ҷанг ҳама умедҳоро барбод дод, тири сӯзон ба ҳар як хонадон сар халонд. Синаи афгори хоҳар, ки нав бародаронро ёфта буд, аз нав ғамхона гашт. Орзуву ормонҳояш барбод рафт. Онҳо бо ҳам вохӯрданду худи ҳамон рӯз хайрухуш карданд. Бародарон барои ҳимояи Ватан ба ҷанги Гирмон рафтанд.

Модар аз онҳо тез–тез мактуб мегирифт. Гаштаю баргашта, номаҳои бародаронро мехонд. Бадии кор дар он буд, ки бародарон дар фронт боз ҳам аз якдигар ҷудо шуданд. Ба ҳар ҳол, модар шукр мегуфт, ки онҳо зиндаанд. Номаҳои онҳо то охири умри модар дар сандуқчаи хурдакак нигоҳ дошта мешуд.

Модар боз танҳо монд. Нишонии апаашро мекобад, хушбахтона ёфт. Онҳо хурсанд буданд. Апааш Шаҳрия бо аҳли оилааш кӯчида назди хоҳар ба ноҳияи Фархор меоянд.

Имрӯз болои дукони модар бо аҳли фарзандонам ҷамъ шуда, модарро ёд мекунам, ба фарзандон бо фахр дар бораи модар сухан мегӯям.

Ҳар гоҳе ба зодгоҳам – Фархори куҳан сафар кунам, аз ҳама ҷо: аз хиёбонҳои пур аз гулҳои шабнамзадаву хушнакҳату хушрӯй, аз боғу роғи гулафшон, аз орувону мурғони пуркор, аз дарахтони сермеваи пурбор, аз инсонҳои баору номуси ин диёр, хулоса, аз ҳама чизу хама кас аз одаму олам ба машомам бӯи модар меояд. Ин аст, ки Фархорро бо бӯи модар дӯст медораму, модарро бо номи Фархор. Имрӯз боз ёди модар маро ба дуру наздик, ба лаҳзаҳои шодию нишот ва рӯзҳои сарду сиёҳ, ғаму қулфат бурда овард.

Модарҷон, ҷон модарҷон, ёдат кардам.

Гуфтаниҳои зиёд дорам, аммо қалам оҷизӣ мекунад, то бузургиатро васф кунам…Ҳазор афсӯс!

# ШӮРДОМАН

*(Қисса)*

Посе аз шаб гузашта буд. Ба ғайр аз шир–шири ҷӯйчаи назди хавлӣ садое атрофро халалдор намекард. Санавбар оҳиста аз ҷойгаҳ бархоста, кӯрпаи болои фарзандонашро дуруст намуду ба берун баромад. Болои кати таги долон амонат нишаста, ба осмон назар кард. Дар чеҳраи аз ғуссаю ғам коҳидаю афсурдааш, аз таровату латофат ва малоҳату нафосате, ки пеш дошт, асаре намонда, ӯ ба шабаҳе монанд шуда буд, ки базӯр роҳ мегашту сухан мегуфт.

Осмон низ чун Санавбар ғамгин буд, ки на ситорагонашро нишон медоду на моҳашро. Аз ҳавои форам нафаси амиқ кашида, боз ба осмон назар кард. Ҷо–ҷо ситораҳоеро дид, ки аз паси абрҳои сиёҳ базӯр намудор буданд. Дар байни ситораҳо ситораи худро ҷуст. Аммо…

Вақте ки дар хонаи падар бо апаҳояш болои кати ҳавлӣ рахти хоб меандохтанд, то хобашон бурдан аз осмон ҳар кас ситораеро интихоб мекард, бо якдигар ҳазлу шухӣ мекарданд. Аз ҳама ситораи дурахшонро Санавбар пайдо карда, ба ӯ рози ҷавонӣ мегуфт. Чи лаҳзахои ширину гуворо буданд он лахзаҳо! Дур аз тамоми ташвишу нобасомониҳои зиндагӣ.

Санавбар қатъӣ қарор дод: пагоҳӣ мехезаду назди хусуру хушдоман мақсадашро баён месозад. Розӣ шаванд хуб, агар не, ихтиёрашон…

Санавбар баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба коллеҷи тиб супорида, имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорид. Донишҷӯ шуд. Ӯ орзу дошт таҳсилашро дар донишгоҳи тиббӣ давом диҳаду духтур шавад, аммо тангии рӯзгор барои ба шаҳр рафта таҳсил кардан имкон надод. Баъди марги падар модар онҳоро танҳо калон кард. Худо ба ҳамсояашон – амаки Мирзо Кабиров баракат диҳад, ки холаи Савриро

наздаш хонда, дар беморхона ҷои кор дод. Онҳо дар ҳамсоягӣ – девордармиён зиндагонӣ мекарданд. Доимо таъкид мекард, ки одам хоҳ зан бошад, хоҳ мард, бояд маълумот дошта ё ягон касберо соҳиб бошад.

– Ҳамсояҷон, агар маълумот медоштед, фаррош нею ҳамшираи шафқат мешудед. Дар чунин рӯзҳои вазнин аробаи зиндагиро кашидан ба шумо мушкил намешуд. Охир, ҳоло ҳатто оилахои мардинадор базӯр зиндагиро саришта мекунанд. Барои ҳамин гапи маро гиред, монед, ки Санавбар ба мактаби олӣ рафта хонад. Соҳиби касб шавад. Ҳар гоҳе дар маҷлиси падару модарони мактаб иштирок намоям, муаллимон, роҳбари синф ва директори мактаб одобу ахлоқ ва донишомӯзии Санавбарро таъриф мекунанд. Ба писарам Зафарҷон доимо Санавбарро мисол меорам, ки бояд ӯ барин хонӣ.

Зафар – писари сардухтури беморхонаи деҳа ва Санавбар ҳамсинф буданд ва дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ мекарданд. Доимо дар азхудкунии фанҳо мусобиқа доштанд. Дар саволу ҷавобе, ки муаллимон ташкил мекарданд, Санавбар бартарӣ нишон медод. Фанҳои химия, биология ва забони русиро бештар мехонданд, чунки падар ба онҳо фаҳмонида буд, ки ин фанҳо барои ба донишгоҳи тиб дохил шудан бештар лозиманд. Онҳо аз муаллима Екатерина Дмитровна дарси иловагӣ мегирифтанд. Баъди дарс ба хонаи муаллима рафта, ба корҳои рӯзгор ба он кас ёрӣ мерасониданд ва соате сабақ гирифта, ҳарду ба хона бармегаштанд.

Екатерина Дмитровнаро на танҳо дар мактаб, балки дар тамоми деҳа дӯст медоштанд ва ҳурматашро ба ҷо меоварданд. Ин духтараки русро муҳаббати тоҷикписар Наим аз Ростови лаби Дон ба Тоҷикистони биҳиштосо оварда буд. (Наим он ҷо хизмати аскарӣ карда буд) Екатерина бо расму русуми тоҷикӣ ошно гашта, ду писарашро бо духтарони деҳа хонадор карда онҳоро хононд, яке духтур ва дигаре мисли хушдоманаш дар мактаби деҳа муаллима аст.

Екатерина Дмитровна ба забони тоҷикӣ хуб сӯҳбат мекунад. Зани хеле ҳалиму меҳрубон, вале дар дарс сахтгир мебошад, ягон калима ба забони тоҷикӣ намегӯяд.

Қобилият ва кӯшиши Санавбарро дида, мегуфт:

– Санавбарҷон, ту албатта хонданро давом деҳ, ғуломи зиндагӣ нашав, дар чордевор худатро хор накун. Агар маълумот дошта бошӣ, ба атрофиён дасти ёрӣ дароз кунӣ, соҳибҳурмат мешавӣ. Қадрат мекунанд. Бе ҳунару бе маълумоту бе касб сархам, гапшунав мешавӣ.

Аз ин суханони пандомези муаллимаи азизаш Санавбар рӯҳу илҳом мегирифт. Бо Зафарҷон ҳарду қарор доданд, ки ба донишкадаи тиб дохил шуда духтур шаванд, ба деҳа баргашта хизмати ҳамдеҳагонро ба ҷо оранд.

–Ман пойҳои дардманди очаҷонамро табобат мекунам– орзу мекард Санавбар.

–Ман ба ҷои падарам сардухтур мешавам,–ҳазл мекард Зафарҷон. Охир, он кас пир шудаанд, ман ки донишгоҳро хатм кардам, бояд он кас истироҳат кунанд.

Рӯзе ки Зафарҷон ҳамроҳи падар барои супоридани ҳуҷҷатҳояш ба шаҳр раҳсипор гашт, Санавбар ба ҳавлии ҳамсоя ва ҳамсинфаш даромада, хост хайрухуш кунад.

– Санавбар, бори дигар фикр кун, биё, якҷоя ба пойтахт равем, донишатро ҳайф накун охир, дониши ту аз ман ҳам зиёдтар аст.

– Зафарҷон, ту медонӣ, ки ин хоҳиши ҷонии ман аст, аммо афсӯс…Ту ҳамаашро медонӣ, дасти норасо, баъд модарам…

Санавбар то поёни деҳа Зафар ва падари ӯ Мирзо Кабировро гусел кард. То омадани автобус мунтазир шуд. Зафар ва падараш ба автобус нишастанд. Автобус ҳаракат карда аз назар ғоиб шуд. Санавбар ҳамоно дар болои теппа аз қафои онҳо нигоҳ мекард.

Ӯ хеле ғамгину сархам ба хонаашон баргашт. Холаи Саврӣ ҳолати духтарашро дида, чизе нагуфт, хомӯширо авло донист.

Пагохӣ Санавбар чун ҳамеша аз хоб барвақт бархоста, ҳавлӣ меруфт, модар ягона гови дар бисоташон доштаро, аз ҳавлӣ берун бароварда, ба подаи деҳа ҳай кард. Дар сари кӯча бо ҳамсояашон холаи Зебӣ дучор омада, аҳволпурсӣ карданд.

– Ҳамсоя, мегӯянд, ки дина Санавбар аз паси бачаи Мирзои духтур сарлучу пойлуч гиря карда, то поёни деҳа рафтааст? Тавба…Эхтиёт кун, духтари бепадар шармандаат накунад!

Холаи Саврӣ қаҳролуд ба холаи Зебии серҷоғ нигоҳ карду чизе нагуфта ба хавлӣ баргашт. Холаи Саврӣ ба ҳавлӣ даромада буд, ки:

–Очаҷон, чой дам кардам, ширбат ҳам тайёр –гуфта Санавбар докаи сап–сафеди рӯи дастархонро кушода, модарашро болои суфа ба наҳорӣ таклиф кард.

Модар бо меҳрубониҳои зиёд сари духтарашро сила карду гуфт:

–Барака ёбӣ, духтарам, – ва пиёлаи чойро ба даст гирифта давом дод:– бисёр ғам нахӯр, духтури калон нашудӣ, духтури хурд мешавӣ, ана дар маркази ноҳия коллеҷи тиб кушода мешудааст. Даромада хон, ҳамшираи шафқат мешавӣ. Дар пешаки худам маълумот мегирӣ, соҳиби касаба мешавӣ. Ман ҳам хотирам осуда. Аз гапу гапчаҳои бемаънӣ метарсам, духтарам.

Санавбар аз рухсори модар бӯсид:

–Рахмат модарҷон, ман ҳеҷ гоҳ рафторе намекунам, ки боиси малоли шумо шавад. Баобрӯй хонда табиб мешавам, пойҳои шуморо табобат мекунам.

Санавбар баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба коллечи тиб супорида, донишҷӯ шуд. Орзу, дошт ки баъди хатми коллеҷ таҳсилашро дар донишгоҳи тиб давом дихаду духтур шавад. Аммо орзуҳо орзу монданд, амалӣ нашуданд. Ба ҳамаи ин Содиқ зомин шуд.

Содиқ ва Санавбар дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ мекарданд.

Содиқ баъди адои хизмати аскарӣ ҷавони кадбаланди хеле зебо шуда буд. Ҳар рӯз пеши роҳи Санавбарро гирифта гап мепартофт:

–Санавбар, ин қадар духтари зебо шудаӣ. Қаду қоматат мафтуну чашмони шаҳлоят маҷнунам карданд. Чӣ кор кунам, ки ба ман нимнигоҳе кунӣ?

Санавбар тамоман фикри шавҳар кардан надошт. Ба гаппаронию суханпардозиҳои Содиқ аҳамият надода, роҳашро давом медод.

Содиқ дид, ки бо ин роҳ дили духтарро ёфтан мушкил аст, хоҳишашро назди падару модар ифшо кард. Падару модар аз интихоби писарашон бисёр хушҳол шуданд, чунки оилаи Санавбарино дар деҳа ҳамчун оилаи хуб шинохта мешуд.

Волидайни Содиқ – амаки Усмон ва холаи Собира ба хонаи Санавбарино дастархон бардошта хостгорӣ рафтанд.

–Ҳамсояҷон, мо бо хоҳиши писарамон Содиқ ба хонаи шумо омадем, –гуфта амаки Усмон сухан оғоз кард.– Содиқҷон духтари шуморо маъқул кардааст. Интихоби ӯ ба мо ҳам маъқул шуд. Агар шумо розӣ бошед, мо тайёрии тӯйро бинем.

–Хуш омадед, ҳамсояҷон, хушбахт падару модаре, ки ба остонаи хонааш хостгорҳо меоянд. Шумо медонед, ки ман панҷ фарзандро бе падар калон кардам, рахматӣ падарашон орзуву ҳаваси фарзандонашро надида, бо ин дунё падруд гуфт. Ҳама падару модар орзу дорад, ки фарзандаш хушбахт шавад, ҷуфти муносиб ёбад, дар зиндагӣ азоб накашад. Агар духтарам розӣ бошад, ман зид нестам –гуфта бо духтараш маслиҳат карданро лозим донист.

Хостгорҳо аз хонаи Санавбарино бо табъи болида баромаданд.

Модари Санавбар – холаи Саврӣ духтарашро наздаш хонда, бо ӯ дар бораи меҳмонҳои омада, гап кушод:

–Духтарам, ин меҳмонҳо хостгорҳои ту буданд. Содиқ дар пеши мо калон шуд, бачаи боодоб аст, ана хизмати ас-

кариро хам адо карда омад. Агар ту розӣ бошӣ, тӯй кунем. Тарбия кардани духтари бе падар душвор аст, духтарам, мехохам бо обрӯй тӯю тамошо карда, туро хонадор кунам.Чи гуфтӣ, духтарам?

–Модарҷон, ҳоло ман нияти шавҳар кардан надорам, мехоҳам хонам, духтур шавам. Шумо тез–тез бемор мешавед. Шуморо табобат кунам. Шавҳар кардан ба ҳеҷ куҷо намегурезад. Охир, Содиқ ягон маълумот ё касбу ҳунар надорад. Пагоҳ зиндагии оилавиро чӣ хел пеш мебарад?–гуфт бо сари хам.

Хостгорҳо рӯздармиён омада, Савриро ба ҷону ҳолаш намемонданд. Хешу табор ҳам ба миёна даромада, «духтари қадрасро дар хона чӣ манъ мекунӣ?»– гуфта холаи Савриро насиҳат мекарданд.

Оқибат холаи Саврӣ бо Санавбар ҷиддӣ гап зада, хоҳишу илтиҷо ва талаб кард, ки ба туй розӣ шавад.

–Модарҷон, ман ба шарте розигиамро медиҳам, ки ба хондани ман монеъ нашаванд.

Қудоҳо ба шарти келин розӣ шуданд.

–Бигузор хонад, ман барои кору бори хона ду келин дорам –гуфта холаи Собира розӣ шуд.

Масъала пухт, тарафҳо ба тӯй тайёрӣ медиданд.

Калоншавандаҳои деҳа камхарҷу ботанзим гузаронидани туйро ба амаки Усмон маслиҳат дода бошанд ҳам, аммо ӯ боз кори худро кард.

–Туй туйи ман, барои обрӯи писарам ва худам тӯе мекунам, ки мардум ангушти ҳайрат газанд,–гуфта амаки Усмон дар масҷиди деҳа ба ҳама эълон кард.

Се шабу се рӯз мардуми деҳа, хешу табори дуру наздик, рафиқони домод тӯйхурӣ карданд.

Санавбар баъди як ҳафтаи тӯй пагохӣ барвакт бархоста баъди анҷоми корҳои ҳавлӣ, либосҳояшро пӯшиду барои ба дарс рафтан омодагӣ гирифт. Азбаски Содиқ аз хоб нахеста буд, ба хушдоманаш муроҷиат кард:

–Холаҷон, ман ба дарс рафтам, ва ба сӯи дарвоза равона шуд.

–Келин, аз шавҳарат пурсидӣ, ки ба хондан рафта истодаӣ?– гуфта холаи Собира ба хонаи хоби Содиқ ишора кард.

–Не, холаҷон, он кас хоб.

–Хоб бошад, то бедор шуданаш мунтазир шав, охир. Содиқ – шавҳарат, аз ӯ напурсида ту ҳуқуқи аз ин ҳавлӣ баромадан надорӣ–гуфта холаи Собира ба хонаи хоби худ даромад.

Санавбар дар байни ҳавлӣ ҳайрон монд. Аз роҳаш баргашта, ба хона даромад. Ба соати деворӣ нигарист, ки ба дарсаш дер шуда истодааст. Шавҳарашро бедор карда, мақсадашро баён кард.

–Ман барои он зан нагирифтаам, ки дар кӯчаҳо худро зебузинат дода, равуо кунад. Хонда шудӣ, шин дар хона: – гуфта Содиқ рӯяшро ба тарафи девор гардонида хоб кард.

Тамоми рӯз Санавбар парешон буд, охир ваъдаи онҳо чӣ шуд? Барои чӣ маро фиреб доданд? Охир ман танҳо бо он шарт ба тӯй розӣ шудам, ки хонданамро давом диҳам пас хоҳиши ман барои ӯ ҳеҷ аст?

Ин саволҳои беҷавоб дилашро торик кард. Зарбаҳои сахти қалб майли шикастани хонаи дилро доштанд. Кадом қуввае буд, ки ӯро базӯр нигоҳ дошт. Худдорӣ кард. Соатҳои даҳи рӯз шавҳараш аз хоб бархост. Санавбар бо табъи хира назди Содиқ дастархон кушод.

–Чӣ қошу қавокат овезон, абри сиёҳ барин дар хавлӣ гаштаӣ? Ё мехоҳӣ тезтар аз хавлӣ баромада, бо ҳамкурсон сайругашт кунӣ? Ё ягон кас туро дар назди мактабат интизор? Барои чӣ ҷавоб намедиҳӣ?

Санавбар чунин муомилаи дурушт ва суханони дағалро мунтазир набуд. Дар ҳафтаи аввали зиндагӣ шунидани ин суханҳои носазо барои ӯ даҳшат буд. Ӯ аз шавҳар чашмдори меҳру муҳаббат, навозиш, сухани ширин буд. Аз шунидани ҳарфи муҳаббат ба осмонҳо, ба шамсу қамар парвоз карданӣ

буд.

Санавбар ин лаҳза чун гули пажмурдаи берангу бӯйи баргҳояш афсурдаю хушкида мехост фиғон занад. Дод гӯяд. Ӯ давида ба хонаи хобаш даромаду худро болои рахти хоб партофта ашк рехт. Қатраҳои ашки шӯр аз рухсораҳои гулгун ба лабонаш шорид. Ӯ шӯриро чашида, аз ҷояш якбора бархост. Қатраҳои ашк ба домонаш рехт. Ӯ ба андеша рафт: ана барои чӣ духтарон ва занонро шӯрдоман мегуфтаанд.

Не, ӯ ҳеҷ гоҳ шӯрдоман шуданӣ нест. Ҳамаашро ба модар гуфта, пагоҳ ба дарс меравад, мехонад, духтур мешавад…

Бегоҳӣ модараш аввалин бор баъди туй як табақи калон оши палав бардошта ба дидорбинии духтараш омад. Санавбар аз дидани модараш шод шуда, давида дастархони модарро аз дасташ гирифт.

–Биё, қудоҷон, биё, гуфта холаи Собира меҳмонро ба хона даъват кард.

–Не, қудоҷон, болои суфа мешинем, ин ҷо ҳаво тоза, баъд ман вақти зиёд ҳам надорам, дар хона кор бисёр, – гуфта холаи Саврӣ серкориро баҳона кард.

–Санавбарро бисёр ёд кардам. Ҳеҷ гоҳ аз наздам дур нашуда буд. Чизе гумкардагӣ барин дар ҳавлӣ гаранг–гаранг мегардам, бе падар калон карда, бо обрӯй тӯй кардани духтар ҳам дар ин замона ба ҳар кас насиб намегардад,–гуфта холаи Саврӣ бо гӯшаи рӯймоли калони сафедаш ашки чашмонашро пок кард.

Санавбар шукргӯии модарро дида, нахост ӯро ғамгин кунад. Охир, модари зор бо чӣ азобҳо, танҳо, онҳоро калон кард. Азбаски зани кадбону, ҳунарманд ва чевар буд, дар тамоми маъракаҳои деҳа ӯро ба ёрӣ даъват мекарданд. Дар туйҳо нону санбӯса мепухт, куртаю кӯрпаю болиштҳои арӯсон, ҷома ва тоқии домодонро медӯхт. Он чизеро, ки ҳақи хизат лоиқаш медонистанд, ба хона оварда, панҷ фарзандашро хор шудан намемонд. Бегоҳиҳо дар касалхонаи деҳа фаррошӣ мекард. Баъзан аз он ҷо низ луқмае ба фар-

зандонаш меовард.

Санавбар ҳар гоҳе барои ёрӣ ба модар беморхона мерафт, занони хилъатсафедро дида, ҳавасаш меомад. Ӯ низ мехост мисли онхо шавад…

–Писарам, Содиқон, ба берун баро, холаат омадааст,– гуфта холаи Собира писарашро чеғ зад.

Аз хона Содиқ баромада, тарафи холаи Саврӣ нигоҳи сарду босалобате карда гуфт:

–Хола, нағзӣ ?– ва аз ҳавлӣ берун шуд.

Дар ҳавлӣ як лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Аз ин вохӯрии хунуки писараш холаи Собира низ ҳиҷолатомез ба холаи Саврӣ:

–Қудоҷон, ҷавонӣ – дия – гуфта рафтори писарашро баҳо дод.

Дили захмини Санавбарро рафтори шавҳараш якбора ба дард овард. Ин лаҳзаҳо ӯ ором буд, аммо дар сар чӣ хаёле ва дар дил чӣ шӯре ва туғёне дошт.

Ба ҳоли модар дилаш сӯхт, вале хомӯширо авло донист.

Баъди як моҳ Содиқ барои кор ба Русия рахти сафар баст. Он қарзе, ки падар барои тӯяш гирифта, бо фоизҳояш дучанд шуда буд. Содиқ, ки на касб дошту на маълумот, то ба он рӯз рӯзҳои дароз дар хона нишаста, аз падар таънаю маломат мешунид:

–Занҳо барин дар хона нашин, рафта кор карда, қарзҳоро деҳ. Як нонхӯр будед, дуто шудед,– мегуфт амаки Усмон.

Рӯзи рафтан Содиқ ба Санавбар рӯ оварда гуфт:

–То омадани ман ба хонаи модарат намеравӣ! Фаҳмидӣ?

Баъди рафтани Содиқ аҳволи Санавбар бад шуду хуб не. Се хоҳаршӯяш ҳар баҳона карда, бо ӯ ҷангу ҷидол мекарданд. Келинҳои калон низ «мо хуб хизмат кардем, акнун келини ҷавон кунад» гуфта, ҳама кори хонаро бар дӯши Санавбар монданд. Муносибати хушдоман низ хуб набуд.

–Барои ту шуда писарам дар ба дар, дар мулки бегона қарзҳои туйи туро канда гаштааст,– гуфта таъна мекард.

Санавбар дар оила пештар аз ҳама бармехост. То бархостани аҳли оила ҳавлӣ меруфт, гову молро саришта мекард. Шири дӯшидаашро пухта, гову молро аз ҳавлӣ берун мекард, ки ба подаи деҳа ҳамроҳ шаванд. Болои суфаи ҳавлӣ дастархон андохта, барои ноништа чизе тайёр карда бошад, болои онро бо докаи сафед, то хестани аҳли хонадон, пӯшонда мемонд. Ба ҳота даромада, зироатро хишова мекард. Шири дӯшидаашро аз дег бардошта ҷурғот мехобонд ва ба деги калон об пур карда, барои шустани либосҳои аҳли оила ба сари тағора менишаст.

Рӯзе хушдоманаш –холаи Собира аз хоб барвақттар бархоста дид, ки Санавбар хасу хошоки ҳавлиро сӯи берун руфта истодааст.

–Ҳой келин, чӣ кор мекунӣ, ҳама баракати хонаамро берун партофтаниӣ–чӣ? – гуён эрод гирифт.

Рӯзи дигар Санавбар рӯбучинро аз дарвозаи ҳавлӣ сар кард.

Хушдоман чашмонашро молида – молида аз хонаи хоб баромад ва ба кори Санавбар боз эрод гирифт.

–Тавба, ин келин чӣ кор карданашро намедонад, ҳама хасрӯбаҳоро сӯи ҳавлӣ руфта истодааст. Ту магар дар оғил калон шудаи? Модарат ба ту кору бори зиндагиро нафаҳмонд?

Санавбар дар байни ҳавлӣ ҳайкал барин рост монд. Чӣ кор карданашро намедонист. Охир, дирӯз «баракати хонаамро ба берун бароварданиӣ» гуфта гап шунида буду имрӯз…

Хомӯширо авло дониста, хасрӯбаҳоро дар байни ҳавлӣ ҷамъ оварду ба тағораи калон бардошта, аз ҳавлӣ берун шуд, то ки ба поёни деҳа бурда партояд. Дар кӯчаи беодами деҳа Санавбар аз ҳавои субҳидам нафаси озоди чуқуре кашида, тағораро болои сар бардошт, сӯи партовгоҳ қадам монд. Худ ба худ саволҳои зиёди беҷавоб медод.

Худоё, ин муносибат то кай давом меёфта бошад? Шавҳараш кай баргашта меомада бошад? Он орзую ҳавасҳое, ки дошт, магар бо ҳамин анҷом ёфт? Магар ғунчаи орзуяш ношукуфта хазон хоҳад шуд? Худоё, қувватам деҳ, то ҳамаи инро паси сар кунам, сабур бошам. Дар назди партовгоҳ ба дуриҳо назар кард. Шӯълаҳои офтоб, ки нав аз паси теппа намоён шуда буданд, бо дурахши худ чашмони Санавбарро хира мекарданд. Ӯ ба худ омад. Худоё, ягон кас маро дар назди партовгоҳ лолу ҳайрон бинад, ба ҳолам хандиданаш мумкин. Тез қафо баргашта сӯи ҳавлиашон қадам монд.

Санавбар баъди як моҳи рафтани шавҳар аз иштиҳо монд, чизе ба гулӯяш намеғунҷид, дилбеҳузурӣ азобаш медод, сараш чарх зада, чанд бор дар ҳавлӣ беҳуш шуд. Духтур ҷеғ заданд. Духтурзан ҳомила буданашро муайян кард.

Ӯ ҳам шод буду ҳам не. Шод аз он, ки модар мешавад, ғамгин аз он, ки танҳост. Рӯзҳо, моҳҳо гузаштанд, аз Содиқ дараке набуд. Гоҳ–гоҳ телефонӣ гап мезад. Як чиз мепурсид : «ба хонаи модарат рафтӣ?»

Санавбарро дарди кӯдак гирифт, ба модараш хабар доданд. Ба хотири Саврӣ–хола, ки дар беморхона кор мекард ва ҳама ӯро дар ҷои кор ҳурмат мекарданд, ҳама гирди сари Санавбар парвона буданд. Ӯ шоҳписаре таваллуд кард, ки чор кило вазн дошт.

Ба Содиқ хабар карданд, ӯ серкориро баҳона карда наомад. Аммо ба писараш ном монд : Ҷовид.

Рӯзе, ки Санавбарро аз беморхона ҷавоб медоданд, модар хоҳиши ӯро пурсид:

–Духтарам, одатан баъди таваллуди фарзанди нахустин ба хонаи модар мераванд. Ту чӣ фикр дорӣ?

–Не, модарҷон, ман ба хонаи худ меравам. Мабодо Содиқ шунавад, хафа шуданаш мумкин–гӯён Санавбар ҳурмати шавҳарро авло донист.

Аз байн як моҳ гузашт. Фасли тирамоҳ буд. Дар саҳроҳои колхозӣ пахта шукуфта буд. Аз ҳар хона як ё

дунафарӣ бояд ба чидани пахта бароянд.

Нигоҳи аҳли хонадон ба Санавбар дӯхта шуд. Ӯ фаҳмид. Ҳар пагоҳӣ фарзанди ширмакашро монда ба саҳро мерафт. Гарми рӯз дар ҳавои тасфон аз саҳро болои сараш як дарза алаф барои говҳо баргашта, саросема кӯдакашро мемаконд. Баъди ду ҳафтаи пахтачинӣ кӯдак бемор шуд. Духтурон муайян карданд, ки кӯдак аз шири тасфони модар бемор шудааст.

Санавбарро бо Ҷовидаш дар беморхона хобонданд. Ба хабаргирии ӯ ва фарзандаш фақат модари муштипараш меомаду халос.

Санавбар шабҳои бехобӣ ба хаёлҳо ғӯта зада, тақдири зан–модарро фикр мекард. Вақте ки сиҳату саломат ҳастӣ ба шавҳар ва хешу табори ӯ даркорӣ, аммо бемор ки шудӣ, бояд табобатро албатта модар кунад.

Ӯ «мумкин шавҳарам дар ин ҷо мешуд, кор ранги дигар мегирифт» гуфта худро таскин медод.

Санавбарро баъди ду ҳафтаи бемордорӣ аз касалхона рухсат карданд. Рост ба хонаи худаш рафт. Хушдоман ва хоҳарони шавҳар пичингомез «аз истироҳат омадӣ?» гуфта киноя карданд.

Бегоҳии рӯзи дуюм Содиқ низ аз Русия баргашт. Бегоҳӣ аҳли хонадон ба хӯроки шом тайёрӣ медиданд, ки Содиқ аз дарвоза даромад. Ин лаҳза Санавбар гов медӯшид. Овози шавҳарашро шунида, тамоми аъзои баданаш ларзид. Ӯ вохӯриашонро тамоман дигар хел тасаввур мекард. Охир, онҳо ҳамагӣ як моҳ зиндагонӣ карда буданд. Санавбар ташнаеро мемонд, ташнаи шавҳар, ташнаи меҳру муҳаббати ӯ, навозиши ӯ. Аз ин ташнагӣ як соли дароз ҷигараш сӯхт. Аз он чашмае, ки нӯш кардан мехост, ҳамагӣ як моҳ нӯшида буду халос. Ӯ ҳам лоиқи навозиш, лоиқи меҳрубонӣ, лоиқи парастиш аст. Ӯ зан аст, аз барги гул нозуктар, аз обҳои чашмасорон шаффофтар, як сухану рафтори хуб ӯро метавонад ба осмонҳо барад ва як сухани бад ба заминаш занад.

Санавбар сатили ширро бо дока пӯшонда, овезон карду дастҳояшро шуст ва ба меҳмонхона, ки Содиқ ва аҳли оила он ҷо буданд, наздик шуд. Дар ҳаяҷон буд, аъзои баданаш меларзид, дилаш аз фараҳ мехост аз деворҳои танги сина берун бароyд. Ин интизор тӯлонитар аз интизори яксолааш намуд. Ӯ беихтиёр ба оинае, ки дар даҳлез буд, назар кард. Санавбар ёд надошт, ки охирин бор кай ба оина нигоҳ кардааст. Аз оина гӯё ба ӯ зани офтобхӯрдае бо чашмони ғамангез нигоҳ мекард. Дастаки дари меҳмонхонаро дошта, ҷуръат накард, ки онро кушояд. Ба қафо баргашту дар ҷояш шах шуд.

Овози ханда ва баланд–баланд гап задани аҳли хонадон, ки якдигарро гӯш накарда, ҳар кадом мехост ба Содиқ чизе гӯяд, тифли дар гаҳвора будаи ӯро бедор кард. Ҷовид бо садои баланд гирист.

–Келин, кучҷой, бачат бедор шуд,– гуфтани хушдоман–ӯро ҳушёр кард. Хайрият, тифлакаш гиристу, ӯ ба ёди аҳли хонадон расид.

Санавбар ба хона даромада, оҳиста «ассалом» гуфт. Ба назди гаҳвора рафт писарашрро, аз гаҳвора кушод.

Содиқ, ки дар бари боло нишаста буд, назди гаҳвора омада, писарашро ба даст гирифт. Ҷовид хомӯш шуд. Дар ин лаҳза ҳамаи аҳли оила хомӯш буданд.

–Ин писари ман паҳлавон шудааст–кӯ!– гуфта, Содиқ ба ҷои худ гузашта нишаст ва бачаашро дар бағал монда, нигоҳ кард.

–Тавба, – гуфт амаки Усмон, – бачаҳои охирзамон шарму ҳаё надоранд. Мо то бачаҳоямон роҳгардон шуда, худашон ба бағаламон надароянд, шарм мекардем, ки онҳоро ба бағал гирем. Замона дигар шудааст.

Ин суханони падар Содиқро дар хиҷолат мононданд магар, ки ӯ писарашро ба холаи Собира дароз кард. Кӯдак гуё чизеро фаҳмида бошад, ба гиря оғоз кард. Ғаш мекард. Хушдоман каме бо кӯдак андармон шуда, ӯро навозиш кар-

дан мехост, аммо кӯдак беист мегирист.

–Келин, гир бачата, – гуфта кӯдакро ба Санавбар, ки дар назди гаҳвора шах шуда меистод, дароз кард. Санавбар Ҷовидро гирифта, ба хонаи хоби худ гузашт. Ҷовид баъди шир макидан ором шуда хоб рафт.

Аз омадани Содиқ ҳамсояҳо бохабар шуда, ба дидорбинии ӯ омаданд. То як поси шаб чароғи меҳмонхона фурӯзон буд. Баъди рафтани меҳмонҳо Санавбар ба шустани дегу табақ ва дигар зарфҳо машғул шуд. Баъд ба ҳаммом даромада, шустушӯ карду либосҳои тоза пӯшид ва ба хонаи хоб даромад, ки Содиқ хоб буд.

«Аз роҳ монда шуда омадааст» аз дил гузаронид Санавбар.

Пагоҳӣ Содиқ аз ҷомадони сафарӣ як ҷуфт курта ва шими кӯдакона бароварда, ба Санавбар дароз кард.

–Мумкин барои Ҷовид калонтар бошад, хайр баъд мепӯшонӣ,– гуфта буд, ки модару хоҳарон, келинҳо ва падараш низ интизори ҳадя будаанд. Аз ӯ « чӣ овардӣ?» – гӯён пурсон шуданд.

–Ба ягон кас ягон чиз наовардам. Базӯр нисфи пули қарзамро овардаму халос –гуфтани Содиқ аҳли хонаводаро бедимоғ кард.

Содиқ барои гапро ба дигар тараф бурдан аз Санавбар сабаби ба беморхона афтоданашро пурсон шуд.

–Духтур гуфтанд, ки аз саҳро гармогарм омада, кӯдакро макондаӣ, сабаби бемории кӯдак ҳамин аст,– гуфта буд, ки Санавбар дар бало монд.

–Моро дар пеши шавҳарат гунаҳгор карданиӣ, ки мо туро ба кори саҳро фиристодаем?– гуфта амаки Усмон бадқаҳрона аз хона баромада, ба тарафи оғил рафт.

–«Ду ҳафта кор накарда, бемории бачаашро баҳона карда, истироҳат кард. Ақаллан як моҳ кор мекард, ки аз хоҷагӣ якчанд ҷӯяк гирифта пая мечиндем, аловӣ мешуд» гӯён хушдоман ҳам ғур–гуркунон сӯи катаки мурғҳо рафт.

Фазои носолиме дар хона ҳукмрон шуд.

–Мебахшед, ман касеро гунаҳкор карданӣ набудам,– гуфтани Санавбарро касе шунидан нахост. Содиқ ҳам аз ҳавлӣ баромада рафт.

Хоҳарони Содиқ аз набудани бародар истифода бурда, «соҳибдор шудааст, хабаркаш» гӯён ба янгаашон хеле пичингу киноя заданд.

Санавбар шири навдӯшидаашро ба деги калон андохта, пухт ва аз пайи дигар корҳо шуд, то ки шир каме хунук шавад ва онро ҷурғот хобонад.

Хоҳари калонии Содиқ – Моҳира аз набудани Санавбар истифода бурда, бо оташков хокистарҳои таги дегро чунон сахт кофт, ки гарди хокистар болои шири навпухтаро сип–сиёҳ кард.

Баъди лаҳзае хушдоман ба сари деги шир омад. Қиёмат шуд ба сари Санавбари бечора. Чӣ кор карданашро намедонист. Аламҳои пешин ва алами имрӯза чун чашмасорони кӯҳистон дар як мижа задан аз чашмонаш берун омаданд. Абри ғаму андӯҳи яксола, ки дар дилаш ҷамъ шуда буд, борони ашк овард. Санавбар дигар қудрати нигоҳ доштани онро надошт. Доманаш пур аз ашки шӯр гашт. Ҳамон ибора боз ба ёдаш омад: шӯрдоман.

Гиряи Ҷовид ӯро водор сохт, ки ҳама корро партофта, назди ӯ равад ва ягона таскини дил – гаҳвораи ӯро ҷунбонда, оҳиста бо овози паст аллаи сӯзони модарро хонад, то каме ҳам бошад, дилаш холӣ шавад.

Бегоҳӣ аҳли оила боз сари як дастархон ҷамъ омаданд.

–Писарам, наход як сол кор карда, натавонистӣ маблағи даркориро дарёфт кунӣ. Охир бо қарзҳои монда чӣ кор мекунем?– гуфтани падари хонадон амаки Усмон писараш Содиқро хашмолуд кард.

–Ота, ташвиш накашед, ман билети бозгаштанамро ҳам пешакӣ харида мондам. Баъди ду рӯз бармегардам. Қарзи мондагиро меканам. Шумо фикр мекунед, ки дар кӯчаҳои

Русия пул чошида мондаанду мо ҷорӯб карда онро меғундорем? Не, пулёбӣ он ҷо ҳам душвор. Сарамонро ба ҳазор дар зада, шабу рӯз меҳнат мекунем, агар ба корфармои баинсоф афтӣ, пул мегирӣ, набошад беинсофаш ҳисобӣ накарда калӯшҳоятро баъди анҷоми кор пеш мемонад. Бо онҳо дар мулки бегона ҷангу ҷидол кунӣ нашавад.

Пеши чашмони Санавбар сиёҳ шуд. Дили бечораи ӯ аз шунидани ин суханҳо фиғон мекарду, фиғон, фиғони бесадо… Санавбарро дар таги долон дил танг шуд, ба саҳни ҳавлӣ баромада, болои суфа нишаста, ба осмон назар кард. Як қатра борони гарм ба рӯяш зад. Борон ба боридан сар кард. Ин лаҳзаҳо магар осмон ҳамдарди Санавбар шуд, ки бориду борид. Осмон низ мегирист, чун Санавбар. Ҳарду гиристанд. Гиряи Санавбар аз гиряи осмон фарқ дошт. Гиряи осмон ба гулу бутта ва майсаву себаргаҳо тароват медод, каналҳо пуроб, замин хосилхез мешуд. Аммо гиряи Санавбар шӯр буд, ба касе ва чизе лозим набуд, факат шорида доманашро шӯр мекарду бас.

Дардовар он буд, ки шавҳари номеҳрубонаш боз тарки хонаву дар, зану фарзанд мекунад ва ба ҳамаи ин гунаҳгор боз Санавбари бечора, ки «барои тӯйи ту мо карздор шудем».

Ҳама суханони падарро фаромӯш карда буданд, ки гуфта буд: «Барои обрӯи худ ва писарам тӯйи бодабдаба мекунам» ҳатто ба суханони вакили деҳа, ки гуфта буд: «тӯйро камхарҷ гузаронед» гӯш надод. Имрӯз гунаҳгор – келин.

Ду рӯз мисли як мижа задан гузашту рафт. Вақти гусел боз чашмони шаҳлою ғамангези Санавбар пуроб шуд.

Содиқ вақти гусел ақаллан Ҷовидашро ба даст нагирифт. Аз падар шарм кард. Магар фарзанди худро навозиш кардан айбе дорад? Дод аз дасти хурофот! Дақиқтараш, ин хурофот ҳам нест, бефарҳангист…

Баъди шаш моҳ Содиқ пули қарзи боқимондаро фиристод. Хонавода ҳама хурсанд буданд. Ба ғайр аз Санавбар. Санавбаре, ки роҳи шавҳарро мепоид ва дар батнаш фар-

занди дуюмаш мечунбид.

Ҳаёти Санавбар якранг мегузашт. Пагоҳӣ барвақт хестан, гову молро саришта кардан, дӯшидан, ширро пухта чурғот хобондан, хонаву дарро рӯфта, ба тартиб овардан, либосҳои аҳли хонадонро шустан, қитъаеро, ки колхоз ба онҳо чудо карда буд, хишова кардан, боз дарзаи алаф болои сар бардошта ба хона омадан. Ин кори ҳаррӯзаи Санавбар буд. Фақат як машғулият беш аз ҳама ба ӯ писанд буд: Човидро дар гаҳвора баста алла гуфтан. Танҳо дар аллагӯиҳо ӯ метавонист дилашро холӣ, чашмони пуробашро хушк кунад. Келинҳои калонӣ як–як бо шавҳарҳои худ аз ҳавлӣ баромада рафтанд. Соҳиби хонаву дари худ шуданд.

Санавбар фарзанди дуюмро низ таваллуд кард, аммо аз Содиқ дарак набуд.

Содиқ баъди боқимондаи пулро фиристодан на занг мезаду на маблағе мефиристод.

Амаки Усмон ба Содиқ телефон карда, аз писарчадор шуданаш хабар расонд. Дар овози Содиқ ягон хурсандие ҳис накард.

–Содиқчон, ба писарат чӣ ном монем? – пурсид.

–Худатон медонед, ота – гуфту серкориашро баҳона карда, гӯширо монд.

Санавбар баъди таваллуди фарзанди дуюм боз ба хонаи холии шавҳар баргашт. Рӯзҳо, моҳҳо, сол гузашт. Санавбар интизор, интизори шавҳаре, ки меҳрубониашро ҳам надида буд…

Аз рафтани Содиқ се сол гузашта бошад ҳам, аз ӯ дараке набуд.

Рӯзе пагоҳӣ амаки Усмон ба келин рӯ оварда гуфт:

– Духтарам, зиндагӣ душвор шуда истодааст. Як кас будӣ, се кас шудед. Аз шавҳарат ягон ёрӣ нест, аз кори колхоз ҳам ба ғайр аз пая, маблағе ба даст намеорӣ, нафақаи ночизи мо як халта гандум намешавад, ба касалхонаи хочагӣ даромада кор кун, зиндагиро пеш бурдан даркор.

Санавбар ба модараш мурочиат кард. Модар назди сардухтур даромада, хоҳиш кард, ки ба чои ӯ духтараш кор кунад. Сардухтур розӣ шуд.

Санавбар пагоҳии барвақт ва бегоҳиҳо омада, ҳучраи беморонро шуста ба тартиб медаровард. Бар илова ҳамаи кори хона бар дӯши ӯ монда буд. Хоҳарони шавҳарашро низ як–як ба шавҳар доданд. Дар ҳавлӣ хусуру хушдомани пир ва Санавбар бо ду кӯдакаш монда буданд. Ягона касе, ки кор мекард,Санавбар буд, ки маоши ночизашро намедонист, чӣ хел барои рӯзгор сарф кунад.

Аз Содиқ ҳамоно дараке набуд…

Ҳар гоҳе, ки Санавбар ба кор мерафт, духтуронро дида, орзуяш пеши назар меомад, ки агар Содиқ монеъ намешуд, ӯ низ имрӯз либоси сафеди духтурӣ дар бар, фарш намешусту беморонро табобат мекард. Чӣ тақдири талхе ! Ақаллан шавҳараш дар наздаш мебуд, охир аз ӯ на хат ҳасту на хабар.

Рӯзе бегоҳӣ аҳли хонадон хӯроки шом мехӯрданд, ки писарамаки Содиқ – Неққадам аз дар даромад:

–Ассалом, амакчон!

Бо дидани Неққадам, ки хонаашон дар ҳамсоядеҳ буд, аҳли хонадон хеле шод шуданд, чунки ӯ як ҳафта пеш аз Русия омада буд.

Падару модари пир мехостанд аз писарашон хабараке шунаванд. Аъзои бадани Санавбарро низ ларзае фаро гирифт. Ӯ низ мехост маълумоте дар бораи шавҳараш дошта бошад. Аммо Неққадам аз ину он сухан мегуфту дар бораи Содиқ хомӯш буд.

–Неққадамчон, аз Содиқ гап зан, ки талхаам ба кафидан расид. Охир ӯ соли панчум аст, ки аз худ хабаре намедиҳад. Бечора келин бо ду фарзанд роҳи ӯро мепояд, пои мо ҳам ба лаби гӯр расидааст –гуфта амаки Усмон оби дида кард. Холаи Собира ҳам ашк рехт.

Неққадам аз Санавбар хоҳиш кард:

–Янгаҷон, бисёр ташна шудам, як оби хунук меовардед.

Санавбари рамузфаҳм фаҳмид, ки меҳмон хабаре овардааст, ки набояд Санавбар онро шунавад. Ӯ аз хона берун шуд.

Дар ҳақиқат, Неккадам хабаре расонд, ки пиру кампир онро мунтазир набуданд.

Содиқ вақти бори дуюм ба Русия сафар карданаш, дар яке аз ноҳияҳои назди Маскав, дар яке аз сохтмонҳо коргари одӣ шуда кор мекунад. Корфармоҳо тоҷикписаронро, ки кори ҳалол мекарданду наменӯшиданд, муписандиданд, аммо мардикорон ба кӯча баромада наметавонистанд. Зуд ба дасти кормандони ҳифзи ҳуқуқ афтода, ҷазо мегирифтанд. Кисаҳояшон тез–тез холӣ мешуд. Барои аз ин ҳолат баромадан ба онҳо лозим буд, ки қайди давлати Русияро дошта бошанд. Содиқ низ хост роҳе ёфта, қайди он кишварро дошта бошад. Ба ӯ маслиҳат доданд, ки «агар ба ягон зани рус хонадор шавӣ, ин масъала ҳал мешавад». Ӯ дар фикри ёфтани зан шуд. Дар корхонае, ки ӯ ҳамчун сохтмончӣ кор мекард, сармуҳосиб зане буд, аз Содиқ тахминан понздаҳ сол калонтар. Донистани забони русӣ, ки онро каме дар хизмати аскарӣ аз худ карда буд, ба ӯ ёрӣ расонд. Содиқ ба мақсад расид. Валентина розӣ шуд, ки ӯро дар хонаи худ ҷой диҳад.

–Се моҳ якҷоя зиндагонӣ мекунем, агар ба ман маъқул шавӣ, аз қайди никоҳ мегузарем.

Содиқ, ки ҳамагӣ як моҳ ширинии ҳаётро чашида буд, ташна буд. Бо тамоми нозукиҳо Валентинаи аз худ понздаҳ сол калонро навозишу дӯстдорӣ мекард, канда–канда суханҳои зебо ёфта, ӯро таърифу тавсиф мекард. Дили занро ёфт.

Содиқ худро муҷаррад муаррифӣ кард, чунки бо Санавбар расман ақди никоҳ набаста буд ваҷои қайд дар ҳуҷҷатҳояш холӣ буд.

Маблағи коркардаи Содиқро ҳар моҳ Валентина гирифта, ба ҳардуяшон беҳтарин либосҳо мехарид, то ки дар ҷойҳое, ки Содиқ бо ӯ ҳамроҳ буд, Валентина дар хиҷолат

намонад.

Се моҳи «давраи омӯзиш» гузашт. Валентина бо Содиқ расман зану шӯй шуданд. Дар яке аз тарабхонаҳои беҳтарини шаҳр ин маъракаро базм карданд. Дугонаҳои арӯс ҳама чун ӯ калонсол буданд. Ба ҷавони қадбаланди зебо нигариста ба Валентина ҳасад мебурданд. Баъди туй Валентина ба Содиқ рӯ оварда пурсид:

–Азизам, моҳи асалро дар кучо мегузаронем?

Содиқ аз ин пурсиш чизе нафаҳмид. Ӯ хомӯш буд. Валентина ба ӯ фаҳмонд.

–Худат медонӣ, ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон мешавад – оҳиста гуфт Содик.

–Ана ҳамин хел, азизам, ҳама вақт ҳар чизе, ки ман гӯям, ҳамон мешавад – гуфта Валентина омодагии сафарро дид. Ба шиносҳо телефон карда, ду чипта ба шаҳри Париж хост. Онҳо моҳи асалро дар шаҳри зеботарини ҷаҳон – Париж гузарониданд.

Содиқ моҳи асали худро бо Санавбар ба ёд овард. Ягон ширинии асалро дар он як моҳ надид. Ба ҷойи ин ҳар бегоҳ таҳқиру танбеҳ ва таъваҳои талхи падар – «занак барин дар хона бекор нишастаӣ, рафта пул кор карда биё, қарзҳоро диҳем»–ро мешунид. Мехост он моҳ ва моҳҳои дигари ҳаёташро фаромушт кунад. Ҳамин хел ҳам шуд. Ба ӯ Валентина дари дунёи дигареро кушод. Дар ин дунё ду кас буданд. Валентина ва Содиқ. Онҳо намехостанд, ба дунёи худ каси дигарро роҳ диҳанд. Агар ягон бор Содиқ аз падару модар лаб во кунад, Валентина мегуфт:

–Вазифаи падару модар ба балоғат расондан, тарбия кардан аст. Баъд, ҷавон бояд роҳи худ, ақидаи худро дошта бошад, ба ӯ касе кордор набошад. Ҳар кас бояд барои худ зиндагӣ кунад, на барои хешу табор, падару модар ва дигарон.

Агар ин суханҳоро Содиқ дар Тоҷикистон мешунид, ҳеҷ гоҳ розӣ шуда наметавонист. Аз худ не, аз дигарон шарм

мекард, ки ҷавони биступаҷсола сола хонуми чилсолаеро ба занӣ гирифтааст ва падару модари пирро партофта бо занаш айшу ишрат карда гаштааст. Тарбия ва муҳит одамро дигар мекардаанд. Ақаллан ба ёд наовард, ки зан ва ду шоҳписар дорад, аҳволи онҳо чӣ мешавад? Бо равон кардани пули карз вазифаашро адошуда ҳисоб кард.

Неккадам пеш аз ба ватан омадан назди Содиқ рафта буд.

–Ба падару модарат ва ҳамсарат чӣ гӯям?

–Ҳеҷ чиз, ман қарзамро дар пеши падару модар адо кардам. Зиндагии ширинро дар ин ҷо дидам, Санавбар чӣ хеле ки лозим донад, ҳамон хел рафтор кунад.

–Писаронат чӣ?

Содиқ хомӯш буд.

Санавбар косае оби хунук овард.

Ҳама сархаму, хомӯш буданд, ӯ чизе напурсида, ба хонаи дигар гузашт. Назди фарзандонаш рафт, назди он тифлакони бегуноҳ, ки дидори падар, навозишҳои ӯро надидаанд. Дар ин дунё Санавбар ба ғайр аз ду писар чизе ва касе надорад, писаронаш ҳам ба ғайр аз модар нозбардоре надоранд.

Меҳмон рафт, Санавбар на он рӯз аз хусуру хушдоман чизе пурсиду на рӯзҳои дигар.

Зиндагӣ якранг давом меёфт. Рӯзе сардухтури касалхона ба Санавбар гуфт:

–Духтарам, имсол дар ноҳияамон филиали коллеҷи тиб кушода мешудааст, ту коргари хубӣ, шароитат бошад, даромада хон, охир, аз рӯи гуфти модарат, орзуи духтур шудан доштӣ.

Ин хабар зиндагии Санавбарро дигар кард.

Санавбар баъди шаби дарози бехобӣ пагоҳӣ чун ҳамеша барвақт хеста баъди анҷоми кору бор ба хусуру хушдоман рӯ овард:

– Дар маркази ноҳияаамон филиали коллеҷи тиб кушода

мешудааст. Ман ният кардаам, он ҷо таҳсил карда, соҳиби касби дӯстдоштаам шавам. Садҳо бор пушаймонам, ки баъди туй хонданро тарк кардам. Имрӯз фаррош нею табиб мешудам. Зиндагиамон дигар мешуд. Агар шумо розӣ бошед, ки ба нигоҳубини фарзандонам ёрӣ расонед, хеле хуб мешуд. Вагарна, ман маҷбуран хонаи шуморо тарк карда, назди модарам равам, он кас бо ҷону дил ба ман дар тарбияи фарзандон ёрӣ хоҳанд расонд.

Аз шунидани чунин суханони келин, ки хеле қатъӣ садо доданд, хусуру хушдоман дар ҳайрат монданд. Амаки Усмон каме фикр карда гуфт:

–Духтарам, мои кампиру муйсафедро ба кӣ партофта меравӣ? Охир, аз Содиқ дарак нест. Дигар писарон хона ҷудо карда, ҳар кадомаш аз паи рӯзгори худ. Дасти мою домони ту, духтарам!

Холаи Собира бо овози баланд гиря кард:

–Санавбарҷон, мо туро духтар хондаем. Ба ҳама азобҳои ҷудоӣ ва беэътиноӣ, ки дар хонаи мо дидӣ, мо ҳам гунахгорем. Бубахш моро, лекин партофта нарав, кӯдаконатро гул барин худам калон мекунам. Рав, хон, духтур шав.

Санавбар дар ин лаҳзаҳо худро хеле хушбахт ҳисоб мекард. Баъди хонадор шуданаш аввалин мартаба исрор карда, суханашро гуфт ва ҷавоби мусбат гирифт. Лаҳзае худро озод ҳис кард. Қалби ранҷураш лабрези шодӣ гардид, оҳи сабуке кашид. Лабони кайҳо табассумро фаромӯшкардааш моили табассум шуд.

Санавбар китобҳои лозимаро ёфта, ба мутолиа машғул шуд. Охир, ӯ ҳафт сол пеш мактаби миёнаро хатм карда буд, шояд бисёр чизҳоро фаромӯш карда бошад?

Орзую ҳавас ва иродаи матин ӯро донишҷӯ кард. Донишҷӯи бехтарин шуд. Охир, ӯ таҷрибаи зиндагӣ ва корӣ дошт, имтиҳони душвори зиндагиро низ паси сар карда буд. Хусуру хушдоман низ ба ӯ ёрӣ мерасониданд, писаронаш низ дастёр шуда буданд. Баъзе корҳои сабукро онҳо ӯҳда

мекарданд.

Боз шабҳои бехобӣ сар шуданд. Вале ин шабҳои бехобӣ аз он шабхо фарқ дошт…Ӯ мехонд, азхуд мекард, бо ҳавасҳои зиёд ҳар як мавзӯъро меомӯхт, бисёр чизҳоро вақти дар беморхона кор карданаш азхуд карда буд. Дар байни ин бехобиҳо гоҳе фикраш ба дуриҳо парвоз мекард. Ёди шавҳари номеҳрубону бевафо ва сангдил мекард. Охир,ӯ чӣ гуноҳ дорад? Хайр, ҳаёти гул барин нозуки ӯ хазон шуд, охир, ду шоҳписари ӯ чӣ гуноҳ доранд? Меҳри падарӣ, навозиш ва сухани ширине аз ӯ нашунидаанд? Писари хурдиаш – Ҷаҳонгир ҳатто рӯи падарро надидааст.

Ашки чашмонашро бо гӯшаи рӯймол пок карда, суханони падаронаи сардухтур «духтарам, сабур бош, барои ба мақсад расидан иродаи мустаҳкам доштан лозим» гуфтани ӯ ба ёдаш омаду худро таскин дод. Китобро варақ гардонид…

Рӯзҳо мегузаштанд. Санавбар мехонд, то ки ба мақсад расад. Ҷовид ҳафтсола шуд. Санавбар тайёрии ба мактаб рафтаниӯро медид. Амаки Усмон аз дасти наберааш гирифта, барои фаҳмидани он ки кадом ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим, ба мактаб рафт. Муаллимаи синфҳои ибтидоӣ рӯйхати ҳуҷҷатҳоро ба дасти амаки Усмон дод. Онҳо бояд кӯдакро бурда расм гиранд, аз духтур гузаронанд, аммо кӯдак ҳуҷҷати аз ҳама асосӣ– шаҳодатнома надошт. Амаки Усмон барои гирифтани шаҳодатнома ба ҷамоати деҳа рафт. Дар он ҷо ба ӯ гуфтанд, ки писараш бо келинаш қайди никоҳ надоранд, аз ҳамин сабаб наберааш номи падарро гирифта наметавонад, бо номи модар ба кайд гирифта мешавад. Аз чунин ранг гирифтани масъала амаки Усмон хеле ғамгин гашта, сархам ба хона баргашт.

Бегохӣ ин масъаларо амаки Усмон ба келин гуфт. Ба ду рухсори Санавбар ашк ҷорӣ шуд. Ашки шӯр дона–дона ба домани Санавбар чакид.

–Амакҷон, наход як умр ман шӯрдоман бошам? Фарзандони ман, падарашон зинда бошад ҳам, дар қатори бепада-

рон ҳуҷҷат мегиранд. Охир ман ин фарзандонро аз кӯча наёфтаам–ку? Онхо ҳаромӣ нестанд–ку? Дар ҳамин ҳолат чаро ман бояд ҳамчун модари танҳо ҳуҷҷат гирам? Ба гиряи холаи Санавбар холаи Собира ва писарони Санавбар ҳамроҳ шуданд. Амаки Усмон асояшро гирифта, ба таги долон баромад. Болои суфа нишаста, ба худ, ба расму оини нодаркор, ба писараш лаънатҳо гуфт.

Санавбар ин ҳолро дида, як пиёла об оварда, ба хусураш дароз карду қатъӣ гуфт:

–Амакҷон, зиқ нашавед, то шумо ҳастед, мо худро сағиру бепадар намегӯем, азоби рӯҳӣ накашед. Ман, ки оянда духтур мешавам, медонам, ки ин ғамҳо– касалӣ меорад. Дигар ин масъала дар хонаи мо набояд садо диҳад. Ман ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳам, ки шӯрдоман бошам. Ба фарзандони худ ҳам падар мешавам, ҳам модар. Барои ин фақат дуои шумо басанда аст, рӯзе падарашон ба худ меояду суроғи фарзандонаш мекунад–гуфта Санавбар лаби домонашро афшонда афзуд:

–Ман дигар шӯрдоман нестам, бале, шӯрдоман нестам.

Суханони қатъии келин ҳамаро рӯҳбаланд кард. Ҳаёт идома ёфт. Ҷовидро низ бо гулу гулдаста бибию бобо ва модараш ба мактаб бурданд.

Аз ҳавлии хомӯшу бесадои амаки Усмон боз садои ханда, оҳанги шӯхи мусиқӣ мебаромад.

Рӯзе амаки Усмонро ҳамсояи духтураш ба нони ҳамсоягӣ даъват кард. Амаки Усмон аз хонаи Мирзо Кабиров омада, лаби суфа нишаст ва оҳи пурдарде кашид.Холаи Собира аз вазъияти муйсафедаш нигаронӣ карда:

–Муйсафед, чӣ шуд ба шумо –гуфта паҳлӯи амаки Усмон нишаст.

–Эх, кампир дар зиндагӣ мо хатоҳои зиёде карда будаем. Ба хонаи Мирзо Кабиров рафта, ба зиндагӣ ба тарбияи фарзандони ӯ нигариста, ҳавасам омад. Ду писару ду духтар

ҳама соҳиби маълумоти олӣ, касбу ҳунар, иззату эҳтиром. Фарзандон падару модарашонро болои дидаҳо бардошта гаштаанд. Аз даҳ фарзанди беномус як баномусаш беҳтар будааст. Ана фарзандашон – Зафарҷон низ мактаби олии тибиро хатм карда омадааст, бо дипломи аъло. Даъваташ карданд, ки дар донишгоҳ монда кор кунад, розӣ нашудааст, «падару модарам пир, ба онҳо дастёр лозим» гуфта ба деҳа ба кор омадааст. Писарони ту ку, кампир?

Холаи Собира ашки чашмонашро бо лаби руймоли дока пок кард:

–Ба захми кас намакоб мепошед–да! – гуфта аз назди муйсафед оҳиста бархоста ба хонаи хоб даромад.

Санавбар пагоҳӣ баъди анҷоми корҳои рӯзгор ба мактабаш шитофт. Дар роҳ бо ҳамсинфаш Зафар вохӯрд, ки ба сӯи беморхонаи деҳа ба кор мерафт.

–Санавбар, ба чашмонам бовар намекунам, ин туӣ?– гуфта Зафар ба Санавбар наздик шуд. Зафар аз хурсандӣ ва ҳаяҷон чӣ гуна вохурдӣ карданашро намедонист. Дилаш мехост, дӯсти давраи кӯдакиашро ба оғӯш гирад, аммо расму русуми шарқиёна ва «чашмони ғайбатчиҳо ин манзараро набинанд» гуфта, расмӣ вохӯрдӣ карданд. Ҳарду шод буданд. Дилҳо аз фараҳ лабрез, ҳарду дар ҳаячон…

–Зафарҷон, аз диданат бисёр шод шудам, аммо хеле саросемаам, ба мактаб дер намонам –гуфта Санавбар аз назди Зафар дур шуд.

Зафар дар байни кӯчаи деҳа лолу ҳайрон шах шуд :

–Санавбар ба ту чӣ шуд? – гуфта аз дунболи ӯ садо кард, аммо Санавбар худро ношунида вонамуд кард ва роҳашро давом дод.

Зафар ба беморхона хеле маъюс омад. Падар сабаби ин ҳолатро аз ӯ пурсон шуд.

–Ҳа, писарам, рӯзи якӯми корат ин қадар табъат хира, чӣ шуд?

Зафар вохӯриашро бо Санавбар ба падар гуфта дод.

Мирзо Кабиров он тағйиротеро, ки дар муддати ҳафт сол дар ҳаёти Санавбар шуда буд, ба писараш гуфт. Зафар аз ин нақл бештар ғамгин гашт. Ӯ аз дил гузаронид: «Дар муддате, ки ман таҳсил мекардам, бечора Санавбар чӣ азобҳоеро аз сар гузаронидааст. Шавҳар кардан, соҳиби ду фарзанд шудан, ҳафт сол аз шавҳар зиндаҷудо будан. Ин қадар таҳқирро ба худ раво дидан. Барои чӣ, барои кӣ?

Барои Зафар рафтори Санавбар, пуртоқатии ӯ як муаммои сарбаста буд…То бегоҳ дасташ ба ягон кор пеш нарафт. Аз падар хоҳиш кард, ки ӯро барвақттар аз кор ҷавоб диҳад.

Зафар аз беморхона баромада, аз болои теппа ба истгоҳи автобус, ба роҳ чашм дӯхт. Аз дур автобус намоён шуд. Дили ӯро ҳаячоне фаро гирифт. Аз автобус дар қатори панҷ–шаш нафар ҳамдеҳагон Санавбар низ берун шуд.

Санавбар Зафарро дида, сарашро хам карда, гузашта рафтанӣ буд, ки Зафар ба ӯ муроҷиат кард:

–Санавбар, хоҳиш мекунам, ба ман лаҳзае гӯш деҳ,–гуён пеши роҳашро гирифт.

Санавбар бо андешаи он ки диққати атрофиёнро ба худ ҷалб накунад, лаҳзае назди Зафар таваққуф намуда гуфт:

–Зафарҷон, хоҳиш мекунам, гапатро тезтар гӯй, маро хусуру хушдоман ва ду писарам интизор.

–Санавбар, ту ба ман чизе нафаҳмон, ман ҳамаашро аз падарам фаҳмидам. Як чизро фаҳмидан мехоҳам: ҳамаи ин қурбонӣ ба хотири кӣ ва чӣ?

–Зафарҷон, фаҳмидани ин чиз барои ту бисёр душвор аст. Ин такдири бад ва шӯрдомании мо занон мебошад.

–Ту чиҳо мегӯӣ, Санавбар? Охир мову ту дар асри бисту як зиндагӣ мекунем. Кӣ ин калимаро бофта баровардааст? То имрӯз агар шӯрдоман будӣ, аз имрӯз ман ба рӯи ту дунёи дигар мекушоям. Фақат ту ба ман бовар кун. Аз он рӯзе шунидам, ки ту шавҳар кардаӣ, гумон кардам, ки ту хушбахтӣ ва худро маҷбур кардам, ки фаромӯшат кунам. Баъди нақли

падар хақиқати ҳол бароям кушода шуд. Ман фаҳмидам, ки аз ҷон зиёдтар дӯстат медорам, Санавбарҷон.

Аз шунидани ин суханони самимӣ дили пурҷароҳати Санавбар ба дард омад. Ашки сӯзон ба ду бари рухсорааш ҷорӣ шуда, боз доманашро шӯр кард.

–Зафарҷон, хоҳиш мекунам, ба ҷароҳати дилам намак напош. Ман лоиқи чунин суханони зебои ту нестам. Ё маро масхара карданиӣ? Туи ҷавони муҷаррад магар ба зани соҳиби ду фарзанд арзи муҳаббат карда истодаӣ? Мардум чӣ мегӯянд?

–Бале, ман ба ту арзи муҳаббат мекунам. Маро ба мардум ва мардумро ба ман чӣ кор? Агар хоҳӣ, худи ҳамин бегоҳ падарам ба хонаатон хостгорӣ мераванд.

–Зафарҷон, чиҳо мегӯӣ, кадом хона, чӣ хел хостгорӣ. Магар назди хусуру хушдоманам хостгор фиристоданиӣ? Хоҳиш мекунам, дигар пеши роҳамро нагир.

Санавбар ашкашро пок карда, тез – тез қадамзанон аз Зафар дур шуд.

Бо рафтани Санавбар абри сиёҳе болои деҳаро торик кард. Дили Зафар низ тип – торик шуд. Шамоли пур аз чангу хок хасрӯбаҳоро ба болои деҳа пош дод. Борони сахт ба боридан сар кард. Зафар то охирин риштаи либосҳояш тар шуд. Ноилоҷ тарафи деҳа қадам монд…

Ҳолати Зафар боиси нигаронии падар шуд. Мирзо Кабиров медонист, ки чӣ туғёне дар дили писараш аст. Ӯ худро на дар хона ором нигоҳ дошта метавонисту на дар ҷои кор.

Санавбар аз вохӯрӣ бо Зафар мегурехт. Дер давом кардани ин ҳолат номумкин буд.

Рӯзе Мирзо Кабиров ба Зафар муроҷиат кард:

–Писарам, шояд ба шаҳр бармегардӣ? Ту донишкадаро бо дипломи аъло хатм кардӣ, хуб мешуд, таҳсилатро дар ординатура давом диҳӣ.

–Падарҷон, шумо мехоҳед ман аз Санавбар дур бошам? Не, мо як бор аз якдигар дур шудем, чӣ балоҳое, ки ба сари

бечора Санавбар наомад. Намехоҳам, ки ӯ дубора бадбахт шавад. Мехоҳам ӯро хушбахт гардонам. Падарҷон, шумо дар ин кор ба ман ёрӣ расонед.

Мирзо Кабиров ба фикр фурӯ рафт. Мардум чӣ мегӯянд? Охир, Санавбар ду кӯдак дорад. Илова бар ин, дар хонаи хусуру хушдоман аст. Дар шаҳри калон одамон якдигарро намешиносанд. Охир ин як деҳаи хурд аст, ҳама якдигарро мешиносанд. «Сардухтури деҳа аз ӯҳдаи келин кардани духтари хона набаромада, ба писараш бевазани дуфарзанддорро дод» мегӯянд. Бало ба паси ин гапҳо! Охир, онҳо аз бачагӣ якдигарро дӯст медоштанд! Хаёлан ба ҳазор кӯчаи сарбаста даромаду баромад Кабиров.

–Зафарҷон, бегоҳӣ ман назди хусуру хушдомани Санавбар меравам. Ба онҳо ҳама гапро мефаҳмонам. Агар маслиҳати маро гӯш кунед, ҳарду бо Санавбар ба шаҳр равед. Ӯ ҳонданашро дар он ҷо давом хоҳад дод. Дар бораи фарзандон фикр накунед, мо намемонем,ки онҳо хор шаванд. Асосаш ҳамин, ки шумо хушбахт бошед.

Бегоҳӣ Мирзо Кабиров назди хусуру хушдомани Санавбар рафта, ҳақиқати ҳолро ба онҳо фаҳмонд. Пиру кампир аз шунидани ин сухан дар ҳайрат монда, тавба мекарданд.

–Ҳамсоя, барои духтар омадани хостгорҳоро дида ва шунида будем, аммо барои келин ин ҳодисаи гапношунид мебошад. Тавба, ҳазорон бор тавба кардам…Бигузор, ин масъаларо худи Санавбар ҳал кунад. Ӯ ба ҳар хулосае ояд, мо розӣ. Мо ҳам мусулмонем, ҳеч гоҳ ба худ гуноҳ харида, умри ҷавонии ӯро хазон карданӣ нестем – гуфта буд, амаки Усмон, ки Санавбар аз дарвоза даромад.

–Доктор, биёед, хуш омадед, – гуфт Санавбар.

–Духтарам, биё, ба хостгорҳоят худат ҷавоб деҳ –гуфта холаи Собира ашки чашмонашро поккунон ба тарафи оғил рафт.

Санавбар ҳайрон буд, ки ба падари Зафар чӣ ҷавоб диҳад.

Амаки Усмон ҳама гапро ба ӯ гуфт. Санавбар сархам лаҳзае хомӯш монду баъд ба сухан даромад:

–Мӯҳтарам Мирзо Кабиров, ман ва аҳли оилаамон аз шумо хеле миннатдорем, ёрии шумо ба аҳли оилаи мо, ба фарзандони ман, модари ман хеле калон аст. Маҳз насиҳатҳои шумо, роҳбаладии шумо маро ҳушёр кард. Пос надоштани ин хубиҳо аз тарафи мо носипосӣ хоҳад буд. Дар бораи таклифи имрӯзаатон ҳаминро гуфтаниам, ки ман лоиқи писари шумо нестам. Мо аз овони хурдӣ як ҷо калон шудем, ба якдигар самимият ва меҳру муҳаббат низ дорем. Лекин ин маънои онро надорад, ки ман фарзандонамро ятим, дастнигари падарандар кунам, онҳоромардум сағира ном баранд. Душвор ҳам бошад, гурба барин газида–газида, онҳоро худам калон мекунам. Охир, модари мо баъди фавти падарамон шавҳар накард, агарчи хеле ҷавон буд. Тақдири мо чунин будааст. Ин шӯрдоманӣ аз азал насиби зани шарқ аст. Илова ба ҳамаи ин, ман умедворам, ки рӯзе падарашон меояду сари фарзандонашро сила мекунад.

–Духтарам, – сухан оғоз кард Мирзо Кабиров, – бори дигар боакл, бофарҳанг буданатро исбот кардӣ. Маро бубахш, ман ҳам мисли ту барои хотири фарзандам ба ин даргоҳ омадам. Сӯхтани ӯро дида, дари шуморо кӯфтам.

–Доктор, агар тавонед, Зафарҷонро барои кор ба хориҷа фиристед. Ҳозир дар кишварҳои дигар ба духтурон талабот торафт зиёд шуда истодааст. Агар ӯ равад, барои ман ҳам хуб мешавад. Ҳар рӯз ӯро дида, ман низ азоби руҳӣ мекашам...

Ҳаёти Содиқ дар кишвари ҳамсоя бо ҳамсараш Валентина хушу хурсандона мегузашт. Дар муддати ҳафт сол дур аз диёр Содиқ ғоибона донишгоҳи олиро хатм кард. Меъмор шуд. Валентина кори идораи сохтмониро тарк карда, корхонаи хусусӣ кушод, зану шавҳар ба сохтмон машғул шуданд. Ҳар сол истироҳаташонро дар кишварҳои тараққикардаи ду-

нё мегузарониданд. Содиқ орзу ҳам карда наметавонист, ки чунин бахт насибаш мегардад. Даромадашон хеле зиёд буд. Аз даромадашон Валентина қарор дод, ки барои ятимону, бепарасторон биное созад ва оянда ҳамаи хароҷоти он ятимхонаро ба ӯҳдаи худ гирад. Таклиф аз тарафи шаҳрдорон хуш пазируфта шуд ва онҳо дар як муддати кӯтоҳ сохтмони он биноро ба охир расонида, ба истифода супориданд.

Рӯзи ба истифода додани бино маъракаи калоне ороста, шаҳрдорон, рӯзноманигорон, кормандони телевизион, радио ва худи кӯдакони ятимро дар назди бино ҷамъ оварданд.

Мири шаҳр ба Валентина ва Содиқ миннатдории бепоён баён намуда, суханро ба Валентина дод.

–Ҳозирини мӯҳтарам, ману шавҳарам қарор додем, аз даромаде, ки худ дорем, ба ятимон дасти ёрӣ дароз карда, хонае созем ва оянда барои ба воя расонидани онҳо саҳмгузор бошем. Ин ятимхона барои панчоҳ кӯдак сохта шудааст. Ману шавҳарам кӯдаконро дӯст медорем, аммо Худованд ба мо фарзанд надодааст. Кӯшиш мекунем, ки ин фарзандони ятим бепадару бемодар будани худро ҳис накунанд. Шавҳари ман доимо як шеърро вирди забон меорад, ки маънояш чунин аст.

*Ҳар кӣ хандонад ятими хастаро,*
*Бозёбад ҷаннати дарбастаро.*

Суханронии Валентинаро ҳозирин бо кафкӯбӣ истиқбол карданд. Кӯдакони ятим ба ӯ гулдастаҳо доданд. Писараки ҷингиламӯи сабзинае ба Содиқ гулдастае дод. Тамоми бадани Содиқ дар ин лаҳза ларзид. Охир, Ҷовиди ӯ низ чун ин писарча ятим аст. Хаёлаш ба Ватанаш – Тоҷикистони офтобрӯя парвоз кард. Аз пеши назараш падару модари пир, арӯси нозанинаш, ду тифлаке, ки якеашро як бор ба даст ги-

рифтаасту дигариро умуман надидааст, ҷилвагар гаштанд. Сараш чарх зад. Дилаш беҳузур шуд. Тамоми баданаш ларзид.

Валентина дигар шудани авзои шавҳарашро дида, парешон аз ӯ пурсон шуд:

–Саша, ба ту чӣ шуд? (Ӯ шавҳарашро чунин ном мебурд).

–Ҳеҷ,– гӯён Содиқ аз маърака дур шуд.

Валентина низ аз маърака берун рафта, ба ронандааш фармон дод:

–Мошинро фаъол кун, ба касалхона меравем.

–Не. Валяҷон, беҳтараш, ба хона равем, – хоҳиш кард Содиқ.

–Сашаҷон, имрӯз рӯзи ғайриодӣ буд, монда шудӣ? Истироҳат кун, ҳамааш мегузарад,– гӯён Валентина Содиқро рӯи кат хобонда, зуд як пиёла об овард ва барои иваз кардани либосҳояш ба хонаи хоб даромад.

–Валяҷон, ман дар назди ту, дар назди падару модар ва пайвандонам гунаҳгорам. Хоҳиш мекунам, гапамро бодиққат гӯш кун ва агар тавонӣ, бубахш.

Содиқ аз Валентина чизеро пинҳон надошта аввалин бор ҳаёташро нақл кард.

Валентина ба суханони Содиқ бодиққат гӯш дода гуфт:

–Саша, ин ба ивази он хубие, ки имрӯз дар ҳаққи ятимон кардаем, подоши Худованд аст, ки ту тавонистӣ росташро ба ман гӯӣ. Агар ту аз аввал ҳамаашро ба ман мегуфтӣ, ман бо ту ҳеҷ гоҳ издивоҷ намекардам. Магар ман метавонистам сабабгори ятим мондани ду тифли бегуноҳ ва бева мондани як ҷавонзан шавам? Ҳеҷ гоҳ! Тайёр шав. Худи пагоҳ ба Ватанат – Тоҷикистон меравӣ.

Содиқ сархам буд. Дар назди ду зане, ки гуноҳе надоштанд, гуноҳи азиме карда буд. Дили ду занро шикаста буд. Ба Ватан баргардад, Санавбар ӯро мебахшида бошад? Аз рӯи шунидаш, Санавбар аз он духтараки сархам, фармон-

бардор ба зани оқилаву доно ва ба суханаш устувор табдил ёфтааст. Фарзандонаш чӣ? Онҳо чунин падарро қабул мекарда бошанд?

Ин саволҳо ба мағзи устухонаш чун корд халида, маҷрӯҳаш карданд. Чунон маҷрӯҳ, ки табобаташ душвор хоҳад буд…

* * *

Санавбар аз дарс омада, аҳли оиларо хеле шод дарёфт. Холаи Собира ҳавлиро рӯфта, об пошида, болои суфа кӯрпачаҳои нав партофта буд. Писаронаш Ҷовид ва Ҷаҳонгир худро ба оғӯши модар партофта, аз рухсораҳояш бӯсида, ба кӯча давида рафтанд. Амаки Усмон ҷелаки беқасаберо, ки фақат дар маъракаҳо мепӯшид, ба бар карда, асо дар даст лаби суфа амонат нишаста буд.

–Омадӣ, духтарам, даромада каме дам гир, хӯроки хеле болаззат пухта истодаам, ҳозир тайёр мешавад, амакат ду хурӯсро кушта дод –гуфт холаи Собира Санавбарро дидан баробар ва ба сӯи аловхона рафт.

Санавбар дар байни ҳавлӣ ҳайратзада каме истоду сӯи амаки Усмон нигоҳ карда, чизе пурсиданӣ буд, ки муйсафед:

–Духтарам, ба намоз дер накунам, – гӯён аз ҳавлӣ баромада, сӯи масҷиди деҳа равон шуд.

Санавбар тағйири либос накарда назди хушдоманаш рафт.

–Хола, дар хонаамон чӣ гап, ҳама шоду масрур, шумо чизеро аз ман пинҳон карданӣ.

–Духтарам, илоҳо доим ҳамин хел шоду масрур бошем. Сад бор шукр, дар ҳавлии мо ҳам хурсандӣ мешудааст. Некқадам омада буд. Хушхабар овард, духтарам. Содиқ аз Душанбе телефон карда, гуфтааст, ки баъди ду соат ба деҳа мерасидааст. Доимӣ меомадааст, духтарам, доимӣ…

Санавбар чӣ кор карданашро надонист. Сараш чарх зад.

–Хола, ман имрӯз дар беморхона навбатдорам,– гӯён аз хавлӣ баромад.(Дар як ҳафта се бор дар беморхонаи деҳа навбатдорӣ мекард, аммо имрӯз ӯ навбатдор набуд).

Холаи Собира ҳамаашро фаҳмид. Охир баъди ҳафт соли ҷудоӣ, бевафоӣ, беэътиноӣ дили бечора келинаш реш–реш шуда буд, ӯ низ инсон аст, зан аст, модар аст.

–Худоё, ба келинам қуввате деҳ, ки хашму ғазаб ва ғурурро як тараф монда, шавҳарашро бахшад. Ба хотири фарзандонаш бахшад. Худоё, илтиҷо мекунам, тавалло дорам…

Бегоҳӣ ҳавлии амаки Усмон пур аз хешу табор, ҳамсояҳо буданд. Содиқ ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда, Санавбарро дар хавлӣ надид. Баҳона карда ба хонаҳо низ даромада баромад, он ҷо низ аз Санавбар дараке набуд. Аз дилаш сад гумон гузашт, аммо хомӯш буд. Меҳмонон баъди хӯрдани зиёфат ҳама рафтанд. Ҷовиду Ҷахонгир низ ба хонаи хобашон даромаданд.

–Оча, келинатон дар куҷо? – пурсид Содиқ сарашро хам карда.

Холаи Собира ба саволи писараш ҷавоб надода, худро ба ғундоштани дастархони болои суфа андармон кард.

Содик ба сӯи падараш назар кард. Падар низ хомӯш буд.

Пагохӣ Содиқ вакти наҳорӣ, тӯҳфаҳои овардаашро ба Ҷахонгир, Ҷовид, падар ва модараш дод:

–Ана, ин тӯҳфаҳо ҳаққи келинатон, модарҷон. –гуфта ба холаи Собира дароз кард.

–Не, писарам, тӯҳфаи овардаатро худат медиҳӣ. Ку, наберахои азизам, рафта, ба ҷӯраҳоятон тӯҳфаҳои овардаи падаратонро нишон диҳед, – гуфта махсус набераҳоро ба кӯча равон кард. Онҳо низ инро интизор буданд, ки давида ба кӯча рафтанд.

–Содиқҷон, ту гунохи азиме кардаӣ, инро на ҳар зан бахшида метавонад. Дар набудани ту Санавбар барои мо ҳам писар буд, ҳам духтар. Бояд рафта, аз ӯ бахшиш пурсӣ,

лозим бошад, наздаш ба зону зада узр хоҳ, агар келинам баргашта наояд, шири додаамро пиҳил намекунам,– гуфта холаи Собира ашкашро бо гӯшаи рӯймол пок кард.

–Бале, писарам, барои мо Санавбар аз фарзандони худамон ҳам азизтар аст.

Аз байн се рӯз гузашт. Санавбар рӯзона ба хондан мерафту шабона дар беморхона навбатдорӣ мекард, ҳатто ба хонаи модараш нарафт.

Содиқ ба хонаи хушдоманаш рафт.

–Холаҷон, ман ҳамаашро фаҳмидам, гуноҳи азим кардаам, агар тавонед, маро бахшед. Чӣ кор кунам, ки бо Санавбар оштӣ шавем?

–Содиқҷон, писарам, аз рӯзе, ки Санавбар шавҳар кард дигар хонаи модарро надид, чунки ту ба ин розӣ набудӣ. Ӯ хотири туро аз ҳама боло донист. Ҳоло ҳам ӯ ба хонаи мо наомадааст, ӯ дар беморхонаи деҳа мебошад, ӯро аз ҳамон ҷо меёбӣ.

Содиқ се рӯз пайиҳам ба беморхона, ба ҷои хонданаш мерафт, сари роҳашро мегирифт, аммо Санавбар нимнигоҳе ҳам сӯи ӯ намекард. Содиқ бисёр ғамгин ба хона бармегашт. Падару модар саволомез ба ӯ менигаристанд. Содиқ хомӯш буд. Падар ба Содиқ маслиҳат дод:

–Писарам, назди сардухтур – Мирзо Кабиров рав, ӯ шахси рӯзгордида, оқилу доно аст, ба ту албатта маслиҳати хубе доданаш мумкин. Санавбар низ ӯро ҳурмат мекунад.

Содиқ гапи падарро гирифта назди Мирзо Кабиров рафт:

–Доктор, бо умед наздатон омадам, ягона шахсе, ки метавонад ба ман дасти ёрӣ дароз кунад, шумоед. Хоҳиш мекунам, илтиҷо мекунам, ба Санавбар маслиҳат диҳед, ки ба хона баргардад.Ман хато кардам, ба қадраш нарасидам, хору зораш кардам, хотири ду шоҳписарамон гуноҳи маро бахшад.

–Писарам, дар ҷавонӣ одам гуноҳе ё хатое мекунад, лекин гуноҳи ту дар ҳақиқат нобахшиданӣ аст, аммо Санавбар

дили бузург дорад, хотири фарзандон ба хона бармегардад. Ӯ фарзандонашро, аҳли хонадони шуморо дӯст медорад ва ҳурмат мекунад. Умуман, занони мо баъди фарзанддор шудан, фақат ба хотири фарзандон зиндагонӣ мекунанд, ба ҳама беэътиноӣ, азобу уқубат тоқат мекунанд, як бахту як тахт гуфта худро қурбон мекунанд. Ин нодуруст аст. Санавбар зани ҷавон аст, ӯ ҳам нафс дорад, муштоқи як сухани ширин, навозиш ва эҳтиром аст. Медонӣ, ҳафт сол ӯ чӣ хел зист? Чӣ азобҳо, хориҳо ва беэътиноиро аз сар гузаронд? Ба ҳамаи ин кӣ гунахкор буд?

Содиқ дар андеша монд. Дар ҳақиқат, ӯ ҳуқуқи даъвои соҳибдил буданро дорад? Санавбар чӣ гуноҳ дошт, ки ин қадар азобу уқубатро ба ӯ раво дид? Аз ҳама муҳиммаш, ӯ бо кадом рафтору кирдори худ барои фарзандонаш намунаи ибрат мебошад? Кӯдак ҳамон вақт мавқеашро дар ҷамъият пайдо карда метавонад, ки ҳамеша волидайнаш барои ӯ намунаи ибрат бошанд. Кӯдакони ӯ аз падари хеш ифтихор карда метавонанд? Оё ӯ сазовори номи боифтихори падар ҳаст?

Чаро ӯ боре дар бораи муҳаббати Санавбар ва азобу уқубати модарии ӯ андешаи амиқ накард? Чаро маҳз имрӯз, ки Валентина ӯро аз хонааш пеш кард, Санавбар ба хотираш расид?...

Саволҳо паййҳам пайдо шуда дилу майнаи ӯро ба танг оварданд ва нафас дар гулӯяш печиду қафаси синааш ба сӯзиш даромад. Ба назараш замини зери пояш фурӯ рафтан гирифт, гӯё ӯро бо ҳама гуноҳу хатояш ба коми худ кашида, ба якборагӣ ташвиши ӯро барҳам задан мехост.

«Не, то Санавбар маро набахшад, ман ҳуқуқи маънавии мурдан надорам, – хаёлан бо худ ба баҳс даромад Содиқ ва дар куҷо буданашро ҳатто фаромӯш карда, Мирзо Кабировро ҳайрон гузошту ба кӯча баромад. Агар лозим шавад, ба пеши пои Санавбар сар мемонаму бахшиш мепурсам. Ба хотири фарзандон ӯ маро мефаҳмаду мебахшад».

Агар набахшад чӣ?..

# ҚОТИЛ

*(Қиссаи судӣ)*

Толори суд. Паси панҷара марди тахминан 28-30-сола бо сари хам нишаста буд. Аҳли толор миш–мишкунон ба сӯи ӯ нигоҳ карда, яқинан рафтори ӯро маҳкум мекарданд. Айбдор низ дуздида–дуздида ба аҳли толор назар мекард ва он шаби даҳшатборро ба ёд меовард.

Посе аз шаб гузашта буд. Мошини тамғаи «Москвич–412» аз деҳаи Баҳор ба сӯи деҳаи Гулбулоқ ҳаракат мекард. Ба деҳа нарасида, ронанда мошинро дар канори роҳ боздошт. Ронанда, ки Қудрат ном дошт, аз мошин берун шуд. Аз ҳавои тозаи баҳор чуқур нафас кашида, ба гирду атроф назар кард. Соат тахминан 12–и шаб буд. Ӯ бағочи мошинро кушода, аз он зарферо берун кашид. Дастонаш меларзиданд, ҳаяҷон дошт. Ин тарафу он тарафи мошинро нигоҳ карда, вориди он шуд. Мошин аз нав ба ҳаракат даромад.

Дар мошин падари Қудрат, модарандараш бо ду духтарчааш, келини хонадон – ҳамсари бародараш бо духтарчааш бӯи ғализи бензинро ҳис карда, аз Қудрат пурсон шуданд, ки чаро бӯи бензин баромад.

Саволи онҳо беҷавоб монд.

Баъди лаҳзае мошин бо шаст аз роҳ баромада, ба канали обгузари болои деҳаи Қӯшбулоқ афтида, оташ гирифт. Алангаи оташ ҳама гирду атрофро дар як лаҳза равшан намуд.

Овози доду вой ва гиряву фиғон шаби орому хомӯшро халалдор кард…

Ҳайати мушовараи суд оид ба корҳои ҷиноятӣ ба хулосае омад, ки парвандаи навбатӣ бояд дар ҷои ҳодиса баррасӣ шавад.

Ҳамин тавр ҳайати мушовара парвандаи Қудратро дар

маҷлиси кушоди сайёри судӣ дар ноҳияе, ки ин ҷиноят содир шуда буд, баррасӣ намуд.

Ғайричашмдошт толор пур аз одам шуд. Аксари хешу табор, ҳамсояҳо ва ҳамдеҳагон дар он ҷамъ омада буданд.

Қудрат дар курсии айбдорӣ сархам нишаста буд.

Ҳама ба ӯ бо нафрат нигоҳ мекарданд.

Чунин ваҳшониятро аҳли толор тасаввур ҳам намекарданд.

Наход фарзанд ба ҷони падар, модарандар, келин ва се ноболиғ сӯиқасд кунад? Наход дар вуҷуди ин ҷавонмард (агар ӯро чунин ном бурдан мумкин бошад) ягон зарра ҳисси фарзандӣ, инсофу раҳму шафқат намонда бошад? Наход ҷони шаш нафарро барои як ҳавлӣ ба савдо гузоранд? Наход баъди куштани шаш нафар ӯ дар он ҳавлӣ, ки қадамгоҳи волидон буд, ором зиндагӣ карда тавонад? Магар ӯ намедонист, ки ҷонро фақат Офаридгор ато мекунад ва танҳо худи ӯ метавонад ҷони додаашро бозгирад?

Ин саволҳо ҳар як иштирокчии мурофиаро ором намегузоштанд.

Мурофиа оғоз гардид.

Қудрат дар толор падари бадбахти хешро дид. ӯ, яъне фарзанди бо азоб парваридааш қасди куштанаш дошт. Қудрат ҳайрон шуд. «Охир, ӯро кушта ба об партофта будам–ку?»– пурсид аз худ ва ҳанӯз ҷавоб наёфта, чашмаш ба янгааш Гулноз афтод: «Худоё, ӯро ҳам кушта будам–ку?»

Нишондоди ҷабрдидаи аз ҳама хурдсол Гулзира Қудратро тамоман ба ҳайрат овард ва гумон кард, ки аз ақл бегона шудааст.

«Охир, ӯро ҳам ба об партофта будам–ку?»…

Қудрат ва зану фарзандонаш (ду писару як духтар) бо падару модарандар ва бародарону хоҳаронаш дар ҳавлии падар зиндагӣ мекарданд. Зиндагии ноосуда доштанд. Махсусан худи Қудрат ҳамеша бо аҳли хонадон носоз буд, тез–

тез байни ӯ ва бародараш Сулаймону ҳамсари ӯ Гулноз ҷангу ҷанҷол сар мезад. Рафтори Қудрат аҳли хонаро ба ташвиш оварда буд. Ҳар гоҳе ки падари мӯйсафедаш сухан оғоз намуда, насиҳате кардanӣ шавад, ӯ гӯш намекард, даст афшонда, аз назди падар дур мешуд. Се кӯдак дӯстдори бобову бибӣ бошанд ҳам, Қудрат чизеро баҳона карда, дар хона дилсиёҳӣ меандохт.

Сабаби асосии ҷангу ҷанҷоли онҳо ҳавлии падар буд. Қудрат мехост соҳиби ҳавлӣ бошад ва танҳо ӯ дар он ҳавлӣ хӯҷаинӣ кунад.

Қудрат нақшаи чӣ тавр нобуд сохтани аҳли хонадонро барвақт дар дил кашида буд. Аммо мавриди мувофиқ намеёфт, пайт меҷуст ва ниҳоят чунин лаҳза фаро расид.

Дар хонаи амаки Қудрат, ки дар деҳаи Баҳор зиндагӣ мекард, маъракае ороста буданд ва ҳамаи хешу таборро ба он даъват карданд.

Қудрат аз шунидани ин хабар шод гашта, назди падар омад:

– Тайёр шавед, ман худам шуморо бегоҳӣ ба хонаи амакам мебарам. Ба янгаам Гулноз низ гӯед, ки тайёр шавад.

Падар аз меҳрубонии фарзанд хурсанд шуда, шукр кард, ки Қудрат тағйир ёфтааст. Мӯйсафед ба хонаи писараш Сулаймон рафт.

– Гулноз, духтарам, тайёр шав, бегоҳӣ ба хонаи бародарам деҳаи Баҳор меравем. Қудрат ваъда кард, ки бо мошини худаш моро мебарад,– гуфта, мӯйсафед кӯдак барин шодӣ кард.

–Қудрат маро чашми дидан надорад–ку? Чӣ хел розӣ шудааст, ки моро дар мошинаш савор кунаду ба маърака барад? –гуфта Гулноз ҳайрон ба хусураш нигарист.

– Духтарам, ман худам ҳам ҳайрон шудам, моҳҳо бо ман ногап буд, аммо худаш омада таклиф кард. Худо дар дилаш андохтааст. Илоҳо чашм нарасад ва муносибатамон ҳамин хел давом кардан гирад,– шукргузорӣ кард мӯйсафед ва

такроран ба келинаш таъкид кард, ки тайёр шавад.

Дар хонаи амаки Салим, ба хотири сиҳату саломат аз Русия баргаштани писараш, тавре ки дар урфият мегӯянд, оши худоӣ буд. Ҳама хешовандону пайвандон ва ҳаққу ҳамсояҳои гирду атроф ҷамъ омада, то як поси шаб сӯҳбат карда нишастанд. Тахминан соатҳои ёздаҳи шаб ҳама хона ба хона рафтанд. Қудрат низ бо аҳли оила ба роҳ баромад. Дар курсии пеши мошин падараш–бобои Абдулло, дар курсии қафо модарандараш бо ду духтарча ва келинашон бо як духтарчааш ҷо гирифта буданд. Онҳо баъди маърака аз ину он сӯҳбаткунон пеш мерафтанд, хурсанду болидарӯҳ буданд.

Бобои Абдулло худ ба худ шукр мегуфт, ки боз аҳли оила чун пешин сарҷамъ шудааст. Ӯ шод буд. «Илоҳо, чашм нарасад»– аз дил мегузаронд мӯйсафед.

Қудрат низ дар фикр ғӯтавор буд. Ҳамаи шахсони зиддиятдошта дар дохили мошинанд. Шаб торик, ҷои хилват, аз деҳа дур…

Ӯ мехост қасди худро иҷро кунад. Бо баҳонае, ки гӯё мошин ба як тараф мекашида бошад, онро дар канори роҳ боздошту берун гашт.

Аз бағочи мошин зарфи пластмасии ғунчоишаш 1,5–литраи бензинро гирифта кушоду гузашта ба ҷояш нишаст. Баъди ҳаракат кардан ба мурочиати шахсони даруни мошин, ки бӯи бензин аст, аҳимият надода, мошинро пеш ронд. Вақте ки ба канали обгузари назди деҳаи Қӯшбулоқ расиданд, оташзанакеро, ки махсус барои хамин кор гирифта буд, фурӯзон карда, ба дохили мошин партофт ва худро аз дохили он ба берун ҳаво дод.

Ин холатро дида, янгааш Гулноз ҳам духтарчааш Гулзираро ба оғӯш гирифта, худро аз дохили мошин ба берун ҳаво медиҳад.

Автомашина ба лаби канали номбурда расида, ба санги калоне бархӯрда, дар ҷояш меистад. Бобои Абдулло ва

ҳамсараш аз мошини сӯхтаистода базӯр берун мешаванд. Фарзандони хурдсоли онҳо Маърифат ва Азиза аз таъсири ҳарорати баланди оташ 98 фоизи баданашон сӯхта, дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат мерасанд.

Қудрат аз баландии теппа ба ин манзара нигариста, дар равшании оташ мебинад, ки на ҳама дохили мошин будагиҳо сӯхтанд. Бинобар ҳамин аз ҷо бархоста роҳ сӯи мошин мегирад. Ӯ ба ҷои ҳодиса наздик шуда аввалан падарашро мебинад. Бо мақсади ба ҳалокат расондани ӯ бо калиди чархкаш ба сари падар як зарбаи сахт зада, ҷисми нимҷони ӯро ба даруни канали об тела медиҳад.

Афсӯс, ки дар торикии шаб нигоҳи имдодталабонаи падарро надид. Аслан ӯ дида ҳам наметавонист, чунки чашмонашро хун гирифта буд, разолат чашмони ӯро кӯр карда буд.

Вақте ки Қудрат ҷисми падарро дар канали об дид, бовар ҳосил кард, ки ӯ мурдааст ва назди модарандараш омад.

Улҷони нимсӯхта нолиш мекард, касеро ба ёрӣ ҷеғ мезад. Қудрат мисли деве ба болои сари ӯ ҳозир шуд ва аз замин санги калонеро бардошта, ба сару рӯй ва пеши бари зан якчанд мартаба зад. Модар чун мурғаке, ки ба дасти каргас афтодааст, якчанд бор дасту по зада, оқибат аз болу пар задан бозмонд…

Қудрати ташнаи хун аз ҳамаи ин ваҳшоният сер нашуда, ба гирду атроф нигарист.Ӯ келинашон, ҳамсари бародараш Гулнозро мекофт. Шӯълаи баланди оташи мошини сӯхтаистода ба ӯ ёрӣ расонду Гулнозро дид. Ӯ зинда буд. Чун дарранда ба ӯ дарафтод. Бо санги калон ба сару рӯи Гулноз чанд зарба зада буд, ки ӯ аз хуш рафт ва Қудрат ӯро мурда пиндошт. Акнун духтари бародарашро мекофт.

Нолиши кӯдаконаи Гулзира Қудрати даррандаро назди ӯ овард.

Қудрат Гулзираро бо як даст баланд бардошта, ба канал ҳаво дод.

Баъди ҳамаи ин ваҳшоният аз ҷои ҳодиса гурехт.

Сокини деҳаи Қӯшбулоқ Шариф шабона ба ҳавлӣ баромада, овози гиря ва доду фиғонро шунида, ҳамсояаш Мирзоро аз хоб бедор карда, ба ҷои ҳодиса ҳозир ва сабаби зинда мондани маҷрӯҳон гаштанд…

Падари бадбахт ба писари дар паси панҷараи оҳанин нишастааш нигариста, ба фикр фурӯ рафт «Худоё дар тарбияи фарзанд чӣ хатое кардам, ки оқибат қотилам гашт? Суд ба Қудрат ҷазои умрбод аз озодӣ маҳрум карданро лоиқ донист.

Муйсафед ба саволҳои зиёди дар дилаш пайдошуда ҷавоб наёфта, бо дастонаш сарашро дошт:

– Кош, Худованд ҷонамро мегирифту сӯиқасди фарзандро намедидам. Охир, наход фарзанд қотили падар ва аҳли оила гардад? – гуфту дар толори суд аз ҳуш рафт.

## ХИЁНАТ

Гулрӯ рӯзи шанбе барвақт аз хоб хеста, бо аҳли хонадон хайрухуш кард ва рохи Душанберо пеш гирифт. Ӯ ният дошт аз фарзандонаш маслиҳат пурсида, баъд аз бозор ҷиҳози тӯйи арӯсии ду писарашро харад. Гулрӯ ба ҳар ду писараш келинҳои зебо ёфта буд ва аз интихоби модар писарҳо ҳам шод гаштанд, чунки онхо бо келиншавандахо дар як мактаб хонда, дар як деҳа калон шуда буданд.

Гулрӯ аз тирезаи мошин ба берун назар карда, аз зебоии табиат баҳра мебурд. Ду тарафи роҳ ҳама майсаву себарга, ҷо–ҷо гулхои лола сурхӣ мекарданд ва дар назари аввал чунин менамуд, ки гуё табиат ҷо – ҷо қолинҳои рангоранг густурда бошад.

Баъди чандсоата роҳ дар болои ағбаи Шар–Шар Гулрӯ аз ронанда хоҳиш кард:

– Дар канори роҳ ҷои мувофиқ ёфта мошинро боздоред.

Гулрӯ аз мошин баромада, аз ҳавои тоза нафаси чуқуре кашид ва фикр кард, ки шушаш аз ҳаво пур шуд. Ӯ ба диёри зебоманзараш нигоҳ карда ҳаловат мебурд. Аз баландӣ баҳри Норак каб–кабуд менамуд, ба назараш дар ин лаҳзаҳо хуршеди оламоро мехост тамоми оламро ғарқи нуру зиё гардонад. Чашмасору обшорону рӯдҳо мехостанд мусобиқакунон тезтар ба водиҳо ҷорӣ шаванд. Гулҳои Ватанаш дар марғзорон ба ханда омада буданд, булбулон, гунҷишкакон ва дигар парандаҳо дар шохсорон нағмасарой мекарданд. Дар ин лаҳза абри хурдакаке ба гардиш даромада, ба рӯи Гулрӯ як – ду катра борони гарм зад ва ӯ ба худ омада, бори дигар ба ин манзараи зебо нигоҳ карду ба мошин нишаст.

Шаб Гулрӯ хобе дида, аз ҷо бархост. Тамоми баданаш дарақ–дарақ меларзид ва арақи калон–калон рӯяшро фаро

гирифта буд. Ӯ дар хоб раҳматии хусурашро дид, ки бо қаҳру ғазаб ба ӯ мегӯяд: «Барои чӣ хонаву даратро ба бегонагон монда, ба Душанбе омадаӣ? Зуд бархезу рафта хонаатро соҳибӣ кун!»

Гулрӯ аз хоби дидааш бисёр парешонҳол шуд ва фарзандонашро бедор карда, хоҳиш кард, ки ӯро то истгоҳи мошинҳо гусел кунанд. Фарзандон аз дигар шудани раъйи модарашон ҳайрон, маслиҳати шабона кардаашонро ёдовар шуданд, аммо модар чизе шунидан намехост ва кӯтоҳакак гуфт, ки «ман муйсафеди бобоятонро хоб дидам, ин бесабаб нест».

Охир, дар бисту панҷ соле, ки Гулрӯ келини ин хонадон буд, бечора хусураш ягон мартаба ба рӯи ӯ баланд гап назад. Ин хоб бесабаб нест.

Гулрӯ бо фарзандонаш саросема аз хона бадар шуданд. Ҳаво ҳанӯз торик буд. Онҳо ба истгоҳ омада, ба мошине нишаста ба роҳ баромаданд.

Дар назари Гулрӯ мошин оҳиста–оҳиста хазида пеш мерафт. Аз ронанда хоҳиш кард, ки, илоҷаш бошад, мошинро тезтар ронад. Ронанда, ки ҷавони хушчақчақ буд, хост шухӣ кунад:

–Холаҷон, тез рафтагиҳо ба куҷо расиданд, ки мо расем. Дар ин гардишҳои хавфноки ағба оҳиста рафтанамон беҳтар аст.

Гулрӯ дид, ки суханаш фоида надорад, хомӯширо авло донист ва аз тиреза ба берун назар кард. Аз он зебоиҳое, ки дина дида буд, гӯё нишоне намондааст, ба назараш ҳама ҷо торикистон менамуд. Абри бузурги сиёҳе на фақат осмон, балки дили ӯро ҳам пахш мекард. Шир–шири борон сар шуд.

Ҷорӯбакҳои тирезаи мошин ба ин тарафу он тараф беист рафтуо доштанд, хеле серкор буданд.

Гулрӯ чашмонашро пӯшида беихтиёр тамоми ҳаёташро аз пеши назар гузаронд…

Баъди хатми донишгоҳи олӣ ба зодгоҳаш ба кор омад. Азбаски духтари хеле босавод ва ҷамъиятчии фаъол буд, ӯро ба корҳои роҳбарӣ гузарониданд. Аввал мудири боғчаи колхоз шуд ва баъд ба кори ҷамоат гузашт. Бо шавҳараш дар ҷои кор вохӯрда якдигарро нағз дида, хонадор шуданд. Хеле зиндагии орому осуда доштанд. Шавҳараш ҳам мутахассиси хеле кордон буд, ӯро ба маркази ноҳия ба кор таклиф карданд. Аз байн солҳо мегузашт. Онҳо соҳиби ҳафт шоҳписар шуданд. Гулрӯ духтаре дошт хушрӯяк, аммо дар кудакӣ ба заҳбури назди хона афтода ҳалок шуд. Худованд дигар ба ӯ духтар надод. Аммо Гулрӯ ҳазорон бор шукр мегуфт, ки ҳафт писар дораду вақте онҳоро хонадор мекунад, соҳиби ҳафт духтар мешавад. Ӯ акнун ду келин дошт, ба тӯйи ду писари дигараш тайёрӣ медид.

Гулрӯ, ки келини хизматгор буд, хусуру хушдоман ӯро хеле дӯст медоштанд. Хушдоманаш се сол боз бемори бистарӣ буд ва Гулрӯ кушиш мекард ҳам кори идораро кунад, ҳам вақт ёфта хизмати хушдоманро ба ҷо орад. Дар рӯзҳои вопасин хушдоман келинро дуои нек кард. Маъракаи хотирҷамъии хушдоман гузашта буд, ки хусураш ба бистари беморӣ афтод. Хусураш ба касалии фалаҷ гирифтор шуда буд ва ӯро нигоҳубин кардан бисёр вазнин буд, аз ҳамин сабаб Гулрӯ корро муваққатан қатъ карда, ба нигоҳубини хусураш машғул шуд. Мӯйсафед як сол бистарӣ буд ва аз ҷой хеста наметавонист. Баъди аз олам гузаштани хусураш ӯ боз ба кор баромад.

Вақтҳои охир ҳис мекард, ки шавҳараш тағйир ёфтааст, корро баҳона карда, ба хона дер меомад. Бо баҳонаи сафари хизматӣ ду–се рӯз бедарак шуда мерафт, муносибаташ ҳам бо Гулрӯ хунук буд. Ба хона телефон карда, дар бораи шавҳараш ҳар хел суханони бад мегуфтанд, аммо Гулрӯ бовар намекард, ки шавҳараш бадахлок шудааст ё ба ӯ хиёнат мекунад, чунки Гулрӯ дар муддати бисту панҷ соли зиндагӣ фақат хизмати шавҳар, хусур ва хушдоман гуфта, вақти

дамгириашро ёд надорад. Дар хона кор, дар берун кор, тарбияи фарзанд, гузаронидани меҳмонҳои шавҳар, ҳамаи ин корҳоро ӯ аз таҳти дил иҷро мекард ва аз корҳои кардааш ҳаловат мебурд, чунки шавҳарашро дӯст медошт.

Гулрӯ ба берун нигоҳ карда, мехост аз табиати зебои баҳор ҳаловат барад, аммо дар назараш чизе наметофт. Боз чашмашро пӯшида ба хаёл рафт…

– Холаҷон, расидем. – гуфтани ронанда ӯро аз хаёл баровард.

Гулрӯ аз мошин берун шуда, аввал фикр кард, ки ба ҷои кори шавҳараш равад, аммо ба ёд овард, ки имрӯз рӯзи истироҳат аст ва аз фикраш гашт. Боз андаке фикр карда ба ёд овард, ки шавҳараш роҳбар ки ҳаст, ҳар рӯзи истироҳат аз ҷои кораш як хабар мегирифт ва бозорӣ карда, ба хона меомад. Бинобар ин Гулрӯ роҳи идораи шавҳарро пеш гирифт. Ӯ раҳорах фикр мекард, ки агар шавҳарашро дар ҷои кор ёбад, бисёр хуб мешавад, чунки дар мошини ӯ якҷоя ба хона мераванд.

Бо ин хаёлҳо ӯ ба идораи шавҳараш расид, мошини шавҳарашро дар назди идора дида хурсанд шуд. Вақте ки вориди ҳавлии идора шуд, посбон аз пеш баромад.

–Акои Шариф, саломатиатон чӣ хел? Мудир дар утоқи кориашон? – гуфта пурсон шуд.

Посбон аз дидани Гулрӯ дасту по хӯрда чизе гуфта натавонист. Ба хоначае, ки дар шафати бинои идора барои чойнӯшии коргарон ҷиҳозонида буданд, нигоҳ карда, ишора кард.

Гулрӯ ба он хонача наздик шуда, хост дарро кушода дарояд, аммо дар аз дарун маҳкам буд. Гулрӯ гашта ба посбон нигоҳ кард, аммо посбон сар хам карда нигоҳашро гурезонд. Дили Гулрӯ таҳ кашид. Аз қахру ғазаб дарро девонавор кӯфта бо тамоми қувват кашид, кулфаки дар аз ҷояш канда шуд ва ӯ дохили хонача шуда, шавҳарашро бо зане ҳамоғӯш болои кат бараҳна дид.

Осмон ба сари ӯ фурӯ рехт, аз қахру ғазаб тамоми аъзои баданаш меларзид. Ӯ либосҳои он занро гирифта хост ба берун ҳаво диҳад, аммо зан ба пеши пои Гулрӯ афтида гиряву зорӣ кард ва бахшиш пурсид. Гулрӯ хам шуда аз муйҳои ӯ кашида хост бараҳна ба берун телааш диҳад, аммо шавҳараш аз дастони Гулрӯ дошта хоҳиш кард, ки ба худ биёяд.

–Гулрӯ, азизам, худатро ба даст гир, маро шарманда накун, гуноҳамро бубахш.

Гулрӯ ба сӯи шавҳараш бо нафрат нигоҳ карду фиғони бар лаб расидаашро талх фурӯ бурда, девонавор ба кӯча баромад. Дар кӯчаҳои маркази ноҳия хаёлӣ ин тарафу он тараф мегашту ба ёдаш шахсе расид, ки доимо розгӯю роздону маслиҳатгари занони ноҳия буд. Ӯ роҳи хонаи раиси занони ноҳияро пеш гирифт. Ҳаракат кардан барояш душвор буд. Пойҳояш нимҷону заминрӯб гӯё ба ду санги вазнине табдил ёфта буданд, ки онҳоро базӯр кашолакунон пеш мерафт. Шамоли сахте вазида чангу хокро бардошт. Ӯ монанди барқ дар ҳавои гирифтаву абрӣ базӯр хазида пеш мерафт. Ба гирду атроф назар кард. Ҳама ҷо сиёҳ буд, пеши чашмонашро низ сиёҳӣ гирифт. Дили Гулрӯ аз сӯхтани хонаи ишқаш дуд кард. Абри сиёҳи бузург осмонро фаро гирифту борони калон–калон ба боридан сар кард.

Гулрӯ ба ҳавлии раиси бонувон даромада, ӯро дар ҳалкаи фарзандон дид.

Раиса Гулрӯро дидан баробар ба пешвозаш баромад:

–Биё, Гулрӯҷон, шамолҳои куҷо паронд туро, – гуфта ба ӯ наздик шуд ва якдигарро ба оғӯш кашиданд.

Гулрӯ дигар тоқат карда натавонисту бо овози баланд гиря кард.

–Чӣ шуд, барои чӣ гиря мекунӣ? – гуён раиса ӯро ба хона таклиф кард ва барои ором шуданаш як пиёла об дод.

Баъди каме ором шудан Гулрӯ тамоми ҳодисаи дидаро нақл кард.

Раиса баъди шунидани ин ҳодисаи хеле нафратовар бори дигар Гулрӯро таскин дода, мақсади ӯро пурсид.

–Муаллимаҷон, намехоҳам дигар рӯи шавҳарамро бинам, мехоҳам ба суд ариза дода аз ӯ ҷудо шавам. Ҳайфи умрам ва ҳайфи меҳнатҳое, ки ман ба ӯву хешу табораш кардам. Мехоҳам пагоҳ назди раиси ноҳия даромада, ҳамаро нақл кунам, ки роҳбари идора дар ҷои кораш ба чӣ корҳо машғул аст. Бигузор аз кор пешаш кунанд.

Раиса баъди андак сукут гуфт:

– Гулрӯ, ту зани босаводу бофарҳанг ҳастӣ, пастию баландии зндагиро хуб медонӣ, ҳафт шоҳписар дорӣ. Агар ту пагоҳ назди раис дароӣ, албатта ӯ ба шавҳарат ҷазо медиҳад, мумкин аз кор ҳам пешаш кунад. Пагоҳ дар тамоми ноҳия овозаву дарвозаи зиёд мешавад ва дар сари қаҳр ӯ туро талоқ медиҳад ва ҳафт писарат ятим мемонад. Хонавайрон мешавед ва ӯ зани дигар мегирад.. Бори дигар андеша кун, мумкин, хотири фарзандон хиёнати ӯро бахшӣ?

Гулрӯ ба суханони раиса гӯш дода ба фикр фурӯ рафт. Ҳарчанд нафраташ нисбати шавҳараш зиёд мегардид, аммо намехост фарзандонаш ятим монанд. Ӯ дудидила шуд.

Гулрӯ дилрешу дилхун ба хонааш баргашт, намехост бо касе гап занад. Дар ҳақиқат, дунё дар назараш торику беранг буд. Насиҳати раиси занонро гирифта, ин ҳодисаро ба касе нагуфт, чун кундаи тар дарун–дарун сӯхт. Ба рӯи шавҳараш нигоҳ кардан намехост. Як хонаи пур аз хандаву шодӣ барояш чун мотамхона гашта буд. Гулҳои бо ҳазор умед шинондааш дар рӯи ҳавлӣ на ранг доштанду на бӯй. Ҳузури нодилхоҳи шавҳарашро маҷбур таҳаммул мекард…

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо сипарӣ шуданд, аммо муносибати зану шавҳар чун ҳавои зимистон сард буд. Гулрӯ рӯз ба рӯз хазон мешуд. Ба беморие гирифтор шуд, ки ягон духтур онро муайян карда натавонист. Рафтори шавҳараш, ки аз аввала бадтар буд, ӯро бистарӣ кард.

Гулрӯ аз писари калонӣ хоҳиш кард, ки зудтар тӯйи пи-

саронашро пеш гирад, чунки саломатии ӯ рӯз то рӯз бадтар мешуду беҳтар не.

Гулрӯ дар бистари беморӣ буду ду келини хушкардаи ӯро тӯй карда, ба ҳавлӣ оварданд. Аз гулӯи ӯ дигар об ҳам намегузашт.

Рӯзе раиси занон ба аёдати Гулрӯ омад. Гулрӯ дар бистари марг буд. Гулрӯ аз дидани муаллима шод гашта аз ӯ хоҳиш кард, ки наздиктар шинад.

–Муаллимаҷон, бедухтарӣ душвор будааст, мехоҳам рози диламро ба келинҳо гӯям, андеша мекунам, ки оё онҳо маро мефаҳмида бошанд ё не, гарчи келинҳоям духтарони хубанд. Ман хато кардам, ки гапи шуморо гирифта ҳамон вақт хиёнати шавҳарамро бахшидам. Ин бахшиш бароям гарон афтод. Дар муддати як соли охир гулхани рашк маро сӯхт бе оташ дуд кардам. Хиёнат ва бадахлоқии шавҳарам маро ба бистари марг овард. Ӯ ба боғи орзуҳоям чун жолаи бераҳмӣ борид. Дирӯз ҷавони ҳамсояе, ки маро модар ва шавҳарамро падар мегуфту дар вақташ худамон хонадораш карда будем, ба хона даромада «Очаҷон, падарам занамро кашида гирифт, онҳо якҷоя зиндагонӣ доранд» гуфт.

Дидед, ин беимон ҳатто бо духтархондаш ҳамхоба шудааст…

Баъди се рӯзи ин сӯҳбат Гулрӯ бо аламҳои зиёд, бо дили пур аз дарду ғам аз хиёнати шавҳар дунёро падруд гуфт.

Фарзандон кӯшиш мекарданд ба рӯи падар нигоҳ накунанд, чунки онҳо нағз медонистанд, ки сабабгори марги модар хиёнати падар аст.

Баъди маитаро ба хок супурдан писари хурдии Гулрӯ ба чашмони падар нигоҳ карда гуфт:

–Шумо модарамро куштед!

Падар гӯё акнун хатои худро фаҳмид. Ӯ дигар ба нигоҳи фарзандон тоб намеовард. Як умр нигоҳашро аз дунёи равшан, аз шуои офтоб, аз хандаи кӯдакон мегурезонд, чунки вазнинтарин гуноҳро содир карда буд, ки номаш хиёнат аст.

# ҚИСМАТ

Шаҳноз рӯи ҷойнамоз нишаста буду бо гӯшаи рӯймол нами чашмонашро пок карда, аз Худои мутаол илтиҷо мекард:

«Худовандо, ягона давлат, умеду орзую ормон, имрӯзу фардои ҳаётамро аз ман ҷудо накун. Чашми душманонро кӯр кун. Бигузор, Қатраакам бо ман бошад. Охир, дар дунё ман ба ғайр аз ӯ касе надорам. Шукронаи фарзандони падар, аммо ҳар кадом бо хонаву дари худ саргардон. Дар ин дунё насибам як Қатра аст, бигузор бо ман бошад. Мехоҳам Қатраам дарё шавад, номбардори модар бошад. Худоё, садоямро шунав!»

Шаҳноз баъди хатми донишкадаи олӣ ба зодгоҳаш ба кор омад. Духтари фаъол, ташкилотчӣ, дидадаро ва хушсухан буд. Дар куҷое, ки кор кунад, бо ҳамкорон зуд унс мегирифт ва дӯстдоштаи атрофиён мешуд. Баъди дар мактаб каме кор кардан роҳбари ҷавонони нохия интихоб шуд. Шаҳноз саргарми кор шуда, бо ташкилу гузаронидани чорабиниҳои шавқовари тарбиявӣ дар байни ҷавонон ба зудӣ соҳибобрӯ гашт. Атрофиён ӯро дӯст медоштанд, сазовори бовари ҷавонон гашта буд.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, обрӯи ӯ на танҳо дар байни ҷавонон, балки миёни ҳамаи аҳли ноҳия меафзуд…

Дар ҳаёташ ҳодисае рух доду ҳаёти ӯро дигаргун сохт; Ӯ ошиқ шуд, ошиқи шайдо. Девонавор ба касе ошик шуду худ бехабар монд. Ӯ шабҳои дароз мижа таҳ намекард.

«Ин чӣ балое буд, ки ба сари ман омад? Не, не, ман бояд нагузорам, ки ин ҳиссиёти маро дигарон фаҳманд. Охир, ман сарвари ҷавонони ноҳия ҳастам. Онҳо аз ман бояд ибрат гиранд. Ин рафтори ман нафрати одамонро бедор меку-

над, ба шахсе дил бастаам, ки оиладор аст. Худоё, аз шармандагӣ нигоҳам дор, ба ман қуввае деҳ, коре кун ки ин сир фош нашавад».

Муҳаббати Шаҳноз ба Воҳид зиёда мегашт. Ишқи ҷавонӣ сӯзу соз дорад.

Ду ҷавони аз иштибоҳи хеш ё сарнавишт ба ҳам омада мехостанд иморати бахти худро аз меҳру муҳаббат созанд. Вале иморатро Воҳид бо зани дигаре бино карда буд. Самари он муҳаббат акнун ду фарзанди нозанинаш буд. «Офтобро ба домон пӯшонда намешавад» мегӯянд. Дар тамоми ноҳия миш–миш шуд, ки сарвари ҷавонони нохия бо корманди ҳифзи ҳуқуқ ишкварзӣ мекунад.

Шаҳноз сар боло карда наметавонист. Вале чӣ илоҷ? Магар шуои хуршед, мавҷи баҳр, парвонаи гирди шамъ, булбули боғ, оруи болои гул ва табассуми тифлаконро инкор кардан мумкин аст? Ҳаргиз не! Муҳаббат қувваи бузурге будааст.

Дар ҷаласаи ҳизбӣ муносибати ин ду ҷавонро муҳокима ва ҳардуро аз кор пеш карданд.

Сарсониҳои Шаҳноз сар шуд. Ҳеҷ кас сухани ӯро шунидан намехост. Ба сӯяш санги таҳқиру маломат меандохтанд. Ӯ нигоҳи маҳкумкунандаи беҳарф, вале ҳазоровои атрофиёнро дар хуну пӯсташ эҳсос мекард. Ӯ ҳомила шуда буд. Аз одаму олам ва дунёи рӯшан гурехтан мехост.

Ҷазои ҳизбӣ чӣ буд, ки ҷанҷолҳои оилавӣ сар шуд. Ҳамсари Воҳид омада, ӯро дар хонааш латукӯб кард. Ба гуфти худаш, «шарманда кард». Ягона умедаш Воҳид буд, ки меояду ӯро таскин медиҳад. Аммо афсӯс…

Шаҳноз бо мӯйҳои канда, сару рӯи харошидаву хуншор мунтазири Воҳид буд. Аз байн се рӯз гузашт, вале ӯ наомад…

Шаҳноз ба суроғи Воҳид баромад. Ӯро ёфт,аммо аз он Воҳиде, ки фақат лутфу марҳамат медид ва суханони ширину шаҳдрез мешунид, нишоне намонда буд. Дар наздаш

ҷавонмарде меистод, ки аз нигоҳи бадҳайбат ва суханони талху пичингомезаш дунё дар назари Шаҳноз торик гашт.

–Ту дигар маро наков, фаромӯш накун, ки ман зану фарзанд ва хонаи обод дорам. Ҳеҷ гоҳ хонаамро вайрон, фарзандонамро ятим кардан намехоҳам, як тори мӯи ҳамсарамро аз ту боло медонам…

Ҳоли ӯ дар хона аз ин ҳам бадтар гашта буд. Нигоҳи таҳқиромези бародар ва янгааш ӯро чун тир сӯрох мекард. Он оташаки аз меҳру муҳаббат афрӯхтааш акнун гулхан шуда буд, ки Воҳид ба он оби сард рехт. Хонаи ишқаш пур аз дуди сиёҳи талх гашт ва Шаҳноз дар ин оташи хомӯшгашта дарун–дарун месӯхт. Дар сари ӯ фақат як фикр чарх мезад: «аз ин шармандагӣ мурдан авлост».

Посе аз шаб гузаштааст. Шаҳноз аз ҷояш бархоста ба оина наздик шуд. Дар назди оина шамъ месӯхт. Ӯ ба оина нигариста, муйҳои парешонашро ба тартиб овард. Ҷавонзане бо рӯи чун субҳгоҳон сап–сафед, чашмони зебои бодомӣ, мӯйҳои абрешим, рухсораҳои чун гули лола, ки аз ҳаячон сурхтар шуда буданд, аз оина ба ӯ бо алам менигарист. Ӯ бори дигар худро ба тартиб даровард, мехост дар лаҳзаи охирини ҳаёт ин дунёро зебо падруд гӯяд. Аз хонаи хоби худ оҳиста ба ҳавлӣ баромад. Маҳтобшаб буд. Аз таги айвон ресмони ғафсеро, ки худ бегоҳӣ тайёр карда монда буд, гирифту ба сӯи оғил рафт. Бо дастони ларзон бандро ба гарданаш ҳалқа карда, дар торикӣ ҷои салма андохтанашро мекофт, ки нохост дар батнаш ҷунбишеро ҳис кард. Аввал фикр кард, ки аъзои баданаш ларзид, аммо баъди дуруст мушоҳида кардан фаҳмид, ки фарзанди ба дунё наомадааш дар батнаш ҷунбида истодааст Магар аз нияти модар огоҳ шуда бошад, ки безобита шудааст?

Ӯро ҳиссиёти ширине фаро гирифт, оҳиста даст ба шикамаш бурд ва ба худ омад. Худоё, ман чӣ кор карда истодаам? Наход қотили фарзанди худ шуданиам? Аз шарму ноумедӣ нияти худкушӣ кард, аммо ҷон ширинӣ кард,ё

меҳри тифли батнаш маҷбураш кард, ки ҳалқаи тангшударо бо панҷаҳои чангакшудааш барканад ва бар қасди марг зиндагиро пазируфт. Ӯ бандро аз гардан бароварда партофт ва гирён попеч ба сӯи хона тохт. Шаҳноз баъдҳо аз фарзандаш миннатдор буд, ки намонд, ки модараш чунин кори нобахшиданиро кунад.

Худкушӣ гуноҳи кабира аст, мегӯянд, худкушро ҳатто ҷаноза кардан раво нест. То саҳар мижа таҳ накард ва ба худ қарор дод, ки ҳеч гоҳ ин фикрро ба сараш дигар роҳ нахоҳад дод.

Рӯзҳои вазнин аз сари Шаҳноз мегузашт. Ӯ аз як зани шӯху чақ–чақӣ, хушсухану хандонрӯй ба дамдузду гӯшанишин табдил ёфт. Ба маъракае намерафт, худро аз ҳама канор мегирифт. Теппаҳои пур аз гули ноҳия барояш якранг менамуданд. Гӯё табиат болои боғи орзуҳояш жолаи бераҳмӣ меборонд. Дунё барояш холӣ буд, холитар аз зиндагии берангу бораш. Дӯстони беҳтаринаш, ки ҳамеша дар гирди дастархонаш буданд, аз ӯ дур шуданд. Мегӯянд, ки дӯстро дар рӯзҳои вазнин мешиносанд. Ӯ шинохт ҳамаро. Дигар намехост бо касе вохӯрад, рози дил гӯяд. Дар рӯзҳои вазнин ягона дӯсташ китоб буд. Мехонд, бисёр мехонд. Бо каҳрамонони қиссаҳо хаёлан сӯҳбат мекард. Аз қиссаҳои хондааш ҳамтақдирони худро меҷуст, ки ояндаашон чӣ мешуда бошад?

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, давраи ҳомилагии Шаҳноз хеле бад мегузашт, ӯ бисёр асабонӣ мешуд, фишори хунаш баланд мешуду худро хеле бад ҳис мекард. Духтурон ба ӯ тавсия медоданд, ки дар ҳавои кушод бештар гардад, фикрҳои бадро аз сараш дур созад. Дар бораи сиҳату саломат таваллуд шудани фарзанд фикр кунад.

Нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз гузашт. Ӯ охирин умедашро амалӣ карданӣ шуда ба Воҳид занг зад:

–Воҳидҷон, вақти таваллуди фарзанд наздик аст, Саломатиам хеле бад, метарсам, ки сари фарзанд наравам. Аз ту

хоҳиш мекунам, агар ба ман ягон ҳодиса шавад, фарзандамонро таҳти тарбияи худ гир.

Аз гӯшаки телефон садои хандаи масхараомез баланд шуд:

– Дар бораи кадом фарзанд мегӯӣ? Тую фарзанди ҳаромии ту ба кӣ даркор?

Шаҳноз дигар чизеро нашунид. Гӯшҳояш кар, чашмонаш кӯр гаштанд ва чун ба ҳуш омад, худро болои кати таваллудхона дарёфт. Ӯ ба атроф назар кард ва якчанд зани хилъатсафедро дида пурсид:

– Ман дар куҷоям? Бо ман чӣ ҳолате рух додааст?

– Шумо дар таваллудхонаед, фарзанд таваллуд кардед, акнун бояд истироҳат кунед – ҷавоб дод духтурзан ва кӯшиш кард бо ҳамин сӯҳбатро қатъ кунад ва баромада рафтанӣ шуд.

– Духтурҷон, илтимос, наравед, ба ман фарзандамро нишон диҳед – гуфт Шаҳноз.

Духтур аз роҳаш бозистода, курсиеро гирифту ба бемор наздик монда нишаст.

– Духтарам, ту давраи ҳомилагиатро бад гузарондаӣ. Ҳамеша асабонӣ мешудӣ, ҳамаи ин сабаб шуд, ки зоиш бисёр вазнин афтад. Мо духтурон сабаби наҷот ёфтанат шудем, аммо кӯдакат дар ҳолати вазнин аст. Ӯро пеши ту оварда наметавонем. Ба ҳар ҳол, ба ҳама чиз тайёр шудан даркор, сабур бош, духтарам. Ту ҷавонӣ, ҳаётат дар пеш аст, дар насибат бошад, фарзандони зиёд ба дунё меорӣ.

Шаҳноз бегоҳи ҳамон рӯз бо вуҷуди ҳолати вазнинаш аз ҷой бархоста ба роҳрав баромад. Ӯ дар роҳрав ба навиштаҷоти паси дарҳо нигоҳ карда, утоқи кӯдаконро меҷуст.

Духтури навбатдор ӯро дар роҳрав дида хоҳиш кард:

– Ба шумо ҳоло хестан мумкин нест. Наход ба ҷони худ ҷабр кунед? – гуфта аз дасташ гирифту оварда ба каташ хобонд.

– Духтурҷон, ман гиряи тифлонро шунида, фикр кардам, ки кӯдаки ман гушна мондааст. Хостам ӯро сер кунам.

– Фарзанди шуморо мо худамон нигоҳубин ва сер мекунем. Шумо бояд фикри худро кунед.

Аз байн ду рӯз гузашт. Кӯдакро наздаш намеоварданд. Шаҳноз бетоқат мешуд, аз духтур, ҳамшираи шафкат ва ҳатто аз заноне, ки утоқи ӯро рӯбучин мекарданд, мепурсид, ки барои чӣ кӯдакро ба ӯ нишон намедиҳанд.

Рӯзи сеюм духтур ба Шаҳноз хабари шум овард.

– Духтарам, мард бош, насиби фарзандатро ба бағал гирифта макондан набудааст. Ҷонашро харида натавонистем.

Фиғони Шаҳноз ба фалак печид:

Ӯ дасти холӣ, сархам ва бо дили пур аз ғаму андӯҳ ба хонаи падар баргашт. Чун пешин аз хона намебаромад, бо касе вохӯрдан намехост.

Рӯзе ба аёдати ӯ дугонаи давраи донишҷӯиаш Чеҳра омада хоҳиш кард:

– Дугонаҷони азизам, ин имтиҳони тақдир буд. Ту ба муҳаббати шахсе бовар кардӣ, ки ба як тори мӯй ва ба як қатра оби дидаи ту намеарзад. Худатро ба даст гир. Ту саводи хуб, қобилияти беандозаи ташкилотчигӣ дорӣ, худро хор накун, ба кор баро. Фақат меҳнат метавонад шахсро соҳиби обрӯ, соҳиби ҳурмату эҳтиром гардонад. Вақт давобахши ҳама дардҳост. Бовар дорам, ки бахтатро меёбӣ. Шахсе пайдо мешавад, ки туро ҳаққонӣ дӯст медорад.

– Дугонаҷон, аз таънаи мардум метарсам, одамон сӯи ман бо ангушт нишон дода, маҳкумам мекунанд.

Дугонаҳо то як поси шаб сӯҳбат карданд.

Шаҳноз баъди ин сӯҳбат тағйир ёфт, ба кор баромада саргарми меҳнат шуд. Дар муддати кӯтоҳ ӯ тавонист артрофиёнро ба худ моил созад ва соҳиби эҳтироми хамагон гардад. Ба ӯ бовар карданд. Аз ӯҳдаи вазнинтарин корҳо бо

сарбаландӣ баромада метавонист. Солҳои зиёд дар корҳои роҳбарӣ кор кард.

Азбаски Шаҳноз хеле зани зебо буд, талабгоронаш дар ноҳия зиёд буданд, аммо ӯ дигар ба касе бовар намекард. Номардии Воҳид, ки фиребаш дода буд, аз ёдаш намерафт. Ба ҳар як мард бо шубҳа нигоҳ мекард. Ба худаш қавл дод, ки дигар шавҳар намекунад.

Рӯзе дугонааш Чеҳра ба ҷои кори ӯ омад. Онҳо хеле гарму ҷӯшон вохӯрӣ карда, аз аҳволи якдигар пурсон шуданд.

Чеҳра дар бораи фарзандонаш ва ҳамсари меҳрубонаш нақлҳои аҷиб карда, ба Шаҳноз саволомез нигоҳ кард.

– Дугонаҷони азизам,Чеҳра, ман аз муваффақиятҳои ту шодам. Корҳои ман низ хеле пеш рафтанд. Раҳмат ба ту, ки ба ман маслиҳат додӣ, ки гӯшанишинӣ накунам. Вақти бекорӣ надорам.

– Дугонаи азизам, дар бораи ҳаёти оилавӣ гап зан. – гуфт Чеҳра.

– Он хатои аввалин барои тамоми ҳаёти ман басанда аст. Ман дигар ҷуръат карда наметавонам. Ба ягон мард бовар надорам.

– Дугонаҷони азизам, боз ҳам хато мекунӣ. Охир на ҳама чун Воҳид булҳавасанд. Ишқи пок дар рӯи замин ҳаст. Маҳз муҳаббат аст, ки хаёт зебост. Охир ҳаёти мо бе фарзанд маъно надорад.

– Чеҳраҷон, синну солам ҳам барои таваллуд кардан мувофиқ нест – гӯён Шаҳноз афсӯс хӯрд.

– Дер нашудааст. Шарт нест, ки ту таваллуд кунӣ. Аз хонаи кӯдакон як тифлакро гирифта калон кун. Ин беҳтарин кор мешавад.

Баъди чунин сӯҳбатҳо дугонаҳо бо якдигар хайрухуш карданд.

Дар гӯши Шаҳноз суханони дугонааш такрор ба такрор садо медоданд. Ӯ ба хулосае омад, ки тифлакеро ба тарбия гирад. Шаҳноз соҳиби духтарчаи нозанин шуд. Тифлаки

дурӯзаро Қатра ном монд. Аз кори кардааш шод буд. Агар Қатра хандад, механдид, агар гиряд, ҳамроҳаш кӯдаквор мегирист. Барои Шаҳноз зиндагии наве оғоз гардид. Дар давоми рӯз даҳ – дувоздаҳ бор ба хона занг зада, аз ҳоли Қатра мепурсид, кор тамом шудан баробар ба хона метохт. Янгаи меҳрубонаш – ҳамсари бародараш ёвари ӯ буд.

Аввалин табассум, аввалин сухан, аввалин қадамкании Қатра барои Шаҳноз ид буд. Аз бахти баландаш меболид.

Баъди ноумедиҳои зиёд дар дили Шаҳноз як шӯълаи умед аланга зад. Ӯ соҳиби фарзанд аст, ӯро дар хона мунтазиранд, ин аст шодии зиндагӣ.

Хурсандии Шаҳноз дер давом накард. Рӯзе Қатра аз мактаб ба хона гирён омад. Ҳарчанд янгааш пурсон шуд, ӯ чизе нагуфта, ба хонаи дарун даромаду бо садои баланд гирист.

Ин ҳолатро ба Шаҳноз телефон карда гуфтанд. Ӯ баъди фурсате ба хона расида, саволомез ба янгааш нигоҳ кард.

– Намедонам, Қатра аз мактаб омада, ба пурсишҳоям чизе нагуфт. – ҷавоб дод келини хонадон.

Шаҳноза ба хонаи дарун даромада аз Қатра сабаби гиряашро пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, духтарам?

Қатра аз ҷо бархоста ба чашмони Шаҳноз нигариста пурсид:

– Модари ман кист?

Рӯзи равшан дар назари Шаҳноз шаби тор шуд. Сараш чарх зад. Дилаш бехузур шуд. Ба Қатра наздик шуда, ӯро ба оғӯш гирифт ва ҳарду баланд гиристанд.

– Қатраҷонам, ин суханро ба ту кӣ гуфт? Манам модари ту. Калон шавӣ, ман ҳамаашро ба ту мегӯям. Ҳозир ором шав, манам модарат.

Баъди ин суханҳо Қатра Шаҳнозро сахттар ба оғӯш гирифт. Шаҳноз метарсид, ки мабодо касе онҳоро аз ҳам ҷудо бисозад.

Шаҳноз ба фикр фурӯ рафт. Ин ҷудоиандозӣ кори кӣ

бошад? Майна об мекард. Охир ӯ роҳбари яке аз ташкилотҳои калонтарини ноҳия аст ва имрӯзҳо садҳо корафтодагон ба наздаш медароянд, хоҳиши на ҳамаи онҳоро иҷро карда метавонад. Ба ёдаш омад, ки ду рӯз пеш зане аз назди ӯ норизо баромад. Бори сеюм бо ҳамон хоҳиш наздаш даромаданӣ буд, ки Шаҳноз ба ӯ фаҳмонд, ки аз ӯҳдаи иҷрои ин кор намебарояд. Қонунро вайрон кардан намехоҳад. Пеш аз рафтан он зан гуфта буд:

– Ту қонунро вайрон кардан нахоҳӣ, ман хонаи туро вайрон мекунам!

Он рӯз Шаҳноз ба суханони он зан аҳамият надода буд. Фақат имрӯз фаҳмид, ки ӯ чиро дар назар доштааст…

Шаҳноз дар ҷойнамоз аз Худои мутаол хоҳиш мекард:

– Худоҷон, наход як гуноҳи дар ҷавонӣ кардаам тамоми умр маро дунболагир бошад? Қатраамро аз ман ҷудо накун, илтиҷо дорам, тавалло мекунам...

## НОМА

Фирӯза ба тирезаи хурдакаки ҳабсхона назар карда, хост берунро бинад, аммо ғайр аз панҷарахои сиёҳи оҳанин дар пеши чашмаш ягон чиз наменамуд. Фақат шир–шири борон ва чак–чаки он шунида мешуд. Ӯ аз ҳамсояаш, ки дар маҳбас ҳарду ду моҳ боз якҷоя нишаста, унс гирифта буданд, пурсид:

– Апаҷон, имрӯз чандум аст?

– 21–уми март. Рӯзи иди Наврӯз – ҷавоб дод апаи Ҳанифа.

Фирӯза оҳи пурдарде кашид:

– Апаҷон, агар дар Ватан мешудему озод мебудем, аз дасти фарзандон гирифта ба тамошои иди Наврӯз мерафтем, суманак мепухтем, аз гулу себаргаҳо гулчанбар сохта, болои сари духтарон ва тоқии чакан дӯхта, ба сари писарам монда, оташ афрӯхта барои гуноҳҳоро сӯхтан аловпарак мекардем – гуфта бо овози баланд гиря кард.

Ҳанифа ӯро ором карданӣ шуда, худаш ҳам беихтёр ба гиря даромад.

Дар ҳабсхонаи кишвари бегона ду зани бадбахт чун борони баҳор гиристанду гиристанду гиристанд…

Аз берун садои шир–ширу чак–чаки борон шунида мешуду аз дарун оҳи пурдарди ду зани гумроҳ. Барои ин ду зани бадбахт ин лаҳза дунё холӣ буд, холитар аз зиндагии берангу бори дур аз Ватан. Дуди талхи афсӯс дар дохили он макone, ки ҷойгоҳашон гашта буд, ҳамеша дар парвоз буд.

Фирӯза қариб ҳар шаб хоб медид, ки фарзандонашро аз дур мебинад ва бо тамоми қувват ба сӯяшон метозад, аммо фарзандон торафт аз ӯ дур мешаванду дур…

Фирӯза бори дигар ба он тирезаи панҷараи оҳаниндоре, ки садҳо фарсах дур аз Ватани ӯ воқеъ буд, назар кард ва

гиребони тавба қабза карда, каламу қоғаз гирифту ба писари калонаш Ҷаҳонгир, ки акнун ба синфи шаш мерафт, нома иншо кард:

«Ҷаҳонгири азизам, писараки меҳрубонам, агар тавонӣ, маро бубахш, чунки ман дар ҳаёт вазнинтарин гуноҳ содир кардам, фақат бо мақсади шуморо хушбахт дидан, шуморо серу пур дидан ба ин кори паст даст задам. Писарам, дар хурдӣ синаи модарро сахт газида будаӣ, ки ба ин рӯзҳо афтодӣ. Ба ҳамааш мани модари сарсахти ту гунаҳгорам. Охир, ман медонам, ки ҷуз марг дигар ҳеҷ чизу ҳеҷ кас ҳақ надорад волидонро аз фарзандон ҷудо бикунад. Аммо як рафтори беақлонаи ман шумо азизонамро аз ман ҷудо кард. Писараки азизам, аз хохаронат чӣ хабар дорӣ? Ба ман навис. Охир, ту кӯдак ҳам бошӣ, марди хонаӣ, такягоҳи хоҳаронат хастӣ. Шабу рӯз дар фикри шумо азизон ҳастам, умед дорам, ки баъди аз маҳбас баргаштан ҳаёти нав оғоз мекунем.Бо эҳтиром модари сарсахту чигарсӯхтаи шумо».

Берун аз тирезаи панҷарааш оҳанин садои шир–шири борон ва чак–чаки он баландтар мешуд, гӯё абрҳои осмони кишвари бегона низ ба ҳоли модари тоҷик мегирист.

Ҳанифа то мактуб иншо кардани Фирӯза ба ин зани бечора бодиққат назар карда, аз дил гузаронд, ки Фирӯза дар ҷавонӣ чи зани зебое будааст. Тақдир одамро ба кадом кӯчаю тангкӯчаҳое мебурдааст.

Фирӯза лифофаи мактубро махкам карда, ба Ҳанифаи камгап нигоҳ карда пурсид :

– Апаҷон, шумо ба ягон наздикатон нома навиштанӣ нестед?

Ҳанифа баъди сукути дурудароз ба Фирӯза рӯ оварда, дар давоми ду моҳи якҷоя дар маҳбас будан якумин мартаба аз ҳаёташ шиква кард.

Ҳанифа дар байни ҳафт акаву додар дар оила ягона духтар буд. Ӯ кӯдакии ширине гузаронидааст. Тамоми хоҳиши

ӯ бе ягон монеа иҷро мешуд. Падару модар хоҳиш доштанд духтарашон маълумоти хуб гирад, аммо Ҳанифа, ки аз хурдӣ нозпарвард буд, ба хондан завқ надошт. Ҳирси зебоипарастӣ, чизпарастӣ, ҷавоҳироти бисёр доштан дар дили ӯ аз кӯдакӣ лона гузошта буд. Агар ӯ гаронтарин чизро хоҳиш мекард, падару модар дастрасаш мекарданд.

Солҳо сипарӣ мешуданд, давраи кӯдакӣ ва наврасии Ҳанифа паси сар шуд ва акнун ӯ духтари зебое шуда буд. Ҷавонони бисёре гирдаш парвона буданд, ӯ аз байни онҳо зеботарин ва бадавлаттарин ҷавонро, ки мошин, хона ва вазифаи баланд дошта бошад, меҷуст. Номзади табъи дилаш намеёфт.

Рӯзе Ҳанифа дар лаби Баҳри Тоҷик истироҳат мекард, ки ҷавони зебое бо номи Маъруф наздаш омада ҳамсӯҳбат шуд ва бо як дидан «ман ошиқу шайдои ту!» – гуфта дили Ҳанифаро рабуд. Баъди ду моҳи вохӯриҳо Ҳанифа ҳис кард, ки ҳомила шудааст. Ӯ ин хабарро ба Маъруф гуфта хоҳиш кард:

Айшу ишрат бас, бояд мо ҳарчи тезтар туй кунем.

Маъруф хандаи талхе кард:

– Чӣ хел туй, ман се фарзанд ва зани нозанине дорам, ки як тори мӯи онҳоро ба садтаи ту баринҳо намедиҳам: – гуфт.

Дунё ба назари Ҳанифа торик шуд, аввалин мартаба хоҳиши ӯ иҷро намешуд.

Рӯзҳо мегузаштанд ва ҳама аз ҳомила будани Ҳанифа огоҳ шуданд. Падару модар ва бародарон намедонистанд сарашонро ба куҷо зананд. Ҷамъомади оилавӣ барпо карда, илоҷи воқеаро ҷӯё шуданд. Ба хулосае омаданд, ки Ҳанифаро ба як хеши дурашон, ки дар деҳаи дурдаст бо падару модараш зиндагонӣ мекард, ба занӣ диҳанд.

Баъди муддате ҷавонро ба шаҳр оварда дар тарабхонаи зеботарини шаҳр тӯй ороста, ба хешбачаашон калиди мошин ва хона тӯҳфа карданд.

Бо ҳамин аҳли хонадон вазифаи худро адо ҳисобида, аз шармандагӣ худро гӯё раҳо намуданд.

Ҳанифа, бо вуҷуди ҳамаи он гуноҳҳояш, хешбачаи деҳотиашро писанд намекард. Шабҳо ба хона дер меомад, агар шавҳараш пурсиданӣ шавад, ӯро гап задан намемонд. Байни ин ду ҷавон девори ноаёну сангини нобоварӣ, беҳурматӣ, дилсардӣ ва пур аз таҳқир боло шуда, сӯи осмон қад кашид.

Баъди таваллуди фарзанд Ҳанифа тағйир ёфт. Кӯдакро тамоман намаконд. Тарбия ва нигоҳубини кӯдак бар дӯши шавҳараш, ӯ на танҳо шабҳо дер меомад, балки якчанд рӯз гум шуда мерафт.

Вақте шавҳари Ҳанифа ба падару модар ва бародаронаш аз рафтори ӯ шикоят мекард, онҳо китф дар ҳам мекашиданду хомӯш буданд.

Маоши ночизи шавҳар ӯро қонеъ намекард. Ӯ мехост чун пешина соҳиби ҳама чиз бошад, савлату давлату маишат…

Бо занони шубҳанок ҳамроҳ шуд, рафиқони зиёде пайдо кард, ки ба чӣ кор машғул будани онҳоро ҳеҷ кас намедонист, аммо зиндагии шоҳона доштанд.

Ҳанифа ба сафарҳои дур мерафтагӣ шуд. Ба тиҷорате машғул буд, ки ҳеҷ кас намедонист чӣ мехараду чӣ мефурӯшад.

Шавҳараш мехост онҳо кӯдакдор шаванд, вале Ҳанифа қатъан рад карда гуфт, ки «ман аз қишлоқӣ фарзанд карданӣ нестам».

«Рафиқон ва ҳамкорон»–и Ҳанифа рӯзе ба ӯ супориши навбатиро дода, ба давлати ҳамсоя гуселаш карданд. Мегӯянд,ки бори каҷ ба манзил намерасад.

Сафари навбатӣ барои Ҳанифа сафари бебарор буд, ӯро кормандони ҳифзи ҳуқуқ дастгир карданд.

Ба пурсишҳои кормандони ҳифзи ҳуқуқ:

– Ту зан ҳастӣ, модар ҳастӣ, наход дилат ба он ҷавононе, ки ту бо бори овардаат ҳаёташонро месӯзӣ, як умр ғуломи героин ва дигар маводи мадҳушкунанда мегарданд, насӯзад, охир ту модарӣ! «Ман модар нестам!» ҷавоб дода буд.

Ҳанифаро ҳабс карданд. Аз байн шаш сол гузашт ва инак ду моҳ мешавад, ки ӯ бо дигар модари тоҷик ба як маҳбас афтодаанд ва барои чӣ бошад, ки аввалин мартаба ӯ аз ҳаёташ, Ватанаш ва фарзандаш ёдовар шуд. Шояд оҳу нола ва гиряҳои Фирӯза ӯро ба фикр водошта бошад?

Вақте Фирӯза нақли Ҳанифаро шунид, аз ӯ пурсид:

– Он рафиқон ва ҳамкоронат, ки туро бо мавод таъмин мекарданд озодат накарданд?

Ҳанифа оҳи гароне кашида хомӯш монд.

Берун аз тирезаи оҳанини панҷара шир–шир ва чак–чаки борон ҳарчи баландтару баландтар садо медод.

Фирӯза бори дигар ба мактуби दасташ бо меҳр нигоҳ карда, ба Ҳанифа рӯ овард:

– Апаҷон, ба писаратон нома нависед, сабук мешавед. Ана ман ба фарзандонам нома навишта бахшиш пурсидам, бовар дорам, ки онҳо дили маро мефаҳманд ва мебахшанд, чунки ман ба хотири онҳо ба ин пастиҳо рӯ овардам.

Ҳанифа баъди сукути дурудароз ба Фирӯза рӯ оварда, аввалин мартаба пурсид:

– Чанд фарзанд дорӣ ва сабаб чист, ки ба хотири фарзандон ту ба ҳабсхона афтодӣ?

Фирӯза, ки ду моҳ мунтазири ин савол буд, ба нақли ҳаёташ оғоз кард.

Фирӯзаро, ки аз падару модар дар кӯдакӣ ятим монда буд холааш калон кард. Баъди хатми мактаб ӯ ҳуҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи тиб супорида донишҷӯ шуд. Дар давоми хондан ӯ азоб кашид, аммо кӯшиш кард, ки маълумот гирифта, соҳибкасб шавад.

Тақдир ӯро бо Умар, ки ӯ ҳам мисли Фирӯза ятим калон шуда, донишҷӯи донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ буд, рӯ ба рӯ

кард. Онҳо якдигарро дӯст дошта хонадор шуданд ва оилаи хубе барпо карданд. Фирӯза бо сабаби фарзанддор шудан дигар хонданашро давом дода натавонист. Хост таҳсилро ғоибона давом диҳад, аммо омӯзишгоҳи тиб шӯъбаи ғоибона надошт ва ӯ хонданашро давом дода натавонист.

Фирӯза ва Умар сохиби чор фарзанд шуданд, аз бахти худ хеле шод буданд, гарчанде зиндагии хоксоронае доштанд ва иҷора менишастанд. Барои хушбахт шудани онҳо фақат як чиз намерасид: хона. Умед доштанд, ки рӯзе навбати Умар мерасаду аз ҷои кор ба ӯ хона медиҳанд. Вале вазъи сиёсӣ дар кишвар номӯътадил гардида, ҷанги бародаркуш сар шуд.

Умар барои осоиш ва амонии Тоҷикистони азиз байни майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон», ки дар ҳарду тараф ҳамсабақон, рафиқон ва дӯстонаш буданд, равуо намуда, онҳоро ба сулҳу салоҳ даъват мекард.

Рӯзе бегоҳӣ аз хонаи бечораҳолонаи Фирӯза доду вой баланд шуд. Тири нохалафе риштаи умри Умарро канда буд, чор фарзанди хурдакак ва Фирӯзаи гирёну нолон дар хонаи иҷора лолу ҳайрон монда буданд. Саргардониҳои Фирӯза оғоз шуд. Маросими чили шавҳарро надода, соҳиби хона «Агар пули иҷораро надиҳӣ, хонаро холӣ кун!» гуфта ба ҳолаш намонд.

Фирӯза намедонист ба кӣ муроҷиат кунад, ягона хеш–холааш аз дунё гузашта буд. Аз хешовандони шавҳараш ҳам ягон шахси наздик набуд.

Ба сад идора сар зада ҷои кор мекофт, аммо бенатиҷа. Рӯзи дароз кор мекофту хонаи иҷора. Шабҳо то саҳар мижа таҳ накарда, субҳро бо ҳоли парешон пешвоз мегирифт. Гиряҳояшро аз фарзандон пинҳон медошт. Ӯ дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону зору нолону ночор монда буд… Намедонист саҳар бархоста сарашро ба кадом дар занад.

Рӯзе пагоҳӣ роҳи бозорро пеш гирифта, мехост дар он ҷо ақаллан коре ёбад, ки якрӯза нони кӯдаконро ёфта, ба

хона орад. Тасодуфан бо зане вохӯрд, ки аз вазъияти бади Фирӯза огоҳ шуда ба ӯ кори осон ваъда кард.Фирӯзаро ба сафари роҳи дур тайёр карданд ва ваъда доданд, ки баъди баргаштан дусад доллари амрикоӣ мегирад. Фирӯза розӣ шуд. Дар фурудгоҳи шаҳри Маскав Фирӯзаро, ки дар меъдааш героин дошт, кормандони хифзи ҳуқуқ дастгир карданд. Дар мулки бегона Фирӯза чӣ азобҳо, чӣ таҳқирҳое, ки надид!

Фарзандони бепадару бемодари Фирӯза баъди саргардониҳои зиёд ба ятимхона афтоданд ва дар он ҷо як бурида нони сериро диданд.

Ин аст тақдири талхи модари роҳгуми сарсахт.

Фирӯза бори дигар ба номаи навиштааш назар карда, онро ба синааш зер кард, тасаввур кард, ки фарзандонашро ба сина зер карда истода бошад. Бори дигар ба Ҳанифа рӯ оварда, «Апаҷон, ба наздикон нома нависед, дилатон холӣ мешавад гуфт». Охир, шумо ҳам писаре доштаед яккаву ягона.

– Фирӯзаҷон, писари ман маро мебахшида бошад, мефаҳмида бошад, охир ман як рӯз ҳам ба ӯ сина надодаам, боре ҳам аз дасташ гирифта, ба тамошо набурдаам. Чизе карда бошад, падарандар кардааст. Ҳанифа баъди ин суханҳо аввалин мартаба дар шаш соли маҳбусӣ ба писараш нома навишт.

Соатҳо, рӯзҳо, ҳафтаҳо гузашт ва ба ҳарду модар ҷавоби номаҳояшон омад.

Фирӯза номаи аз писараш омадаро бетоқатона хонда, ҳам механдиду ҳам мегирист. Ӯ шод буд, чунки дар номаи писараш Ҷаҳонгир ҳар чор фарзандаш расми панҷаҳояшонро бо умеде кашидаанд, ки гуё бо модар салом мекарда бошанд.

Аммо Ҳанифа ҷуръат намекард, ки номаи дар дасташ бударо кушода хонад.

– Апаҷон, кушода хонед, ку писаратон чиҳо навиштааст, бинед фарзандони маро – гуфта номаро ба Ҳанифа нишон дод.

– Ман баъдтар мехонам. – гуфта Ҳанифа боз хомӯш монд.

Дар муддати ду моҳи дармаҳбас буданаш ӯ аввалин мартаба ба хоби ширин рафт.

Фирӯза пагоҳӣ қаноатманд аз хоб бархост. Вале ҷасади Ҳанифаро дида ба даҳшат афтод. Доду фиғон бардошта атрофиёнро ба ёрӣ даъват кард. Нозирон ва духтури маҳбас омада, Ҳанифаро бурданд. Аз дасти ӯ қоғази ғиҷимшудае афтид, ки мактуби писараш буд. Фирӯза номаро гирифта хост хонад, аммо нозирон ба ӯ иҷозати хондан надоданд. Ба ӯ маълум набуд, ки марги Ҳанифа марги илоҳӣ буд, ё худкушӣ. Писараш ба модар чӣ навишта бошад? Наход писар модарро набахшида бошад?…

## ЯК ШАБ...

*Агар касе барои одил будани Худо аз ман далеле бихоҳад, ба ӯ ҷавоб хоҳам дод: беҳтарин нишона ва равшантарин ояти инояти Худованд дар ҳаққи мо офариниши* ***зан*** *аст.*

***Самуэл***

Рӯзи истироҳат буд. Мукаррама, ки ҳар рӯз бо дамидани субҳ баромада ба кор мерафт, ин пагоҳӣ аз хоб дертар хеста, дар болои рахти хобаш бо набераи зебою дустрӯякаш, ки акнун забон бароварда, ширин чизе гуфтанӣ мешуд, бозӣ карда, бо забони набераaш «очаҷонакам», «ширинакам», «зебоякам» гӯён сифатчинӣ мекард. Азбаски ба набераaш номи модарашро монда буд, ҳама ӯро "очаҷон" гуфта дӯстдорӣ мекарданд.

Занги дар баланд шуд.

– Очаҷон, шуморо духтаре мепурсад, гуфта келин ба хонаи хоби Мукаррама даромад.

Мукаррама ба истиқболи меҳмон баромад, аммо ӯро нашинохт.

– Ман духтари Лолаи ванҷиам. Маро модарам назди шумо фиристод.

Мукаррама аз шунидани ин номи барояш хеле азиз ба ҳаяҷон омад.

– Ӯ дар куҷост, чаро ту танҳо омадӣ?

Модарам дар беморхона бистарист ва аз ман хоҳиш карданд, ки илоҷе ёфта шуморо ёбам. Ман як ҳафта боз нишонии шуморо мекобам.

Ба гӯши Мукаррама дигар ягон гап намедаромад ва саросема либосҳояшро пӯшид.

Апаҷон, шумо назди модарам бе ман дароед, он кас шуморо мешинохта бошанд?– вақте ки ба дари утоқи хоби Ло-

ла расиданд, пешниҳод кард духтари дугонааш.

Баъди хатми донишкадаи олӣ онҳо якдигарро сӣ сол боз надида буданд.

Мукаррама ба ҳуҷраи беморон даромада чор нафар беморро дид, ки дар катҳо мехобиданд. Баробари ӯро дидан яке аз онҳо гирён шуд ва Мукаррама рост назди ӯ рафт.

Мукаррама ва Лола якдигарро оғӯш карда гоҳ мегиристанду гоҳ механдиданд.

Баъди пурсупос Мукаррама аз духтур ҳолати Лоларо пурсон шуд. Духтур гуфт, ки баъди табобат саломатии Лола хеле хуб шудааст.

Мукаррама Лоларо аз беморхона ба хонааш бурд.

Мукаррама ҳамеша ҳар вақте ки ба фарзандон аз давраи донишҷӯӣ ёдовар мешуд, албатта номи Лоларо ба забон мегирифт ва фарзандон дугонаи модарашон –Лоларо ғоибона медонистанд.

Лола баъди бо фарзандони Мукаррама шинос шудан ва каме дам гирифтан аз Мукаррама Ситораро суроғ кард. Мукаррама зуд ба Ситора занг зад ва аз ӯ хоҳиш кард, ки фавран ба хонаи онҳо ояд. Ҳарчанд Ситора сабаби ин омаданашро пурсад ҳам, Мукаррама нагуфт.

Ситора ҳам баъди чанде расида омад ва аз дидани Лола бо ӯ ҳолате, ки дар беморхона бо Мукаррама рух дода буд, такрор шуд.

Онҳо аз сӯҳбати якдигар сер намешуданд, сухани ҳамдигарро бурида ҳарчи тезтар мехостанд дар бораи якдигар бештар донанд.

Бо навбат дар бораи ҳаёташон гап мезаданду гоҳ шодӣ мекарданду гоҳ ашк мерехтанд.

Як шаби онҳо бо қиссаву афсона ба поён омад.

Аввал Ситора оғоз кард.

Ӯ баъди хатми донишгоҳ ба водии Вахш ба кор меравад. Бо ҷавоне вохӯрда, якдигарро дӯст дошта, хонадор мешаванд. Зиндагии ширине оғоз карданд, ҳарду омӯзгор буданд,

як нафас ҳам бе якдигар зиста наметавонистанд. Солҳо пайи ҳам сипарӣ мешуд, аммо аз хонаи онҳо садои хандаи кӯдак шунида намешуд. Аз байн панҷ сол гузашт.

Рӯзе модари Сӯҳроб ба келину писараш гирён гуфт:

Фарзандонам, барои инсон беҳтарин ганҷ фарзанд аст. Мегӯянд, ки «хонае, ки тифл дорад, ғусса дар он хона нест». Ман аз шумо, келини азизам, розӣ ҳастам, аммо умратонро беҳуда нагузаронед. Агар ҷудо шавед, шояд ҳарду фарзанддор гашта хушбахт шавед. Охир ман аз гиряҳои пинҳоният огоҳам, аз писарам ҳам ту бисёртар ғам мехурӣ. Ту низ, писарам, мехоҳӣ аз дасти писарат гирифта дар назди рафиқонат «ман мардам!» гӯӣ. Охир, номбардори падару модар фарзанд аст. Ман намехоҳам писарам бе нишона монад.

Баъди ин сӯҳбат Ситора ва Сухроб гирён аз якдигар ҷудо шуданд.

Рӯзу шабҳои зиёде паси сар гашт. Аммо Ситора ҳеҷ ҷуръат накард, ки дубора шавҳар кунад. Ба хостгорҳо ҷавоби рад медод.

Сӯҳроб бошад, дубора хонадор шуд. Дар орзуи фарзанд буд.

Хешу табори Ситора «умри ҷавонатро ҳайф накун, шавҳар кун» гуфта ӯро ба ҷону ҳолаш намемонданд.

Ситора бо марде, ки чор фарзанд дошт ва аз Ситора бист сол калон буд, хонадор шуд. Баъди нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз дар оилаи онҳо тифлаке ба дунё омад, ки Ситораро хушбахт гардонд. Хизмати шавҳар ва фарзандони ӯро аз сидқи дил мекард, чунки ба пайи қадами онҳо соҳиби фарзанд шуда буд, аммо дилаш аз он хиҷил буд, ки бахти аввалаш Сӯҳроб бо вуҷуди бори сеюм хонадор шуданаш, фарзанддор шуд.

Азбаски ҳарду дар мактаби деҳа омӯзгор буданд, ҳамдигарро тез–тез медиданд. Аз дидани мӯи бармаҳал сафедшудаи Сӯҳроб ва аз нигоҳҳои маъюсонааш Ситора ғамгин мегашт.

Солҳои пурдаҳшати ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон дар ҳар як оила доғе монд. Аксари ҳамдеҳагони Ситора дар он рӯзҳои пурдаҳшат гуреза шуда ба Афғонистон рахти сафар бастанд. Дар қатори онҳо шавҳари Ситора низ. Ситора аз шавҳараш хоҳишу илтиҷо намуд:

–Мардак, синну соли шумо ба ҷое расидааст, ба мулки бегона наравед, дар пешонаамон чизе бошад, ба тақдир тан диҳем, дар Ватан монем.

Шавҳар ба гапи зан гӯш надод. Онҳо ҳангоме ки шабона бо фарзандон дарёи Панҷро убур мекарданд, шамоли сахте шуд. Писари талбидаи Ситора ба об ғарқ шуд. Ситора девонавор дод мезад, нолаву фиғон мекард... Шавҳараш дасту по хӯрда худро аз паси фарзандаш ба об партофт, аммо на аз падар нишоне буду на аз писар. Дар он тарафи дарё Ситора ашкрезон дар мулки бегона аз соҳил дур нарафта шавҳар ва писарашро мекофт. Ӯро ҳама девона мегуфтанд. Чор фарзандхонда гирди модари зору ҳайрону бечора парвона буданд, онҳо низ дар ин дунё ғайр аз модар дигар касе надоштанд.

Баъди муддате гурезаҳоро ба Ватан баргардонданд, Ситора низ ба Ватан баргашт.

Баъди аз Афғонистон баргаштан директори мактаби деҳа Ситораро ба кори пешинааш даъват кард. Азбаски тарбияи чор фарзанд бар дӯши ӯ буд, розӣ шуд.

Тақдир Ситора ва Сӯҳробро боз наздик кард. Ҳарду дар як мактаб дарс мегуфтанд.

Сӯҳроб, ки ба тақдир тан дода буду дигар ба фарзанддор шудан умед надошт, танҳо зиндагонӣ мекард.

Аз дидани Ситора дар дили Сӯҳроб шӯълаи умеде пайдо шуд. Сӯҳроб бо директори мактаб маслиҳат карда, ба хонаи Ситора хостгорӣ рафтанд.

Ситора фарзандонхондаҳояшро, ки калон шуда буданд, наздаш хонда маслиҳат пурсид. Онҳо хомӯш буданд. Сӯҳроб ба фарзандони Ситора ҳаёти талхи худро нақл кард

ва аз онҳо илтимос кард, ки розӣ шаванд, то дар пирӣ Сӯҳроб онҳоро ба фарзандӣ қабул кунад ва бо бахти аввалаш якҷоя шаванд.

Фарзандон розӣ шуданд. Азбаски онҳо чор духтар буданд, Ситора ва Сӯҳроб онҳоро чун фарзандони худӣ бо расму русуми аҷдодӣ ба ҳаёти мустақилона гусел карданд.

Лола дигар тоқат накарда аз Ситора пурсид :

–Ҳоло бо шавҳарат танҳоед?

–Не, Лолаҷон, ману Сӯҳроб қарор додем, ки кӯдакеро аз ятимхона гирифта калон кунем. Ҳоло хушбахттарин модар ҳастам. Вақте ки ба ин ҷо меомадам, хостам писарам Шодиҷонро бо худ биёрам, дугонаҳо бемалол чақ –чақ кунед гӯён Сӯҳроб намонд.

Барои он ки ҳеҷ кас нафаҳмад, ки Шодиҷон писари ман нест,– нақлашро давом дод Ситора, – дигар ба водии Вахш нарафтем, муқими Душанбе шудем. Дар як литсейи шаҳри Душанбе омӯзгор ҳастам.

Чунин аст, дугонаҳои азизам, тақдири ман.

Дар чашми дугонаҳо аз хоб нишоне набуд. Ситора ва Мукаррама рӯ ба Лола оварданд.

Лола баъди хатми донишгоҳ ба зодгоҳаш ноҳияи Ванҷ баргашт. Ӯ бо Олим, ки аз давраи мактабӣ шинос буданд, вохӯрда бо маслиҳати волидайн шавҳар кард.

Лола ба хонаи серфарзанд келин шуд. Ӯву шавҳараш, ки корманди хонаи маданият буд, зиндагии хуш доштанд. Солҳо сипарӣ мешуд, Лола дар мактаби деҳа муаллима буд. Дар оилаи онҳо пайиҳам духтар ба дунё меомад. Шод буданд. Яке аз дигаре зеботар, аммо хусуру хушдоман ҳамеша дар интизори писар буданд ва гоҳу ногоҳ инро ёдовар мешуданд. Келинҳои ин хонадон пайиҳам хона сохта оилаи нав барпо карда ҷудо мешуданд. Аммо Лоларо, ки зани бофарҳанг, босавод ва хизматгор буд, хусуру хушдоман аз худ ҷудо шудан намемонданд.

Солҳо сипарӣ мешуданд, аммо ҳеҷ не, ки дар оилаи Лола ва Олим писаре ба дунё ояд. Духтари чорумро Шукрона ном монда орзу карданд, ки писардор шаванд.Баъди Шукрона боз духтар ба дунё омад. Истад номаш монданд, бо умеде, ки бо ҳамин аз духтарзоӣ бозистад, аммо боз духтари зебое ба дунё овард ва Басонаташ ном ниҳоданд, «бас» гуфтанд, аммо афсӯс, гуё Офаридгор оҳи дили Лола ва Олимро намешунид. Хислатҳои Олим дигар шуданд, дӯстони нав пайдо кард, ба шаробнушӣ мубтало гашт, ӯро бардошта ба хона меоварданд.

Аз шаробнушӣ ба истеъмоли банг гузашт. Ҳама вазнинии хона бар дӯши Лола буд. Бо нӯги қалам ва бофтани ҷӯроб аробаи зиндагиро мекашид. Лола орзу дошт писаре ба дунё оварда, Олими азизашро хушбахт гардонад, аммо хушбахтии Олим мадҳушӣ буд. Лола бори ҳафтум писардор шуд, аммо норасо ба дунё омад. Бечора Лола аз ғами фарзанди иллатӣ ба кампири садсола монанд шуд, ба ташвиши рӯзгордорӣ боз бемордорӣ зам шуд. Олим бошад, аз ин роҳи бад гаштанаш маҳол буд.

Лола баъди ҷамъбаст кардани соли хониш аз маоши ночизаш каме пасандоз карда буд, духтаронаш бошанд ҷӯробҳои пашмин мебофтанд, аз фурӯши онҳо маблағи ночизе пайдо карда, ба модар доданд ва ӯ роҳи Душанберо бо умедҳои зиёд барои табобати фарзандаш пеш гирифт.

Лоларо духтурзани рус дилбардорӣ карда, фаҳмонд, ки одам набояд рӯҳафтода шавад. Маслиҳаташ дод, ки баъди сесолагӣ кӯдакашро ба ҷарроҳӣ биёрад.

Лола бо фарзанди бемор ба диёри зебои афсонавиаш Бадахшон баргашт.

Дар хона нохушиҳои зиёд интизораш буд. Аз асбоби рӯзгор чизе намонда, Олим ҳамаро фурӯхтаву ба маводи мадҳушкунанда сарф карда буд. Насиҳатҳои падару модар, завҷаи меҳрубон, ёру бародарон ба Олим кора намекард.

Падари мӯйсафедаш ба ин рафторҳои Олим тоб наоварда,

аз олам даргузашт.

Дар рӯзи ҷаноза Олим чунон мадҳуш буд, ки маҷоли рост истодану аз гӯшаи тобути падар бардоштан надошт. Бародарон якҷоя шуда, падарро гӯру чӯб карданд. Аз байн ду сол гузашт ва писарашон гапзан шуд ва рӯзе пагоҳӣ Олим ба кӯча баромаданӣ мешавад, ки писараш:

– Падарҷон, маро ҳам ба тамошо баред, гуфта ашк мерезад.

Олим баргашта ба чашмони пуроб, гардани каҷ ва пои норавони ӯ назар карду давида ба хонаи дарун даромада, бо овози баланд гирист. Рӯзи дигар аҳли оила аз хоб хеста Олимро дар хона надиданд. Дар назди тиреза вараҷи дафтаре, ки дар он бо хати зебо мактубе иншо шуда буд:

«Лолаи меҳрубонам, агар тавонӣ, маро бубахш, ман дигар ин тавр зиндагӣ карда наметавонам. Аз ин ҳол мурданам авлотар аст. Ман ба Душанбе рафта худамро табобат мекунонам, баъд ба Русия рафта, кор карда фарзандамро табобат мекунам. Бори дигар маро бубахш, аз духтаронам ҳам бахшиш мепурсам, чунки ман назди Парвардигор ношукрӣ кардам. Олими ту».

Олим ба Душанбе омада, рафиқи давраи донишҷӯиашро ёфт. Аз ӯ маслиҳат пурсид. Табиб баъди ташхис кардан ба Олим гуфт:

– Дӯстам, агар иродаи мардона дошта бошӣ, ман туро табобат мекунам.

Чор моҳ Олим дар табобат буд ва аз беморхона сиҳат шуда барои кор ба Русия рафт. Азобҳои зиёдеро дар мулки бегона аз сар гузаронид, аммо шабу рӯз кор карда бо маблағи даркорӣ назди Лолаи меҳрубон ва писари маъюбаш баргашт.

Дар хонаи Лола низ шӯълаи умед пайдо гашт ва онҳо роҳи Душанберо пеш гирифтанд. Баъди ҷарроҳӣ писарашон табобат ёфт.

Лола хушбахт буд, аммо азобҳои кашидааш бетаъсир

намонданд ва қисса кӯтоҳ, фарзандон барои табобат ба Душанбе гуселаш мекунанд ва ӯ имрӯз дар Душанбе бо дугонаҳои давраи донишҷӯӣ аз ҳаёти худ ба якдигар нақл мекунанд.

Соҳибхона Мукаррама таклиф кард, ки хоб кунанд, аммо дугонаҳо аз сӯҳбати якдигар сер нашуда буданд ва таклиф карданд, ки Мукаррама низ аз ҳаёташ қисса кунад:

– Аввал мехоҳам қиссаеро ба шумо нақл кунам, ки дар бораи зодгоҳи ман Фархор аст ва қаҳрамони он қисса Аноҳито мебошад, ман умре орзуи ба Аноҳито монанд шуданро доштам,– гӯён Мукаррама ба дугонаҳояш рӯ овард.

Аноҳито, модарбузурги қавмҳои ориёӣ, фариштаи рӯдҳову заминҳои барӯманд, олиҳаи ишқу зебоӣ ва покию равшанист.

Дар замонҳои хеле қадим, чандин ҳазорсола пеш аз зуҳури Тӯфони Нӯҳ дар сарзамини Ориё духтаре бо номи Аноҳито ба дунё омад, ӯ дар ҳусну латофат ва илму маърифат яктои ҷаҳону дар разму набард Гурдофариди замон буд. Даме ки аз чанги сеҳрноки ӯ наво мерехт, хуршеди оламоро ба тапиш, сайёраи мо ба гардиш, бодҳо ба навозиш, чашмасорону обшорону рӯдҳо ба ҷунбиш, гулҳо дар марғзорон ба рӯиш, булбулон дар шоҳсорон ба хониш, барқ ба ғурриш, абр ба нолиш ва рангинкамон бо рангҳои Замину Осмон ба омезиш меомаданд.

Аноҳито қавмҳои парешони Ориёро ба ҳам оварда, илму ҳунар омӯхт. Киштукору чорподориву кишоварзию бунёдгариро ба мардон, хонадориву меҳандориро ба занон ёд дод.

Аноҳито сипаҳсолори гурдофаридон буд. Бо хоҳиши онҳо дар доманаи кӯҳи Чилдухтарон, дар миёни Баҳманрӯду дарёҳои Ому шаҳре ба номи Фархор бунёд кард, ки маънояш шаҳри гурдофаридҳо, шаҳри бутони оламорост. Овозаи ин шаҳр саросари сарзамини Ориёро пахш кард. Корвонҳои зиёде аз тамоми гӯшаву канорҳои дунё ба шаҳри Фархор меомаданду мерафтанд.

Рӯзе аз Балх корвоне азми шаҳри Фархор кард, ки дар миёни корвониён Зардушти ҷавон низ буд. Зардушт, чун ба Фархор расид, дар ҷустуҷӯи Аноҳито шуд ва ӯро дар назди Кохи духтарони чангнавоз дарёфт. Аноҳиторо дидан баробар Зардушт дасту по гум кард, ҷону дил бохт, дар оташи ишқ сар то ба по сӯхт.

Зардушти дилдода кӯ ба кӯю дар ба дар мегашт, аммо рози дилашро ба касе гуфта наметавонист.

Оқибат дар хилваткадаи шаҳри Балх гӯшанишинӣ ихтиёр кард ва ба навиштани шеърҳои ошиқона пардохт. Китобе навишт бо номи Авасто, ки саропо аз ниёиш ба Яздони пок ва ситоиш ба ишқи поки Аноҳито буд. Баъд аз навиштани китоби Авасто тарки гӯшанишинӣ карда, ба майдони Навбаҳори Балх омад. Чун шом дамид, Зардушт дар майдон гулхан барафрӯхт. Мардуми ҳайратзадаи Балх гирди гулхани афрӯхтаи Зардушт ҷамъ омаданд.

Зардушт китоби Авасторо ба даст гирифту ба хондан шурӯъ кард. Баъд аз ин шоми гулханафрӯзӣ Авасто дар дили мардум чунон ҷой гирифт, ки забон ба забон, ҷаҳон ба ҷаҳон гашт.

Ба ҳар шаҳре, ки мерафт, дар майдони он шаҳр гулхан меафрӯхт ва авастохонӣ мекард.

Овозаи китоби Авасто ба гӯши Аноҳито ҳам расид. Баъд аз хондани он дар дили Аноҳито қасди шавҳар кардан пайдо шуд.

Ба гурдофаридҳо амр дод, то дар тамоми қаламрави кишвараш овоза кунанд, ки Аноҳито хоҳиши шавҳар кардан дорад, лекин ба як шарт:

Ҳар ҷавонмарде, ки «Асрори рӯзи азал»–ро кашф карда тавонад, Аноҳито ҳамсари ӯ хохад шуд. Ин овоза ба гӯши Зардушти шайдову дилдодаи Аноҳито расид, қариб буд, ки аз шавқу шодӣ дилкаф шавад ва камари ҳиммат барбасту аз пайи кашфи «Асрори рӯзи азал» шуд. Ӯ шаҳр ба шаҳр мегашту илм меомӯхт. Дар он замон мардумони дунё ба ҷуз

имрӯзу фардову дирӯз дигар чизеро намедонистанд. Онҳо намедонистанд, ки ҳафта чист, моҳ чист, сол чист, намедонистанд, ки рӯз кадом соат оғоз ва кадом соат анҷом меёбад. Намедонистанд, ки сол кадом вақт оғоз меёбаду кадом вақт ба нуқтаи анҷоми хеш мерасад.

Баъд аз омӯхтани илми зиёде Зардушт ба хулосае омад, ки расадхонае бунёд кунаду тавассути он гардиши ситораҳоро омӯзад. Ӯ ба зодгоҳаш Балх баргашт. Чун ба майдони Навбаҳори Балх расид, дид, ки ҳамшаҳриёнаш дар миёнаи майдон оташкадаи бузурге бунёд кардаанду дар партави оташкада авастохонӣ доранд. Балхиён, чун Зардуштро диданд, ба по хестанду пешвозаш гирифтанд ва аҳсану офаринаш хонданд.

Зардушт аз шаҳрҳои дидааш ва илмҳои омӯхтааш ба мардум қиссаҳо кард ва орзуи бунёд кардани расадхонаро ба арзашон расонд. Мардуми бофарҳанги Балх дар як муддати кӯтоҳ аз рӯи лоиҳаи Зардушт расадхонаро дар паҳлӯи Оташкада бунёд намуданд ва Зардушт ба кашфи «Асрори рӯзи азал» шурӯъ кард. Ӯ нахуст як шабонарӯзро, ки аз 24 соат, баъд ҳафтаро, ки аз ҳафт шабонарӯз, сонӣ моҳро, ки аз 30 шабонарӯз ва дар охир солро, ки аз 12 моҳ иборат аст, кашф намуд.

Баъди ин кашфиёт Зардушт китоби «Асрори рӯзи азал»–ро гирифту раҳсипори шаҳри Фархор шуд. Чун ба Фархор расид, дид, ки тамоми гурдофаридҳо бо чанг навои ғамангези «Пажмон» менавозанд.

Аз ин навои ҳузновар Зардушт лол гашта буд.

Чун сабаб пурсид, гурдофаридон гуфтанд, ки муддатест Аноҳито тарки шаҳри Фархор кардааст. Ба куҷо рафтани ӯро касе намедонад. Кош ҷавонмарде пайдо шаваду Аноҳиторо дарёбад.

Зардушт аз ин посуху аз он навои «Пажмон» дилчок шуда, фарёди ҷонгудозе заду аз пайи дарёфтани Аноҳито шитофт.

Ӯ тамоми сарзамини Ориё, тамоми дунёро кофт, вале нишоне аз Аноҳито наёфт. Дилафгору пурормону парешону пажмон ба Балх омад, ба гунбади расадхонааш баромаду рӯ ба чархи гардун намуда, ба Яздони пок ниёиш кард. Балки ниёиши Зардушт ба гӯши Парвардигор расид, ки дар роҳи Каҳкашон ногоҳ ғулғулае бархост. Зардушт чун нек назар кард, чашмаш ба ситорае афтод, ки чанг менавохту аз шӯри нағмаи он ситораҳои кайҳон арғушт мерафтанд. Зардушт аз ин наво ба шӯр омаду дигар тоқати дар Замин истоданро накард. Бо болу парҳои озарафшони оташкадааш ба гардун парвоз кард ва Роҳи Каҳкашонро пеш гирифт. Чун ба майдони базми ахтарон расид, Аноҳиторо дид, ки чанги сеҳрнок ба даст, оҳанги яздонӣ менавозад. Зардушт ба Аноҳито сари таъзим фуруд оварду китоби «Асрори рӯзи азал»–ро ба дасташ супурд. Аноҳито дигар роҳи гурез надошт, чунки шарти ӯро Зардушт иҷро карда буд. Вакте ки ситораҳои кайҳон аз ин роз огоҳ шуданд, ҳарду дилдодаро муборакбод намуда, тӯйи арӯсиро дар осмон оғоз карданд. Баъд аз анҷоми тӯйи осмонӣ Зардушт дасти Аноҳиторо гирифта, аввал ба Балх, сипас ба Фархор рафтанд ва тӯйи ориёӣ оростанд ва то охири умр дар Фархор муқимӣ буданд ва Фархорро яке аз шаҳрҳои зебои олам карданд ва ҳар як инсони рӯи замин орзу дошт як бор гузараш ба Фархор афтад ва аз зебоии он баҳравар шавад. Беҳтарин тоҷирони рӯи дунё беҳтарин моли худро барои фурӯш ба Фархор меоварданд ва дар натиҷа роҳи калонтарини абрешим аз шаҳри Фархор мегузашт.

Рӯзи омадани Аноҳито ва Зардушт аз кайҳон ба замин ба рӯзи аввали моҳи Фарвардин рост омад ва мардуми Ориё он рӯзро Наврӯз хонда, ҳар сол ҷашнаш мегиранд.

Аноҳито ҳафт фарзанд бо номҳои Хуршед, Барзгар, Кова, Зев (меъмор), Борбад, Гурд ва Ҷамшед ба дунё овард, ки тамоми хирадмандони дунё аз насли Хуршеданд, тамоми кишоварзони дунё аз насли Барзгаранд, тамоми оҳангарони

дунё аз насли Коваанд, тамоми бинокорони дунё аз насли Зеванд, тамоми ҳунармандони дунё аз насли Борбаданд, тамоми паҳлавонони дунё аз насли Гурданд ва тамоми шоҳаншоҳони дунё аз насли Ҷамшеданд.

Имрӯз ситораи Аноҳито бо фарзандонаш ситораҳои Ҳафтдодарон ба осмони тираи сайёраи мо партавфишонӣ доранд, то ки хокиён аз нури хиради Чарх бебаҳра намонанд».

Ин аст он қиссаи Фархори азизи ман. Як умр орзуи онро доштам, ки чун Аноҳито Фархори бостониро як шаҳри обод ва халқашро хушбахт бинам.

Ҳамин тавр, Мукаррама баъди хатми донишкадаи олӣ ба зодгоҳаш Фархор ва мактабе, ки худ хатмкардаи он буд, ба кор меравад.

Вақте ки бори нахуст ба кори мустақилона оғоз кард, аз байн қариб сӣ сол гузашт, вале ин давра ҳеҷ аз хотираш зудуда намегардад.

Устод ӯро наздаш хонда фотиҳа дод ва дар охир таъкид кард, ки дар ҳамон вақте ба бовари умум сазовор шудан мумкин, ки одам ғаму дарди атрофиёнро ғаму дарди худ донад. Ин таъкиди устоди шодравонаш дар давоми сӣ соли фаъолияти корӣ ҳар рӯзу ҳар соату ҳар лаҳза дар майнааш садо дода меистад. Ӯ ҳамагӣ се сол омӯзгор буд, аммо то ҳол дар мактабу маориф кори хубу фаъолияти педагогияшро ёдовар шуда, афсӯс мехӯрд, ки агар дар мактаб мемонду кори илмияшро давом медод, яке аз беҳтарин мутахассиони соҳаи маорифи мамлакат мегашт ва бешубҳа, дар пешрафти соҳа саҳми босазо мегузошт. Дар ҳақиқат, Мукаррама ҳамагӣ се сол дар мактаб кор карда бошад ҳам, чун устоди касб дар сартосари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ эътироф гашт ва дар шаҳри Маскав ба унвони фахрии «Беҳтарин муаллими ҷавон» мушарраф гашт. Соли 1979 дар қатори панҷ нафар вакил аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Машварати муаллимони ҷавони СССР иштирок карда кори хубу фаъолияти

пурсамараш аз ҷониби иштирокчиён эътироф гардид ва ғолиб дониста шуда, ба нишони таъсисдодаи Кумитаи Марказии комсомоли умумиитифоқ сарфароз гардид.

Донишу маҳорат ва қобилияти ташкилотчигии Мукаррамаро ба назар гирифта, ӯро ба корҳои роҳбарӣ: сарвари ҷавонони ноҳия, корманди ҳизбӣ ва ҷонишини раиси ноҳия интихоб карданд.

Бо тақозои замон баъди хатми мактаб фарзандонаш як–як ба шаҳри Душанбе ба хондан рафтанд. Албатта модар пеш аз ҳама дар бораи тақдири фарзандон ва ояндаи хайру нек андеша мекунаду агар кореро ҳам пеш гирифтанӣ шавад, аввалан фарзандонро пеши рӯ меорад. Сабаби ба пойтахт кӯчида омаданаш низ аслан маҳз ҳамин чиз буд.

Сӣ сол боз ӯ ва ҳамсараш якҷоя зиндагӣ доранд, ҳаёти хуш насибашон гаштааст.

Афсӯс, дугонаҳои азиз,– ба парвоз гузаштани умрро дар назар дошта, зери лаб таъкид кард, Мукаррамааммо ҳамон лаҳза аз умри пурбаракату фарзандони хуб ва шавҳари хеле меҳрубон шукрона намуд ва фармудаи шоирро ба хотир овард :

*Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,*
*В–ар ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.*

Пас, умри хуш гузарондааст, ки дар назараш ҷавонӣ ин қадар зуд пушти сар шуду имрӯз аз гузаштанаш афсӯс мехӯрад. Ба ҳар ҳол, баҳори умр зуд гузашта бошад ҳам, меваи шаҳдбор овардааст.

Бо шавҳараш, ки даҳ сол дар як синф хонда буданд, хонадор шуда, соҳиби панҷ фарзанди нозанин шуданд. Яке иқтисодчиву дигаре ҳуқуқшинос ва сеюмӣ мисли модар сиёсатшинос аст. Дугоникҳо донишҷӯянд.

–Духтарам, чаро вақтҳои охир ғамгин менамоӣ? Магар дар хона ва оиладорӣ ягон камбудие дорӣ?

– Не, модарҷон, зиндагиам хуб, шавҳарам ҳам хеле меҳрубон, фақат дар ҷои кор душворие ҳаст, мехоҳам аз ин корам ба ягон кори сабуктар гузарам,– мегуфт Мукаррама.

– Духтарам, шахсе, ки аз душворӣ метарсад, худхоҳ, ғуломи зиндагӣ мешавад. Наход коре, ки имрӯз шумо мекунед, аз он коре, ки мо дар давраҳои ҷанг мекардем, душвортар бошад? Аммо мо аз душвориҳо наметарсидем, зиндагии хуб орзу мекардем, сад бор шукр, ба рӯзҳои хуб ҳам расидем.

Модар якумин мартаба ба Мукаррама солҳои душвори кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавониашро нақл кард.

Мӯниса– модари Мукаррама дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муаллима буданд ва рӯзҳо ба хонандагон дарс мегуфтанд, шабҳо ба шахсони калонсол дарси маҳви бесаводӣ медоданд. Ва модар ёдовар мешавад, ки дар ноҳияҳои Совет, Балҷувон ва Фархор муаллимӣ кардааст. То ҳозир шогирдон ӯро бо эҳтиром ёд меоранд.

Солҳои ҷанг мардон ба ҷанг рафта буданд ва ҳама вазнинии рӯзгор бар дӯши занон афтода буд.

Дар ноҳияи Фархор, рӯбарӯи заводи пахта чойхонае буд, ки модар баъд аз дарсҳо дар гӯшаи сурхи ин чойхона ба ҷамъшудагон аз рӯзномаҳои даврӣ хабарҳои ҷабҳаро мешунавонд.

Рӯзҳои сахти он давраро ба ёд оварда нақл мекард, ки аз чойхоначӣ, ки Авлод ном дошт, орд мегирифту шаб дар тафдон ёздаҳто нон мепухт, яктоашро ҳамчун ҳаққи меҳнат худаш мегирифт ва даҳтои дигарро ба чойхона бурда, ба мактаб мерафт.

Форигʼ аз дарс, омада дар гӯшаи сурхи чойхона рӯзнома мехонд, номаҳои аз ҷанг омадаро қироат мекард ва ордро гирифта ба хона мерафт. Ҳамин тавр, ин кор ҳар рӯз такрор мешуд.

Баъди хондани ҳар хати сиёҳ нола карда мегиристанд ва баъди хондан ё шунидани муваффақиятҳои ҷанговаронамон

дар ҷанг боз аз шодӣ мегиристанд.

– Ҳамаи ин душвориҳои зиндагиро паси сар карда ягон вақт чун ту рӯҳафтода нашуда будам, дилам ба зиндагӣ гарм буд. Ту бошӣ, аз гапу рафтори як–ду ҳасудхӯр ва нотавонбин рӯҳафтода шудаӣ,– таъкид мекард модари рӯзгордида.

Мукаррама аз нақли модар ва насиҳатҳои ӯ рӯҳу илҳоми тоза гирифта, боз дилаш ба кор ҷӯш мезад.

Лола, ки нақли дугонаашро бодиққат гӯш мекард, аз ӯ пурсон шуд:

– Соли дуҳазорум аз телевизион ва матбуоти даврӣ хабардор шудам, ки номзадиатро ба вакилии маҷлиси Олӣ пешниҳод кардаанд, натиҷаашро нафаҳмидам, ки чӣ шуд.

Мукаррама боз як табассуми зебое кард ва фаҳмид, ки дугонаҳо мехоҳанд дар бораи ӯ ҳама чизро донанд. Ва нақлашро давом дод…

Намояндагони конференсияи Ҳизби Халқии Демократии нохияҳои Фархор ва Панҷ ӯро номзад ба вакили Маҷлиси Олӣ пешниҳод менамоянд.

Ӯ шод, сарбаланд ва болидахотир буд аз он, ки халқи азизаш ӯро ҳурмат карда номзадиашро пешниҳод намудааст.

Баъди якчанд рӯзи вохӯриҳои бомуваффақият маълум гашт, ки дар қатори ӯ боз се нафари дигар ба воситаи худпешбарӣ имзо ҷамъ карда номзадиашонро гузоштаанд.

Мубориз аи шадид сар шуд. Рӯзе набуд, ки дар бораи Мукаррама тӯҳмате накунанд, дурӯғе набофанд.

Авввал ба Мукаррама маблағи калоне ваъда карданд, ки номзадиашро пас гирад. Ӯ розӣ нашуд. Баъд рӯзу шаб ба ҷои кор ва хона телефон мекардаанду ба ҷонаш таҳдид, вале ӯ ҳамоно ба қавлаш устувор буд.

Рӯзе ба ҷои кор телефон карда гуфтанд, ки «агар номзадиатро нагирӣ, духтарчаатро, ки дар шахри Душанбе, дар литсейи–президентӣ тахсил мекунад, зинда намеёбӣ!»

Ӯ аввалин бор сахт тарсид ва ҳамон рӯз ба шаҳри Душанбе рафта духтарчаашро аз литсейи президентӣ гирифт ва ҳамон рӯз пас гашт. Дар роҳ ба ҳодисае дучор омаданд, ки касношунид буд. Тахминан соатҳои панҷи бегоҳ, вақте ки пули дарёи Вахшро мегузаштанд, аз пеши мошинашон мошини берақами сиёҳшишае баромада, ба мошини онҳо бархӯрд. Мукаррама нафаҳмид, ки ин садамаи нақлиётӣ тасодуфист ё қасдан. Мошин осеб дида бошад ҳам, шукр, ки ӯ ва духтарчааш зинда монданд.

Ду моҳе, ки давраи пешазинтихоботӣ буд, ҳар рӯз як ҳодисае мешуд, ки ба қалам доданаш душвор аст.

Рӯзе Мукаррама аз вохӯрии сокинони ноҳияи Панҷ, ки дар он ҷо ду рӯз монда буданд, баргашта ба ҳавлиаш наздик шуда ҳайрон монд. Ҳавлӣ пур аз одам. Вақте ки ӯ дарро кушода ба ҳавлӣ даромад, шавҳараш қариб буд аз ҳуш равад.

Маълум мешавад, ки ба шавҳараш телефон карда гуфтаанд, ки «тайёриатонро бинед, ҳозир мурдаи Мукаррамаро, ки дар роҳи Душанбе– Панҷ ба садама дучор шудааст, меоранд».

Ба зинда дидани Мукаррама ҳамаи дар ҳавлии ӯ ҷамъшудагон шукр мегуфтанд ва ашки шодӣ мерехтанд.

Ҳарифон дар бораи рафтору кирдори Мукаррама дар байни халқ овозаҳои бардурӯғ паҳн мекарданд.

Мукаррама дар ин рӯзҳои барояш бисёр вазнин шукргузор буд, ки модари меҳрубонаш дар бараш нест ва пастии як зумра нокасонро намебинад. Модар чанде пеш бо ин дунё падруд гуфта буд ва қариб аксари аҳолии ноҳия барои ба роҳи охират гусел кардани яке аз аввалин муаллимаҳо баромада буданд.

Ҳарифони Мукаррама дар вохӯриҳояшон ваъдаҳои зиёде мекарданд, аммо ӯ ба халқ росташро мегуфт, ки « ба шумо ягон ваъда намедиҳам, чунки ман имрӯз чизе надорам. Аммо баъди вакили халқ шудан ҳама қуввату ғайрат, ақлу за-

коват ва саводамро ба он равона месозам, ки дар парлумон қарору қонунҳое бароварда шавад, ки ба фоидаи шумо–халқи азизам бошанд».

Тарафдорон ва ҳамфикрони Мукаррама мегуфтанд, ки шумо низ чун дигар номзадҳо ваъда диҳед, «корҳои зиёдеро мекунам» гӯед. Халқ нағз мебинад ин гуна ваъдаҳоро. Аммо ӯ розӣ нашуд»халқамро фиреб намедиҳам гуфт».

–Тақдири фарзандон барои ман аввалиндарача буд ва ман баъди он садама аз ҳаёти фарзандонам тарсидам ва дигар мубориза набурдам. Имрӯз Мукаррама аз тақдир розӣ аст, чунки меҳнатҳояш барабас нарафтааст, ҳар гоҳе, ки ба Фархори азизаш сафар кунад, хурду калони ноҳия ӯро ҳурмат мекунанд, дӯсташ медоранд, чунки Мукаррама низ Фархори азизаш ва сокинони зодгоҳашро дӯст медорад. Имрӯз низ дар кори хеле пурмасъулият дар адои хизмат аст ва барои ин бахти баланд аз Офаридгор шукргузор аст. Аз таҷрибаи дар солҳои зиёд гирифтааш, аз ҳаёти занон ва модарони диёраш асарҳои хубе эҷод кардааст, ки мақбули хонандагон гаштаанд. Имрӯзҳо хонандагони зиёде дорад.

–Модарҷон, наҳорӣ тайёр, ширчой ва тухмбирён кардам, биёрам? гуфтани келини Мукаррама ҳамаро ба худ овард. Дугонаҳо шаби дароз сӯҳбат карда аз дамидани субҳ бехабар монда буданд.

# АШКИ ШОДӢ

Мунира баъди аз ҳавопаймо фуромадан ба диёри зебоманзари бегона, ба одамони атроф назар карда, як ҳамрангии кӯҳу даман, муносибат ва симои одамонро, бо диёру миллати худ – Тоҷикистон эҳсос кард. Ӯ ҳазорон фарсах дур аз диёр, дар шаҳри Анталяи Туркия қарор дошт. Шаҳри Анталяро ҳамчун шаҳри сайёҳон мешиносанд. Фестивалҳои бошукӯҳи умумиҷаҳонии сурудҳои халқӣ бештар дар ҳамин шаҳри зебо гузаронида мешаванд.

Саҳна хеле зебо оро дода шудааст. Беҳтарин ҳунармандони дунё ба ин фестивал роҳхат гирифтаанд.

Барандаи фестивал бо якчанд забон иштирокчиёни фестивалро ба ҳакамон ва мухлисон шинос мекард. Навбати Тоҷикистон ҳам расид, баъди муаррифӣ, бо либос ва оройиши тоҷикона Мунира ба саҳна баромад. Овози ширин ва марғуладори Мунира ҳамаро мутаассир гардонд. Бо қарсакзаниҳои дурудароз мухлисон намемонданд Мунира саҳнаро тарк кунад.

Баъди ҳунарнамоӣ рӯзноманигорони хориҷӣ ва мухлисон Munираро иҳота карда саволборон мекарданд ва мехостанд соядаст гиранд, аммо Мунира тозон ба пардозхона даромад ва беитиёр ашки шодӣ рехт.

Роҳбари Мунира ба ӯ об дода гуфт:

–Офарин, духтарам, туро бо чунин муваффақият табрик мегӯям. Дар озмуни калонтарини дунё ҳунарнамоӣ карда, ба чунин дастовард ноил гаштан ба ҳар кас муяссар намешавад.

–Барои ба ин рӯз расидан, устоди азизам, ман чӣ рӯзҳоеро аз сар гузарондаам, инро ман медонаму Худо.

Ӯ бо хоҳиши роҳбар шабона саргузашти талхи худро ба ӯ нақл кард…

Мунира дар яке аз деҳаҳои дур аз маркази кишвар ба дунё омада, фориғ аз ҳама ташвишҳои дунё дар иҳотаи навозиши падару модар ва чор бародар калон мешуд. Қобилияти худододе, ки Мунира дошт, аввалин мартаба ҳангоми дар синфи якум хонданаш, дар иди «Алифбо» ба ҳамагон маълум гашт.Ҳамон вақт, баъди ҳунарнамоӣ ва муваффақияти аввалин Munираро, ки нисбат ба дигар ҳамсинфон резапайкар буд, муаллимааш аз саҳна дар зери қарсакзаниҳои зиёд бардошта, ба толор фуровард. Дар толор падару модарон ва мактабиён ҷамъ омада буданд. Падару модарон аз шеърхонӣ ва суруду рақси фарзанди худ ба ваҷд омада хурсандӣ мекарданд. Падари Мунира ҳам дар ин ҷамъомад иштирок дошт ва аз ҳунари фарзандаш ҳайрон шуда, аввалин мартаба қобилияти ӯро дар саҳна дид ва фахр кард, ки фарзандаш боиси таърифу тавсифи дигарон шуд.

Рӯзҳо мегузаштанд, Мунира узви фаъоли дастаи ҳаваскорони мактаб буд. Вале бародаронаш аз қобилияти хоҳарашон хурсанд набуданд, балки доимо ба падару модар таъкид мекарданд:

–Ба Мунира гӯед, ки «артистиашро» партояд, набошад, ягон рӯз дар саҳна пояшро мешиканем.

Рӯзе набуд, ки дар хонаи Мунираино аз боиси ӯ ҷангу ҷанҷоле барпо нашавад. Дар масҷиди деҳа низ дар гирди номи Мунира суханҳои ношоиста гуфта, падарро коҳиш мекарданд. Муллои масҷид ба падари Мунира рӯ оварда гуфт:

–Амаки Муқим, таърих ёд надорад, ки аз деҳаи мо ягон духтар ба саҳна баромада бошад, нашавад, ки аз пушти духтарат ягон рӯз худат, писаронат ва аҳли деҳа шарманда шавем. Охир кадом артис обрӯ дошт, ки духтари ту обрӯ ёбад.

Аз ин суханҳои мулло ба дили бобои Муқим гӯё алов рехт. Бобои Муқим бегоҳӣ бо ҳамсараш кампири Ҳалима маслиҳат кард:

–Кампир, рафтори духтарат на танҳо писаронат, балки ҳамаи аҳли деҳаро ба ташвиш овардааст, ин бегоҳ ҳатто муллои масҷид дар бораи Мунира носазо гуфт.

Кампири Ҳалима, ки як умр дар орзуи духтар буду фақат дар чилсолагӣ ба орзуяш расид, тамоми нозунуз, хоҳишу илтимос ва талаботи ягона духтарашро мебардошт ва иҷро мекард. Аз қобилияти овозхониаш шод буду ифтихор дошт.

–Мӯйсафед, ба фикрам духтарамон то имрӯз ягон рафторе накардааст, ки боиси маломати ҳамдеҳагон шуда бошад. Дар тамоми маъракаҳои деҳа, хоҳ тӯқузбинон бошаду хоҳ арӯсбиёрону хоҳ гаҳворабандон, худи аҳли деҳа омада духтарамонро зораву тавалло карда мебаранд, ки маъракаашонро гарм кунад. Ба муллои деҳа гӯед, ки ба духтари худаш кор гирад, писаронамон ҳам кадом вақте духтардор шуданд, ҳамон вақт фикри обрӯи духтарони худашонро кунанд, ба духтари ман касе кордор набошад. Дар телевизион агар ягон ҳофиз суруд хонад, ҳам муллои деҳа, ҳам писаронамон даҳонашон кушода шуда, то охири суруд аз телевизор чашм канда наметавонанд–ку! Пас чаро духтари мо, ки суруд хонд, номуси онҳо бедор мешудааст, нафраташон меомадааст?

Падар низ гӯё дар интизори ин суханон бошад, оҳи сабуке кашид:

–Кампир, худат медонию духтарат, фақат дар пирӣ бо риши сафед маро шарманда накунед, шуд.

Мунира баъди хатми мактаб ба донишкада ҳунарҳои зебо рафтанӣ шуд. Бародарон аз падару модар илтимос карданд, ки ба ин кор монеъ шаванд, аммо муйсафеди падар ба духтараш дуо дода гуфт:

–Духтарам, дар ҳар куҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ! Ҳама вақт дар бораи обрӯи падару модари муйсафед ва бародаронат фикр кун.

Мунира, ки ба чунин ранг гирифтани кор бовар надошт, аз шодӣ намедонист чӣ кор кунад. Охир ӯ дуои падарро гирифт ва иншоолоҳ роҳаш сафед хоҳад буд.

Дар шаҳри калони серодаму серғавғо ташвишҳои ӯ оғоз ёфтанд. Ҳарчанд ба донишгоҳ бомувафақият дохил шуд,

аммо барои хонданро давом додан маблағ ва шароит лозим буд. Ӯ аз бародарон ва нафақаи мӯсафедон умед надошт. Маҷбур мешуд дар хобгоҳ аз ҳисоби дугонаҳои ҳамсабақаш рӯз гузаронад. Бо чунин аҳвол, албатта, ӯ дурудароз рӯз гузаронида наметавонист. Қарор дод, ки хонданашро ғоибона давом дода, дар ягон ҷо кор кунад.

Рӯзе ӯ бо ҷавони овозхоне вохӯрд, ки дар тӯйҳо ҳунарнамоӣ мекард. Ҷавон Мунирaро ба ҳамкорӣ таклиф намуд ва тӯйгардии Мунира оғоз ёфт. Мухлисони Мунира рӯз то рӯз зиёд мешуданд.Ҳар ҳафта тӯй гузаронидан лозим меомад. Ҷавон, ки Хуршед ном дошт, аз ин муваффақият шод буд. Ҷавон барои он, ки Мунирaро аз даст надиҳад– бо мақсади « дилашро ёфтан» ба Мунира тӯҳфаҳои қиматбаҳо меовард.

Рӯзе баъди тӯйи навбатиро гузаронидан Хуршед Мунирaро ба хонае таклиф карда, изҳори муҳаббат намуд. Мунира аз ин даъвати ногаҳонии Хуршед аввал ҳайрон шуд, вале суханҳои ширину умедбахш, ваъдаҳои осмонии ҷавон ӯро ба олами афсонаҳои зебо бурданд ва он рӯз худ нафаҳмид, ки чӣ тавр осонакак гавҳари муқаддастарини ҳаёташро ба Хуршед бахшид… Ба бахшидан бахшиду зуд пушаймон шуд. Суханҳои падарро ба хотир оварда, ба даҳшат афтод. Оқибати кор чӣ мешуда бошад?

«Духтарам, дар ҳар куҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ! Ҳама вақт дар бораи обрӯи падару модари мӯйсафед ва бародаронат фикр кун». Ин суханон гаштаву баргашта дар гӯшаш садо медоданд.Ӯ насиҳати падарро иҷро карда натавонист. Тану нафсашро ба касе бахшид, ки зану фарзанд дорад.

Бозори мухлисони Мунираву Хуршед рӯз то рӯз метасфид. Баъди ду моҳи он шаби нафратовар ҳангоми гузаронидани тӯйи навбатӣ Мунира дар байни маърака ногаҳон беҳуш шуда ба замин афтод. Дар беморхона маълум гашт, ки ӯ ҳомила аст. Мунира аз ин шармандагӣ бештар ба даҳшат афтод. Ба болои ин «Барои ман ту ҳамчун ҳофиза

лозимӣ, кӯдак даркор бошад, занам ба ман кӯдак мезояд. Ту кӯдаки шикаматро нобуд соз!» гуфтани Хуршед ӯро аз дунёву зиндагӣ ноумед гардонд.

Ӯ назди духтури бемориҳои занона рафта маслиҳат пурсид.

–Хоҳарам, агар ҳозир кӯдакро аз батнат гирем, эҳтимол як умр дигар фарзанд наёбӣ, фарзанди якумро исқоти ҳамл кардан оқибати хуб надорад, барои зан модар шудан шараф аст, боз як бори дигар фикр кун, баъд наздам биё, –гуфт духтур.

Мунира намедонист сарашро ба куҷо занад, хаёлаш ба ҳазору як кӯчаи сарбаста медаромаду мебаромад.

Хуршед ба ӯ чунин шарт гузошт:

– Агар аз баҳри фарзанд нагузарӣ, хонаи иҷорараро холӣ кун. Ман ба худам ҳофизаи дигар меёбам.

Мунира қарор дод, ки назди модар равад, шояд ӯ маслиҳати хубаш диҳад.

Вақте ки ба деҳа расид, падару модари пирашро дар бистари беморӣ дид. «Хабари шум аз хабари хуш тезтар паҳн мегардад»мегӯянд. Падару модари пир аз тӯйгардиҳои ӯ огоҳ шуда, аз гапҳои росту дурӯғ ва таънаю писхандҳои ҳамсояҳо ва ғур–ғури писаронаш ба бистари беморӣ афтода буданд.

Бародарон намонданд, ки Мунира ҳатто шабашро рӯз кунад, аз хона пешаш карданд. Таънаи хешу табор чун бори сангин бар дӯш, нанги вазнинтар аз он тифли бегуноҳ дар батн, Мунира роҳи шаҳри серодаму серғавғоро пеш гирифт.

Ба шаҳр расидан баробар назди духтури бемориҳои занона рафт ва илтимос кард:

–Апаҷон, дигар илоҷ надорам, ҳатто маблағе намеёбам, ки ҳаққи хизмататонро диҳам, вале илтимос, фарзандамро нобуд созед.

Духтур баъди фаҳмидани ҳақиқати ҳол ба ӯ гуфт:

–Агар хоҳӣ, ман ба ту ёрӣ мерасонам, лекин фарзандро

нобуд намекунем. Одамоне ҳастанд, ки ба нохуни фарзанд зоранд. Агар розӣ бошӣ, туро бо зане шинос мекунам. Дар хонаи ӯ истиқомат карда, гули пӯшокро мепӯшию гули хӯрокро мехӯрӣ. Тифлат, ки ба дунё омад, ӯро ба онҳо тақдим карда, аз баҳраш мегузарӣ ва он оиларо низ фаромӯш месозӣ…

Мунира дигар илоҷ надошт, розӣ шуд.

Аҳли оилае, ки Munираро қабул карданд, гӯё ба рӯяш дари як ҷаҳони дигареро кушоданд. Ду шахсе, ки бо тамоми ҳастӣ якдигарро дӯст медоранд, вале тақдири бераҳм ҳашт фарзанди норасид таваллудгаштаи онҳоро аз байн бурдаасту дар ҳақиқат ҳам онҳо ба нохуни кӯдак зор гаштаанд. Онҳо намегузоштанд, ки Мунира дасташро ба оби хунук тар кунад. Барои он ки фарзанд саломат таваллуд шавад, беҳтарин хӯрокҳоро барояш муҳайё мекарданд. Рӯзу соати таваллуд ҳам фаро расид, вале толеъ боз ҳам ба рӯи оилаи баргаштабахт нахандид. Кӯдак мурда таваллуд шуд. Зану шавҳар, ки бо сад ормону ҳавас гаҳвора ва зочаву бозичаҳои зиёде оварда барои фарзанди оянда хонаро оро дода буданд, аз ин талафот аз Мунира ҳам бештар ғам хӯрданд…

Тақдири бераҳм Munираро боз ба кӯчаи оворагию сарсонию саргардониҳо овард. Вале ӯ аз Хуршед рӯ гардонд. Мунира бо оҳангсозе вохӯрд, ки ваъдаи ба ӯ ёрӣ расондан дод.

Барои тайёр кардани як суруд шабҳоро рӯз мекарданд, аммо оҳангу суруд табъи дил намеафтод. Баъди меҳнатҳои зиёд се сурудаш тайёр шуд, аммо барои онҳоро ба воситаи телевизион ва радио намоиш додану шунавонидан ёрии сарпарасте зарур буд. Овози фораму марғуладораш ба имдод ниёз дошт. Дили ӯ аз алам, қаҳру ғазаб ба фиғон меомад, оташи қалбаш аланга мегирифт ва боз хомӯш мешуд.

Рӯзҳо паси сар мешуданд, донишгоҳро ғоибона тамом кард. Рӯзе, ки онҳо диплом мегирифтанд, яке аз ҳамсабақон дар яке аз тарабхонаҳои шаҳр маърака ором, ки Мунира низ

ба ин маърака даъватӣ буд. Ҳамдарсон бо навбат ҳунари худро нишон медоданд. Навбат ба Мунира расид. Ӯ суруди тайёркардаашро, ки аллаи гаҳвораи бефарзандаш буд, чунон бо алам сароид, ки шунавандагон ба риққат омаданд.

Дар ин маърака, ки яке аз хешовандони соҳибҷашн иштирок дошт, баъди чунин суруди ғамангез хондани Мунира ба ӯ наздик шуда, сабаби ин ҳолати ӯро пурсон шуд.

Мунира, ки мӯҳтоҷи таваҷҷӯҳ буд, ногаҳон худро дошта натавониста гирён аз маърака берун шуд. Ҳамсӯҳбаташ нахост ӯро дар чунин ҳолат танҳо гузорад ва пешниҳод кард, ки гуселаш кунад. Онҳо сӯҳбаткунон то истгоҳ расиданд. Ҳамсӯҳбати Мунира Барот ном дошта, соҳиби пулу мол, хонаву дар, мошину бӯстонсароҳо будааст, вале мисли Мунира бефарзанд. Бинобар ин, суруди Мунира дили ӯро тасхир кардааст.

Баъди ин вохӯрӣ онҳо боз чанд мартаба вохӯрданд ва рӯзе Барот пешниҳод кард, ки ҳамхона шаванд. Ваъда кард, ки ӯро хушбахт мекунад, ба шарте, ки дигар фикри саҳнаро накунад.

Мунира розӣ шуд, чунки дигар тоқати саргардониҳо надошт. Бо Барот маслиҳат кард, ки рафта дуои падару модарро гиранд, Барот розӣ шуд. Вале аз ҳамсояҳо фаҳмиданд, ки падару модар баъди он ки бародарон Munираро аз хона пеш карданд, дигар аз бистари бемори нахестанд ва дар байни як моҳ ҳарду ҳам аз олам даргузаштанд. Бародарони сахтдил ҳатто ба рӯи мурдаи падару модар лоиқ надонистанд, ки хоҳари «артисташонро» даъват кунанд…

Мунира баъди шунидани ин шумхабар дигар тоқати як дақиқа истодан накард ва ҳамроҳи Барот ба пойтахт баргаштанд.

Дар соли чоруми хонадорӣ Худованд ба онҳо шоҳписаре лоиқ дид. Барот аз шодӣ намедонист чӣ кор кунад, рӯзе аз сафари навбатӣ омада, ба Мунира муроҷиат кард:

–Мунираҷони ман, ман панҷ сол пеш ваъда дода будам,

ки туро хушбахт мегардонам, имрӯз мехоҳам ба ваъда вафо кунам. Дар муддати панҷ сол фаҳмидам, ки туро на хонаву дари боҳашамат, на, пулу мол, на сарвату ҷавоҳирот– ягон чизи дунё хушбахт карда наметавонад. Ту булбули хушхонеро мемонӣ, ки ман дар қафаси тилло ҷо кардаам. Ту, ки ба ман шоҳписар тӯҳфа кардӣ, ман ба ту озодӣ ва парвози баланди эҷодӣ тӯҳфа мекунам. Ман сарпарастат мешавам ва туро бо ин овози ширинат ба қуллаҳои баланди ҳунар хоҳам расонд…

–Имрӯз хушбахтам, ки ба орзу расидам. Ин хушхабарро бояд ба Баротҷон бирасонам, гуфт Мунира ва аз роҳбараш узр хоста, даст ба телефон бурд…

Роҳбари ӯ зани ҳалиму меҳрубон– апаи Ҳалима, ки аз нақли Мунира мутаассир гашта буд, дар меҳмонхонаи барҳавои ин шаҳри зебои диёри дур ба Мунираи хандон, ба сӯҳбатҳои пур аз шавқу меҳру муҳаббати ӯ бо ҳамсараш зеҳн монда, беихтиёр ашки шодӣ рехт…

## ҚАСОСИ ЗАН

Фурудгоҳ. Мусофирон ба ҳавопаймои Маскав–Душанбе ворид шуда ҳар кадом ба ҷойҳои худ менишастанд. Хайрӣ низ дар нишастгоҳи худ ҷо гирифта, бори дигар ба ин шаҳри азим дида дӯхт ва ба духтараки зебое, ки ба мусофирон нӯшокӣ пешниҳод мекард, ҷавоби рад дода, бароҳаттар нишаста, чашмонашро пӯшиду тамоми ҳаёташро пеши рӯ овард…

Фасли тобистон. Рӯзи истироҳат. Аз пагоҳӣ офтоб ба кӯҳу даман, майсаву себаргаҳо, боғу марғзорон, чун парҳои товус бо ҳазорон ранг партавафшонӣ дошт. Хайрӣ аз хоб бархоста, аз ҳавои форами пагоҳирӯзӣ нафаси амиқе кашида, рӯй тарафи осмон кард. Нурҳои симину заррини ҳазорранг чашмонашро бурданд. Ӯ дастҳояшро ба рӯи чашмонаш чатр карда, ҳамёзае кашиду аз пайи кори рӯзгор шуд. Гов дӯшид, шир пухта ҷурғот хобонд ва ба тайёр кардани оши палав пардохт. Кӯдакон як– як аз хонаи хоб баромада, ба модар салом дода, ба сӯи катаки мурғон давиданд. Мурғон ҳам ба умеде, ки кӯдакон барояшон дон оварда бошанд, қут–қуткунон гирди онҳо мисли ин, ки рақс мекарда бошанд,чарх мезаданд. Бачаҳо чанд дона тухм дар даст омада пурсиданд:

–Модарҷон, тухмҳоро даруни яхдон гузорем ?

–Не, бачаҳои ҷон, дар яхдон боз панҷ тухми дигар ҳаст, онҳоро ҳам биёред, ман ҳамаашро обҷӯш мекунам. Охир, мо имрӯз аз шаҳр баромада, истирохат карданӣ ҳастем. Ана, оши палав ҳам ҳозир тайёр мешавад.

Дар ҳамин ҳолат падари фарзандон низ аз хонаи хоб баромада, назди мошинаш рафта, онро омодаи сафар намуд.

Аҳли оила берун аз шаҳр, дар лаби дарёчаи обаш каб–кабуди шаффоф, ки аз баландиҳо шир–ширкунон ба поён–ба водиҳо медавид, дар таги мачнунбеди соҳил нишеман

гирифтанд. Гесувони марғуладори маҷнунбед чун зулфони арӯсон бо вазидани насими форам алвонҷ мехӯрданд.

Кӯдакон бо шавқу завқи беандоза яке аз мошин гилем, дигаре кӯрпача, сеюмӣ тӯпашро бароварда ба бозӣ машғул шуданд. Хайрӣ ба густурдани дастархон машғул шуд. Болои дастархон нону кулчаҳои бегохӣ пухтаашро гузошта, ҳамчунон тухм, бодиринг, помидор, кабудӣ, ҷурғот, мева ва оши пухтаашро низ дар табақи калон кашида, бо тартиб дар рӯи дастархон ҷо доду шавҳар ва фарзандонашро таклиф кард.

Искандар–падари фарзандон ба дастархон нигариста гуфт:

–Азизонам, садхо бор шукр мегӯям, ки ҳамаи ин нозу неъмат аз ҳавлии худамон мебарояд, ба бозор намедавем, меҳнат ки мекунем, ана, роҳаташ ҳам ҳаст.

Баъди тановули хӯрданиҳои бомаза кӯдакон ва падарашон ба ҷӯй даромада машғули оббозӣ шуданд. Хайрӣ аз хурсандии фарзандон, шод буд ва аз зиндагии ширинаш шукр мекард.

Фарзандон ба модар муроҷиат карда:

–Модарҷон, назди мо биё, бин, чӣ хел об хунук ва мусаффо аст, кас роҳат мекунад, биё, оббозӣ кунем,– гуфта ӯро ба оббозӣ даъват намуданд.

–Шумо бемалол оббозӣ кунед, ман аз ҳамин ҷо ба шумо нигариста, роҳат карда истодаам гуфт Хайрӣ.

Ӯ ба фарзандон нигариста хаёлан ба дуриҳои дур парвоз кард.

Кӯдакии худро ба ёд овард. Чи кӯдакии вазнине дошт! Падару модараш дар овони шашсолагии ӯ аз бемории сил ҳарду дар як сол бо ин дунё падруд гуфтанд. Ӯ ва хоҳарчаи сесолаашро холааш ба тарбияи худ гирифт. Хоҳараш низ баъди ду мохи фавти падару модар даргузашт. Хайрии шашсола монду холаи шастсола, ки дарду ғам ва бемории сил ӯро ба кампири ҳафтодсола монанд карда буд. Онҳо дар

деҳае умр ба сар мебурданд, ки аксарият ба касалии сил гирифтор буданд. Ҳавлиҳое ҳам ёфт мешуданд, ки аз бемори ҳамаи аҳли оила фавтида, дарвозаҳояшон баста шуда буданд.

Ҳамон сол зимистон бисёр хунук омад. Дар хона сари хас алови надоштанду гарде орд. Хола ним халта гандумеро, ки барои кишт монда буд, байни хона монду ҳарду ба тоза кардани он машғул шуданд. Баъди анчом ёфтани кор холаи Муслима нигоҳ кард, ки аз гандуми тоза партоваш зиёдтар баромад.

–Хайриҷон, гандумамон хеле кам будааст,– гуфта ҳамаи он партоврo гашта ба халта андохт.

Ду муштипар дар ҳавои хеле сард барои орд кардан гандумро ба осиёби қишлоқи ҳамсоя бурданд.

Ним халта гандумро аз ду тараф ду зани сарсахт бардошта, ҳар кадоме дар сар хаёлҳои гуногун, роҳ мерафтанд.

Хайрӣ мехост тезтар гандумро орд кунанду нони гармаки хушбӯй тановул кунад. Хола фикр мекард, ки бо чунин саломатӣ ба баҳор расад хуб, агар не, аҳволи ин муштипар чӣ мешуда бошад? Холаи Муслима кунд–кунд сулфа мекарду ашки шӯр рухсораҳои пажмурдаашро мешуст. Сармои шадид ашки шӯрро дар ожангҳои рӯи хола ба намак табдил медод.

Аз дур уллоси гург ё шағол ба гуш мерасид. Дар ду тарафи роҳ барф хобида буду зери по ях. Холаи Муслима низ мехост аз алам уллос кашад, аммо фиғони ба лаб омадаашро, ба хотири он ки Хайрӣ натарсад, фурӯ мебурд.

Нимарӯз ба қишлоқи ҳамсоя расиданд. Хотири дурии роҳ осиёббон гандумашонро бе навбат орд карду онҳо баъди пешин ба роҳ баромаданд.

Ҳаво тиратар ва сиёҳабр гашта, дили холаи Муслимаро пур аз ғубор кард. Ҷомаҳои нимдошти онҳо тар шуда, яхпораҳо аз доманҳои ҷома ҷо–ҷо овезон буданд, даруни калӯшҳояшон низ пур аз об гашта, роҳгардиро мушкил ме-

кард. Барфи тар беист мебориду меборид ва сару рӯйи онҳоро лесида аз манаҳашон чак–чак мечакид. Ҳарду аз пагоҳӣ чизе нахӯрда буданд. Садои уллос торафт баландтар мешуду наздиктар. Сулфаи хола низ авҷ гирифт. Онҳо бо як азоб ба хона расиданд. Хола дигар на маҷоли сухан гуфтан дошту на амалеро ба чо овардан. Хайрӣ аҳволи холаро дида, ба хонаи ҳамсоя давид.

Вазъи саломатии холаи Муслима ҳамсояашон–Башоратхонро ба ташвиш овард. Ӯ давида аз хонааш як коса дами гарм оварда, мачбур ба Муслима хӯронд.

–Ҳамсояҷон, нафасҳои башуморам мондааст, хоҳиш мекунам, илтиҷо мекунам, Хайриро танҳо намонед, ақаллан то баҳор нигоҳ карда, баъд ба ягон сағирхона бурда диҳед,– гуфта Муслима чашм пӯшид…

Башоратхон васияти кампири Муслимаро ба ҷо овард. Баъди зимистони шадидро паси сар кардан Хайрии хурдакакро ба воситаи намояндагони шӯъбаи маориф ба ятимхона фиристод.

Ҳаёти Хайрӣ дар ятимхона он кадар хуб ҳам набошад, ба ҳар ҳол, аз хонаи холааш Муслима беҳтар буд. Ӯ дар ятимхона хӯроки сериро дид.

– Модарҷон чӣ шуд ба шумо? – гуфта фарзандон оби дидаи модарро пок карданд.

–Ҳа, очаш, наход дар чунин рӯз одам ашк резад?– гуфта Искандар назди Хайрӣ нишасту меҳрубонона даст ба китфи ӯ ниҳод…

Бегоҳӣ ҳамаи аҳли оила ба коре машғул шуданд, кӯдакон ба тайёр кардани дарсҳояшон.

Хайрӣ ба дарзмоли либосҳои шавҳар ва фарзандон, Искандар варақ задани рӯзномаҳо. Дар ҳамин асно занги телефон баланд шуд. Искандар гӯшакро бардошта, лаҳзае хомӯш монд.

–Ман ҳозир расида меоям.– гуфту аз ҷояш бархоста, либосҳояшро пӯшид.

–Дадош, чӣ ҳодиса рух додааст? –пурсид Хайрӣ.

–Бемореро овардаанд, таъчилӣ ҷарроҳӣ кардан даркор,– гуфта Искандар ба мошинаш нишасту беморхона рафт.

Барои оилаи онҳо ин кори мукаррарӣ буд, Искандар ва Хайрӣ дар шӯъбаи ҷарроҳӣ, яке духтур ва дигаре ҳамшираи шафқат буданд ва шабона Искандарро ба беморхона даъват кардани ҳамкоронаш зуд–зуд рух медод.

Хайрӣ баъди анҷоми корҳо бо фарзандон ба хонаи хоб даромаданд. Хайрӣ хоби дахшатноке дид. Ӯ аз ҷой бархоста хоби дидаашро ба ёд оварду ғубори сиёҳе тамоми вуҷудашро қабза кард, дилаш сиёҳу торик шуд.

Ӯ Искандарро дар хоб дид, ки дар он тарафи дарё қад–қади соҳил метозад. Хайрӣ аз ин тарафи соҳил ӯро чеғ мезанад. Оби дарё лойолуд ва пуртуғён, овозаш ба гӯши Искандар намерасад ва ӯ оҳиста–оҳиста нопадид мегардад…

–Худоё, таъбири ин хоб чӣ бошад, ба пои фарзандон ва шавҳарам хоре нахалад,– гӯён Хайрӣ аз ҷой бархост ва ба ҳавлӣ баромад. Ба осмони пурситора назар афканд. Дар ҳамин ҳолат садои тақ–тақи дар баланд шуд. Ӯ давида назди дарвоза рафт ва пурсид.

–Кист он ҷо?

–Мо, дарро кушоед, –гуфта сардухтур ва кормандони беморхона ба ҳавлӣ даромаданд. Хайрӣ дар байни онҳо шавҳарашро надида:

–Искандар куҷост? – пурсид. Ҳама хомӯш буданд.

–Духтарам, мард бош, Худро ба даст гир. Искандар баъди ҷарроҳии бемор, вақти ба хона баргаштан ба садамаи наклиёт дучор омад. Мо наҷоташ дода натавонистем. Ҳозир мошини ёрии таъҷилӣ ӯро меорад, –гӯён сардухтур ашкашро пок кард.

–Воҳ, хонаам сӯхт, Искандар, ману кӯдаконро танҳо партофта куҷо рафтӣ?–гуфта Хайрӣ ба воҳу нола сар кард.

Ин ҳодиса тамоми ҳаёти Хайрӣ ва фарзандонро тағйир дод. Ба боғи орзуҳояш, ки дарахтони пурмева дошту дар он

бо ҳазор умеду ҳавас гулу райҳон корида буд, жолаи сарду хунук пош дод. « Бахтбаргаштаро дар болои асп саг мегазад», мегӯянд, ки дуруст будааст. Бечора Хайрӣ баъди кӯдакии хеле вазнинро аз сар гузаронидан нав қоматаш рост шуда, ба зиндагии ширине расида буд, ки боз ин бало ба сараш омад...

Ӯ барои фарзандонро ба воя расонидан шабу рӯз меҳнат мекард. Дар беморхона навбатдории иловагӣ гирифта, кӯшиш мекард кӯдаконаш аз ягон чиз камӣ надошта бошанд, бепадар буданашонро ҳис накунанд.

Зиндагияш нав маҷрои худро ёфта буд, ки дар кишвар ҷанги ҳамватанӣ сар шуд. Бародар аз нофаҳмиҳо бародарро мекушт.

Аҳволи зиндагии оилаи Хайрӣ бадтар мешуду беҳ не.

Шабе дар вақти навбатдории Хайрӣ бемореро оварда таъҷилан ҷарроҳӣ карданд. Баъди ҷарроҳӣ аҳволи бемор бад шуд ва мудири шӯъба ба Хайрӣ супориш дод, ки то ба ҳуш омадани бемор шабу рӯз ӯро нигоҳубин кунад. Баъди се рӯз бемор ба ҳуш омад. Хайрӣ назорати беморро давом медод. Беморро ба ғайр аз як пирамарди пир касе хабаргирӣ намеомад. Хайрӣ гоҳ–гоҳ аз хона ба ӯ ягон хӯроки болаззат тайёр карда меовард. Онҳо ба якдигар унс гирифта буданд. Бемор Вафо ном дошт. Ӯ дар бораи ҳаёташ ба Хайрӣ нақл кард:

–Хайриҷон, ман аз меҳри падару модар аз хурдӣ бенасиб мондаам. Кӯдакиам дар хонаи амма гузаштааст. Баъди хатми мактаби миёна ба хизмат рафта, дар яке аз ноҳияҳои назди шаҳри Москва ба духтари русе хонадор шуда, он ҷо муқимӣ гаштам. Муддати даҳ сол дур аз ёру диёр зистам. Соҳиби духтарчаи малламӯе ҳастам, ки номаш Света мебошад. Ду моҳ пеш аммаам ба ман телефон карда гуфт, ки амакам дар бистари беморӣ мебошад. Баъди даҳ сол сафари Тоҷикистон кардам ва бадии корро бинед,ки омадан баробар ба алангаи ҷанги шаҳрвандӣ афтодам.

Рӯзҳо мегузаштанд, аҳволи бемор рӯ ба бехбуд овард. Хайрӣ ва Вафо ба якдигар бисёр унс гирифтанд. Рӯзе Вафо арзи дили худро ба Хайрӣ ифшо кард ва таклиф кард,ки ҳамхона шаванд.

Хайрӣ розӣ шуд. Вафо, ки хона надошт,ба хонаи Хайрӣ омад.

Ӯ дар ҳеҷ куҷо кор накунад ҳам, рӯзи дароз дар замини назди хона ба кишту кор машғул мешуд. Ба фарзандони Хайрӣ бисёр меҳрубон буд.

Ҳар бегоҳ Хайрӣ аз кор баргашта, Вафоро машғули киштукор, фарзандонро дар гирди ӯ парвона дида, шукр мегуфт ва аз бахташ меболид.

Рузе Хайрӣ низ хост ба шавҳар ёрӣ расонад ва ба замини назди хонааш даромада, дар байни зироатҳо гиёҳе дид, ки барояш ношинос буд. Аз Вафо пурсон шуд, ки ин чӣ алафест ва чӣ ҳосил медиҳад. Вафо хандида:

–Ҷонакам, ин гиёҳест, ки гулҳои зебо дорад гуфт.

–Модоме ки гулҳои зебо дошта бошад, пас чаро дар назди ҳавлӣ нею дар байни зироатҳо шинондаед? – пурсид.

Вафо гапро дигар тараф гардонд:

–Ана ин зироатҳоро тамошо кун,– гуфт ва Хайриро назди ниҳолҳои помидору бодиринг ва кабудиҳо бурд. Ӯ сухане нагуфта, аз қафои Вафо равона шуд.

Рӯзҳо мегузаштанд. Ҳар бегоҳ Хайрӣ ба кору бори Вафо нигоҳ карда ҳайрон мешуд. Ӯ ниҳолҳои шинондаашро чун кӯдак навозиш мекард.

Рӯзе бегоҳӣ Хайрӣ аз кор омада, дар ҳавлиаш як гурӯҳ кормандони ҳифзи ҳуқукро дид, ки дар байни замини корам назди ниҳолҳои парваришкардаи Вафо рост истода, дар чӣ мавзӯе баҳс мекарданд.

Вафо тез назди Хайрӣ омада:

– Хайриҷон, гӯй ки он ниҳолҳоро худам шинондаам. Набошад, дигар маро тамоман намебинӣ. Онҳо маро ҳабс мекунанд, ту занӣ, кӯдакони хурдсол дорӣ, ба ту кордор намешаванд.

Хайрӣ ҳайрон ба меҳмонони нохонда наздик шуд.

Кормандони ҳифзи ҳуқуқ худро шинос намуда, мақсади омаданашонро баён карданд ва он зироати ношиносро нишон дода, гуфтанд, ки кӯкнор аст.

–Ин зироатро гул пиндошта худам шинондаам,– гуфт Хайрӣ ва гунаҳкорона сар хам кард.

Кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҳамсояҳоро ба шоҳидӣ даъват карданд. Онҳо ҳайрон ба Хайрӣ нигариста, байни худ миш–миш карда, бовар намекарданд, ки ин корро ӯ карда бошад. Хайрӣ хомӯш буд.

Хайриро ба шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия бурданд.

Ӯ шаб дар он ҷо монд. Шаби дароз мижа таҳ накард. Фикрҳо ӯро ба ҳазор кӯчаю тангкӯча мебурданд. Пагоҳии барвақт Вафо хабаргирӣ омад ва бори дигар таъкид кард, ки дар суханаш устувор бошад. Бо сабаби зан буданаш ӯро ҳабс намекунанд.

–Вафоҷон, имшаб мисли ҳазор шаб дар назарам дароз намуд. Шаби дароз чун кундаи тар сӯхтаму дуди талхи сиёҳ баровардам. Он хонаи муваққатие,ки дар он ҷо маро шаб нигоҳ доштанд, барои ман талххонаву заҳрхона шуд. Охир ман аз он оташе сӯхтам, ки ту онро даргиронда будӣ, илоҷашро низ худат ёб, дигар тоқати ҷудоӣ аз фарзандон надорам.

Вафо ба Хайрӣ ваъдаҳо дода, доманашро бо чормағзи пуч пур кард, ки рӯзи суд ӯро раҳо хоҳанд кард.

Рӯзе, ки ҳалномаро суди ноҳия хонд, Хайрӣ дар курсии айбдорӣ беҳуш шуда афтид. Ӯро ба мӯҳлати панҷ сол аз озодӣ маҳрум карданд.

Аз байн даҳ рӯз гузашта буд, ки Вафо ба дидорбинии Хайрӣ омада, гуфт, ки барои озод кардани ӯ хонаро фурӯхта, ба одамони даркорӣ медиҳаду ӯро халос мекунад.

–Агар ҳавлиро фурӯшӣ, кӯдакон дар куҷо зиндагӣ мекунанд, аҳволи онҳо чӣ мешавад? – Хайрӣ пурсон шуд.

–Ман ҷои кӯдаконро меёбам, ту фикри худатро кун. Бо

ин аҳволи вазнин, ҷудоӣ аз фарзандон ту тоқат карда наметавонӣ– гӯён Вафо Хайриро розӣ кард.

Ба ҳуҷҷатхои овардаи Вафо Хайрӣ имзо кард ва мунтазири озодшавӣ шуд.

Вале Вафои бевафо баъди ҳуҷҷатҳои лозимаро гирифтан хонаро савдо карда, кӯдаконро ба ятимхона супориду ба кишвари ҳамсоя ба назди зану духтараш дум хода кард…

–Чӣ нигоҳ карда истодаӣ? Ин ҷо хонаи очаат–не, канӣ тез ҷунб! Либосҳоятро иваз кун ва кӯрпаю болиштро гирифта пеш даро! –гуфтани зани фарбеҳи қадпасти низомипӯш ӯро аз хаёл берун баровард.

Хайрӣ ҳаросон ба сӯи овоз нигоҳ кард.

Чеҳраи зан баднамо, абрувонаш аз хашму ғазаб кӯргиреҳ зада буд.

–Гуноҳро содир мекунӣ, садҳо ҷавононро гумроҳ карда, герчик карданат бас набуд, ки боз худро уболак нишон дода, ба ман менигарӣ? Ман садҳо ту баринҳоро дидаам, дигар бовар намекунам, номи пуршарафи модарро ҳаром кардаӣ – гуфта Хайриро тела дод он зан.

Зани низомипӯш шарақ–шуруқ карда қулфи дареро кушода Хайриро ба хонае даровард, ки он ҷо панҷ нафар маҳбус маскан доштанд.

Аввалин шуда чашми Хайрӣ ба равзанаи хурдакаки дари шифт афтод, ки аз он ҷо равшанӣ вориди хона мегашт. Гӯё нурҳои офтоб нею дуди сафеде ҳалқа зада, алвонҷ хӯрда бо чангу хок якҷоя шуда, то фарш мефуромад. Хона хеле бадбӯй буд. Як–як ба иқоматкунандагони ин макон назар дӯхт.

Дар ҷои аз ҳама намоён зани тахминан 45–48– солае менишаст, ки ба Хайрӣ теғ кашида нигоҳ мекард. Аз ин нигоҳ ба бадани Хайрӣ сардие давид. Ӯ хост аз ин нигоҳ, на танҳо аз ин нигоҳ, аз ин макону аз ин оламу аз ин дунёи равшан ҳам фирор кунад, аммо на роҳдошту на ҷойи гурез. Гӯё дарахтеро мемонд, ки аз решаву бехаш канда бошандаш ҳам, ҳанӯз сабз буду реша дар об дошт.

Дигар занҳо низ нигоҳи хайрхоҳона надоштанд.

–Ассалом,– бо овози паст Хайрӣ ба ҳама салом дод дасти чапашро пеши бар карда, зеро дасти росташ банд буд.

Хайрӣ лаҳзае лолу ҳайрон кӯрпаю болишт дар даст ба аҳли хона нигоҳи саволомез кард.

–Агар саломат намешуд, луқмаи хомат мекардем,– гуфт зани аз ҳама боло нишаста хандаи даҳшатборе карда. Вақте ки лабҳои тунук то бехи гӯшҳояш ёзиданд, дандонҳои заб–зард намудор шуда, ӯро боз ҳам бадафттар нишон доданд. Дигар занҳо низ ҳар кадом ба таври худ мазоҳкунон механдиданд.

–Ҳо ба он кунҷ гузашта, ҷой гир, олуфтача!– гуфт зани болонишин кунҷи ифлостаринро нишон дода.

Хайрӣ лаб во накарда ба он ҷо рафта, кӯрпаю болишташро болои кати хоб монд ва худаш дар лаби кат амонат нишаст.

«Худоё, ин чӣ балое буд, ки ба сарам омад? Аҳволам чӣ мешуда бошад? Аз ин занҳо метарсам, симои зишт, нигоҳи бад ва хандаҳои беҷо доранд. Худоё, ба мани бечора раҳм кун, аз чанголи гургонаи инҳо раҳоям кун. Худоё!»

Дар байн мизе меистод, ки болояш хеле ифлос буд.

Зани болонишин ҳамаро ба сари миз даъват кард. Ҳар кадом аз кати худ бархоста, бо нағмаҳои нозеб паси миз ҷой гирифтанд.

–Ҳой, оимчаи сафедак, ба ту ягон пригласителний лозим?– гуфта ба Хайрӣ муроҷиат кард.

–Ҳозир, апаҷон, гуфта Хайрӣ ба миз наздик шуд.

–Апаҷон не, «шеф» гуфта муроҷиат кун, фаҳмидӣ?

–Бале, фаҳмидам, «шеф».

Хайрӣ ба курсие нишастанӣ шуд, ки зани ҳампаҳлӯяш номаълум карда, бо пояш курсиро ба дигар тараф тела дод. Ӯ гурсосзанон ба фарш афтид. Хайрӣ аз ҷой хест, рухсораҳояш гулгун гашта буданд. Дар як лаҳза ҳама обҳои чашмасорон дар чашмҳои зебояш гирдоб барин ҷамъ шуд,

тамоми вуҷудаш банди дор барин меларзид, қалбаш низ нияти аз хонаи худ баромадан дошт. Ӯ сархам ба сӯи каташ рафт.

–Ман ба ту иҷозати рафтан надодаам, оимча!– гуфт «шеф».

Хайрӣ бо сари хам ба миз наздик шуд, аммо аз нишастан тарсида, рост истод.

–Акнун шин! –гуфт шеф.

–Раҳмат, шеф, ман рост меистам– гуфта Хайрӣ сарашро хам кард.

–Маҷбур шинонедаш! –фармон дод «шеф».

Ду зани тарафи чапу рости шеф мисли сарлашкарони шоҳ чусту чолок аз ҷой бархоста ба Хайрӣ наздик шуданд. Ҳар ду даст ба китфони Хайрӣ монда, ӯро ба курсӣ шинонданд.

Ашк рухсораҳои гулгуни Хайриро шуст ва аз манаҳаш мисли борони баҳорӣ чак–чак ба рӯи миз чакид.

–Аз рӯи кадом модда суд шудаӣ?– пурсид шеф.

–Намедонам, ман гуноҳ надорам, шеф.– гуфт Хайрӣ оҳиста ва боз ашкашро пок кард.

–«Намедонам», «гуноҳ надорам», «тӯҳмат карданд» гуфтанӣ гапҳо нестанд, ин ҷо ки омадӣ, маълум, ки гуноҳ дорӣ, фаҳмидӣ?

Хайрӣ аз тарс бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

–Шаш нафар шудем, ҳар рӯз бо навбат уборка мекунем, панятна?–гуфт шеф.

Ҳама бо як овоз «так точно!» гуфтанд.

Бечора Хайрӣ на як рӯз, балки ҳафт рӯз навбатдор меистод. Ҳар рӯз кораш рӯбучину ҷомашӯӣ буд.

Рӯзе шеф аз ӯ пурсид, ки касбаш чист ва Хайрӣ духтур гуфту дар бало монд. Ба ғайр аз рӯбучину шустушӯ боз ҳар рӯз пеш аз хоб пойҳои шефро маҳс мекард.

Соли аввал ба ҳамин минвол сипарӣ гашт. Соли дуюм Хайрӣ дигар шуд, ба куллӣ тағйир ёфт. На ҳар кас ӯро кор

фармуда ё ранҷонда метавонист. Худ ба худ мегуфт, «ҳеҷ гоҳ намемонам, ки маро таҳқир кунанд, дар ин ҷангал гург шудан даркор, ки гурги дигар туро нахӯрад». Чор соли дигар касе оби дидаи ӯро надид.

Аз он зани ҳалиму меҳрубон, дилсӯзу ғамхор атрофиён барқасди номардию фанду фиреби Вафо барқасди беадолатиҳо ба зани мубориз ва бераҳм мубаддал гашта буд. Ӯ ба одамони беадолат нафрат дошт. Дар симои онҳо душмани худро медид. Аз зиндагӣ, балки аз дунё норозӣ буд. Дар муддати панҷ сол фақат як андеша дар сараш чарх мезад: бояд аз Вафо қасос гирад.

Дунёяш холӣ буд, холитар аз зиндагии беранг. Барои зудбовариаш худро маломат мекард. Аз худаш гадои кӯчаро хушбахттар меҳисобид, ки озод аст. Зиндагии худро на ҳамчун тӯҳфа, балки ҳамчун ҷазо дарёфт. Фақат умед ба оянда,баргаштан ба назди фарзандон ба ӯ таскин мебахшиданд. Ҳар шаб фарзандонашро хоб медид. Ба писараш тоқии чакан медӯхту мӯйҳои дарози фатилаи духтарашро майдабофӣ мекард. Искандарашро хоб медид, ҳамон хобе, ки рӯзи садама дида буд. Яке дар ин тарафу дигаре дар он тарафи соҳил аз якдигар дур мешуданд, попечу шитобон лаб–лаби соҳил медавид. Хайрӣ бо оҳу воҳ, бо чашмони гирёну дастони ларзон, бо дили реш–решу мӯйҳои пареш дар ҳама ҷо, аз ҳама кас ӯро меҷуст.

Панҷ сол дар назараш мисоли панҷоҳ сол сипарӣ гашт. Дар муйҳои мушкинаш ҷо–ҷо торҳои сафед дамида буданд.

Дари оҳании маҳбас кушода шуду ӯ ба берун баромад. Аз насими озодӣ нафаси амиқ кашида, руй ба осмон кард.

Худовандо, қуввату дармонам деҳ, ки ман қасосамро аз душманам бигирам.

Баъди фаҳмидани он, ки фарзандонаш дар ятимхонаҳо тарбия ёфта истодаанд аз пайи ҷустуҷӯи Вафо шуд. Ӯ фаҳмид, ки Вафо баъди ҳавлиро савдо кардан бо пули калон ба Русия – назди зану духтараш рафтааст.

Хайрӣ дигар ба ноҳияаш нарафт, чунки на хона дошту на шахсе, ки ӯро интизор бошад. Дидани фарзандонашро низ мавқуф гузошта, дар пойтахт, дар тарабхонае ба ҳайси фаррош ва зарфшӯй ба кор даромад. Мақсади қасос гирифтан аз фикру хаёли ӯ дур намешуд, шабу рӯз фикр мекард, ки бо кадом роҳ қасосашро ситонад? Ҳазору як навъ ҷазоро ба Вафо лоиқ медонист.

Баъди андаке кор кардан Хайрӣ либосҳои нағз хариду ба кошонаи ҳусн рафта худро орову торо дод. Оҳиста–оҳиста симои пеши: рухи гулгун, дидаи пурнур, гесувони зебову ботароваташ гӯё баргаштанд. Роҳбари тарабхона ба ӯ кори нав дод, ӯ пешхизмат шуд. Бо қомати мавзун байни мизҳои меҳмонон товус барин хиромида кор мекард.

Рӯзе бегоҳӣ меҳмоне, ки нӯшида маст шуда буд, ба Хайрӣ гап партофта, аз қафояш ба ошхона даромад. Бо суханҳои фаҷу пучаш мехост дили зани ҷавонро ба даст орад. Хайрӣ ба рафтори ин масти аласт тоқат накарда, шапотии обдоре ба рӯяш фуровард.

Ҷанҷоли калоне бархост. Меҳмон писари яке аз калоншавандаҳо будааст, ки роҳбари тарабхона аз ӯ узр хоста, Хайриро низ маҷбур кард, ки маъзарат пурсад, аммо Хайрӣ розӣ нашуд. Ӯро ҳамон замон аз кор пеш карданд. Хайрӣ анҷомашро ғун карда ба берун баромад. Ӯ ҷои рафтан надошт. Дар ҳамин ҳолат мошине наздаш омаду истод:

–Апаи Хайрӣ!– гуфта ронанда сарашро аз мошин баровард.

Дар торики Хайрӣ соҳиби овозро нашинохт ва роҳашро давом додан гириафт.

–Апаи Хайрӣ, ин манам Ҳаким–бачаи бобои Раҳими хамсояаатон, магар нашинохтед?

Хайрӣ соҳиби овозро шинохту омада, дар дохили мошин, аз алам бо овози баланд гирист. Хаёл кард, ки дар ин лаҳзаҳо дар ин шаҳри пурғавго наздиктарин касаш Ҳаким аст. Ӯ баъди чор сол аввалин мартаба ашк рехт. Аз танҳоӣ,

бесоҳибӣ, таҳқири дидааш аз дурии ҷигарбандонаш.

–Апаҷон, худро ба даст гиред, беҳуда ашк нарезед. Ман бо рафиқонам дар он тарабхона нишаста будам ва рафтори он нохалафро дидам, хотири шумо аз рафиқонам узр хоста баромадам, то ки шуморо ба хона барам. Мо бо аҳли оила кӯчида ба шаҳр омадем. Дар беморхонаи Қарияи Боло мудири шӯъба шуда кор мекунам. Ёд доред, апаҷон, аввалин бар ман бо акои Искандар, ёдаш ба хайр, ба Душанбе омада, ҳуҷҷатҳоямро ба донишгоҳи тиб супорида будем. Ана, апаҷон, ба хона расидем.– гуфта Ҳаким Хайриро ба хонааш роҳбаладӣ кард.

Ҳамсари Ҳаким Хайриро хуб пазируфту то як поси шаб ҳар се сӯҳбат карданд.

Хайрӣ максадашро ба Ҳаким баён кард, ки бояд ба Русия рафта Вафоро ёбад ва қасос гирад.

Ҳарчанд, ки Ҳаким хост Хайриро аз ин роҳ гардонад, нашуд.

–Ҳакимҷон, ту маро дуруст фаҳм, бояд ман ӯро бинам ва ба чашмонаш рост нигоҳ кунам. Аз ту хоҳиш мекунам, то омадани ман аниқ кун, ки фарзандони ман дар кадом ятимхонаҳо иқомат доранд. Ман зуд бармегардам.

Ҳаким дид, ки Хайриро аз раъяш гардондан душвор аст, пагоҳӣ ӯро то истгоҳи роҳи оҳан гусел карда, ваъда дод, ки то омаданаш албатта фарзандонашро меёбад.

Хайрӣ дар кишвари бузурги Русия бе пулу бе ҷои истиқомат ба куҷо рафтан, чӣ кор карданашро намедонист. Дар дунё назар ба аз одамони бад одамони нек бисёртаранд, мегӯянд. Хайрӣ вақти аз поезд фуромадан дар истгоҳи роҳи оҳан бо русзани миёнаумре вохӯрда, ба ӯ барои то хона бурдани ҷомадонаш ёрӣ расонд. Зани рус, ки Зинаида ном доштааст, Хайриро ба як пиёла чой таклиф кард. Хайрӣ бо хушнудӣ кабул кард. Баъди чой нӯшидану каме дам гирифтан Хайрӣ ба Зинаида чӣ тавр баъди марги падару модар ба ятимхона афтоданаш, дар он ҷо бо Искандар шинос ва баъдан ҳамхона шудан, хуллас тамоми ҳаёти худро накл

кард.

Зинаида дар яке аз фабрикаҳои калонтарини шаҳр зиёда аз бист сол инҷониб устои калони смена кор мекардааст, ягона писараш дар ҷанги Чеченистон ҳалок шуда будааст. Ӯ ба Хайрӣ гуфт:

–Ман метавонам туро дар сменаи худ ба кор гирам, як давраи муайян шогирд меистӣ, баъд, корро ки аз худ кардӣ, метавонӣ мустақилона фаъолият намоӣ. Албатта, аз корҳои мо касби худат ҳамшираи шафқат будан беҳтар аст, аммо ман наметавонам мувофиқи ихтисосат ба ту кор ёбам.

Хайрӣ аз хурсандӣ намедонист чӣ гуна миннатдорӣ баён кунад. Аз шодӣ гирён шуд:

–Апаҷони азиз, як умр ин хизмати шуморо фаромӯш намекунам.– гуфта ашки чашмонашро бо рӯмолча пок кард.

Хайрӣ шаб дар хонаи Зина монд. Ӯ пагоҳии барвақт бархоста хонаро рӯбучин кард, табақу косаҳои шабмондаро шуста ҷо ба ҷо намуд ва хӯроки наҳорӣ тайёр карда буд, ки Зинаида аз хоб бархост.

–Апаҷон, наҳорӣ тайёр марҳамат ба дастархон нигаред, ман хӯроки миллии точикӣ тайёр кардам, кани хурда бинед, ба шумо маъкул мешуда бошад.– гуфт.

Зинаида аз хӯроки тайёркардаи Хайрӣ тановул карда, аз покизакориҳои ӯ хушаш омад.

–Хайрӣ, метавонӣ то ҷои истиқомат ёфтанат дар хонаи ман монӣ, ман низ зани танҳоям ва танҳоӣ ба дилам задаст.– гуфт.

Ҳамин тавр, Хайрӣ дар хонаи Зинаида монда, дар корхонаи онҳо ба кор даромад. Ҳамин, ки аз кор бармегашт, ба корҳои рӯзгори Зинаида ёрӣ мерасонд, ҳар ду шодона мезистанд... Фақат нияти **қасос** гирифтан аз Вафо аз дили Хайрӣ дур намешуд, рӯз ба рӯз оташи интиқом дар дилаш аланга мегирифт. Рӯзҳои ширини бо шавҳараш Искандар ва фарзандонаш дар диёри биҳиштосояш гузарондаро ба ёд оварда дилаш оташ мегирифт. Дур аз ёру диёр, хумори дидани фар-

зандон ӯро ором намегузошт.. Ҳар шаб бо гиря хобаш мебурд ва кӯшиш мекард, ки аз ин ҳолати ӯ Зинаида бохабар нашавад, аммо зани рӯзгордида ҳар пагоҳӣ ба чашмони варамидаи Хайрӣ нигариста, ӯро тасалло медод, насиҳат мекард, ки саломатиашро аз даст надиҳад. Хайрӣ дар як муддати кӯтоҳ ҳамаи нозукиҳои кори ба ӯ супоридашударо аз худ кард ва ба яке аз коргарони пешқадами корхона табдил ёфт. Ӯ шабу рӯз кор мекард, маблағи зиёде низ ҷамъ кард, аммо ҳамоно фикри интиқом ӯро ором намегузошт. Соатҳо ба як нуқта чашм дӯхта андеша мекард, ки бо кадом роҳ **қасос** гирад, кадом намуди **қасосро** ихтиёр кунад.

Рӯзе Зинаида дар ҷои кор бемор шуд ва ӯро ба касалхонаи корхона бурда, муоина карданд ва ба хулосае омаданд, ки бо иллати ҷиддии қалб бояд ӯ корро қатъ кунад. Дар акси ҳол, дарди дил хуруҷ карданаш мумкин аст.

Зинаида ба ҷои худаш Хайриро тавсия мекунад ва Хайрӣ сардори смена мешавад. Хайрӣ тамоми қуввату ғайраташро ба кор медиҳад ва дар муддати кӯтоҳтарин соҳиби ҳурмату иззати роҳбарият ва атрофиёну ҳамкорон мегардад. Аммо фикри **қасос** гирифтан ҳамеша ӯро ором намегузорад. Аммо бо кадом роҳ? Вазнинтарин ҷазоро бояд ба Вафо раво бинад. Охир, ӯ ҳаёти Хайриро сӯхт, фарзандонашро бе хонаву дар, сарсону саргардон кард.

Рӯзи истироҳат. Хайрӣ ба тозаву озода кардани хона машғул шуд. Зинаидаро оббозӣ доронд, ба ӯ либосҳои тоза пӯшонда, хӯроки дӯстдоштаи ӯ тушбера пухта, сераш кард ва ба ҷомашӯӣ машғул шуд. Дар ҳамин ҳолат Зинаида Хайриро ба назди худ хонда хохиш кард, ки ба ӯ бо диққат гӯш кунад.

–Хайриҷон, духтарам, мумкин рӯзҳо ё соатҳои башумори ҳаёти ман монда бошад, ман хонаро ба ту васият кардам. Ту медонӣ, ки ман ғайр аз як писар касе надоштам, ки ӯ ҳам пеш аз ман бо ин дунё падруд гуфт. Ҳуҷҷат дар ҷевони китобҳо, баъди сари ман метавонӣ кӯдаконатро кӯчонда ба

ин ҷо биёрӣ, ё хонаро фурӯхта ба Ватанат баргардӣ. Фақат як илтимос, дар ҷустуҷӯи фарзандонат бош. Аз фикри **қасос** гирифтан даст каш. Илтимоси дигари ман ҳамин, ки як ҷевон пур аз либосҳои зимистона ва тобистона дорам, баъди сари ман ҳамонҳоро бурда ба хонаи пиронсолон ва маъюбоне, ки дар охири кӯчаамон воқеъ аст, бидеҳ. Либосҳо ба онҳо лозим мешаванд. Барои «рӯзи мабодо» гуфта маблағе чамъ кардаам, баъди гузаронидани маъракаҳои мотам, агар зиёдатӣ кунад, он маблағро низ ба ҳамон одамони бесоҳиб бурда деҳ, савоб мешавад.

Хайрӣ бо чашмони пур аз ашк суханони Зинаидаро гӯш кард:

–Модарҷон, шумо сиҳат мешавед ва мо якҷоя ба Ватани ман Тоҷикистони биҳиштосо сафар мекунем, мумкин боду ҳавои он ҷо ба шумо маъқул шуда, дарди дилатон шифо ёбад, – гӯён Зинаидаро ба оғӯш гирифт.

Баъди ду рӯзи ин сӯҳбат Зинаида бо ин дунё падруд гуфт. Хайрӣ ҳамаи васиятҳои ӯро иҷро кард. Бо тамоми қоидаҳои насронӣ Зинаидаро ба хок супорид.

Аҷаб коре!. Вақте ки мувофиқи васияти Зинаида Хайрӣ маблағи пасандозро ба директори хонаи пиронсолон Светлана Орлова месупорид, Светлана аз Хайрӣ пурсон шуд, ки ба Зинаида кӣ мешавад.

–Духтараш,– ҷавоб дод Хайрӣ.

–Охир шумо ба русҳо монанд нестед–ку?– гуфта боз кунҷковӣ кард Светлана.

–Зинаида барои ман аз модар ҳам наздиктар буд. Ман духтархондаш, аз Тоҷикистонам,– гуфта Хайрӣ хост бо ҳамин ба пурсишҳои Светлана дигар ҷавоб надиҳад.

–Шумо аз Тоҷикистон бошед, аз Ватани шумо бемори бесоҳибе дорем. Агар хоҳишатон бошад, даромада хабар гиред,– гуфт Светлана ва то ҷои хоби он бемор Хайриро роҳбаладӣ кард.

Хайрӣ ба хонаи хоби бемори тоҷикистонӣ даромада чор

беморрро дид, ки дар катҳои худ дароз кашидаанд. Ӯ онҳоро аз назар гузаронида, нигоҳаш ба он марди тоҷик афтод ва қариб буд, ки аз ҳиссиёту ҳаяҷони зиёд дод гӯяд. Дар наздаш, болои кат шахсе хоб буд, ки Хайрӣ солҳо дар фикри ӯро ёфтан ва **қасос** гирифтан буд. Вафо аз дидани Хайрӣ дар ҳайрат монда, дар болои кат ба худ печид ва бо овози баланд гиря кард. Ӯ маҷоли аз ҷой хестан надошт.

Орлова ин саҳнаро дида ба Хайрӣ саволомез нигоҳ кард.

Хайрӣ аз Светлана хоҳиш кард,ки онҳоро танҳо гузорад. Орлова аз пайи корҳои худ рафт. Вафо гирёну нолон саргузашташро ба Хайрӣ нақл кард.

Занаш Вафоро, ки бо маблағи калон ба Русия омада буд, хуш ҳабул карда, хамагӣ чор моҳ зиндагии осуда мегузаронанд. Рӯзе Вафо ҳангоми аз кор баргаштан ба садамаи нақлиёт дучор омада, дар касалхона бистарӣ мешавад. Аз ду по маҳрум мегардад. Баъди ду моҳи табобат ӯро аз касалхона ҷавоб медиҳанд. Занаш Вафоро ба ҳамин хонаи маъюбон ва бесоҳибон оварда мепартояд ва дигар боре ҳам хабар намегирад. Дарди ҷонкоҳе ӯро азоб медод, ки тез–тез вақти хуруҷ кардани дард, ӯ ба худ мепечид. Вафо ба Хайрӣ нигариста илтиҷо кард:

–Хайриҷон, ман медонам, ки баъди он номардӣ, ноодамӣ, беадолатӣ, ту маро намебахшӣ, аммо ман аз ту хоҳишу илтиҷо мекунам, маро пиҳил кун, набошад ҷони ман ба хушӣ намебарояд. Ин вохӯрӣ тасодуф нест. Онро Офаридгор рост овард. Худо хост, ки ту бо чашмонат ин оҷизии маро бинӣ. Аз ту хоҳиш мекунам, ки маро бубахш, аз Офаридгор илтиҷо дорам, ки кафание насибам гардонад, то дар мулки бегона ҳаром намурам.

Баъди ин суханҳо аз дарди ҷонкоҳ ӯ бори дигар ба худ печид ва аз ҳуш рафт.

Хайрӣ оби дидагонашро пок карда, аз хонаи маъюбон баромаду аз мағозаи наздик бисту ду метр сони сафед харид ва ба он ҷо баргашта, назди Орлова даромада, вазъи Вафоро

пурсон шуд.

Орлова ба ӯ фаҳмонд, ки пойҳои Вафо ба касалии қарасон гирифтор шуда пӯсида истодаанд. Аз умри ӯ рӯзҳои башумор мондааст.

Хайрӣ аз Орлова пурсид:

–Дар байни беморон ё ҳамкорон ягон шахси мусулмон ҳаст?

–Бале, Руслан ном марди қафқозӣ сарошпаз шуда кор мекунад ҷавоб дод Орлова.

Хайрӣ хохиш кард, ки ӯро наздаш даъват кунанд. Хайрӣ матои овардаро ба Руслан супурда аз он ҷо зуд баромад.

Хайрӣ бори охир ба зиёрати қабри Зинаида рафта гул гузошт.

–Модарҷонам, афсӯс мехӯрам, ки ба суханат гӯш надода, ба кофтукови беҳуда машғул шудам. **Қасос**и маро Офаридгор кайҳо гирифта будаасту ман бехабар. Ана акнун аз пайи кофтукови фарзандонам мешавам. Аз онҳо узр мехоҳам, ки баъди аз маҳбас баромадан рост назди онҳо нарафтам. Бовар дорам, онҳо маро мефаҳманду мебахшанд.

Фурудгоҳ. Овози ширину маҳини занона эълон кард: «Ба диққати пешвозгирандагон: ҳавопаймои Москва– Душанбе фуруд омад »

Хаким ва фарзандони Хайрӣ дар даст гулдастаҳо ин эълонро бетоқатона интизор буданд. Бо дидани модар ҳама ба пешвозаш давиданд…

# ҲАРОМӢ

Хуршед ба теппа баромада ба зодгоҳаш Фархор, ки аз он ҷо чун кафи даст менамуд, назар кард. Аз болои теппаи Ӯртабуз ба поён нигоҳ карда, хонаи модаркалонаш– кампири Сайрам ва мактаберо, ки дар он таҳсил мекард, баръало дид. Ба қафо гашта, мазори сокинони Фархорро назора кард. Болои ин теппа бароӣ, фикр мекунӣ, ки гӯё тамоми олам дар ин мазор маскан гирифта бошад. Қабрҳо хеле зиёданд. Қабрҳои хурду калон, наву кӯҳна. Дар санги баъзе аз қабрҳо навиштаҷоте сабт шуда, ба чӯби баъзеи дигар матое баста шуда, болои аксари қабрҳо ягон нишонае нест, аз ҷумла болои қабри модари Хуршед.

Хуршед шашсола буд, ки рӯзе бобояш ӯро назди худ хонд:

–Писарам, рафта таҳорат кун, ба як ҷо мебарамат, чандест беморам, ин кори савобро накарда намурам мегӯям.

Онҳо ҳарду аз хона берун шуда, сӯи теппаи Ӯртабуз равона шуданд. Мӯйсафед базӯр аз бозуи набераащ дошта, ба теппаи Ӯртабуз баромад. Аз байни қабрҳои зиёд қабри духтараш Гулнозро базӯр ёфт:

–Ана, писарам, дар ин ҷо модари ту ба хок супорида шудааст,– гуфту ояте аз Қуръони Шариф хонд ва оҳи пурдарде кашида, аз ҷой бархост. Хуршед дид, ки мӯйсафед номаълум оби дидагонашро бо дастрӯймолаш пок кард. Ӯ аз қафо ба қомати хамгаштаи бобояш назар карда, аввалин мартаба дилаш ба ӯ сӯхт. Дарк кард, ки пирӣ фасли зимистони умр аст. «Пирию ҳазор иллат» мегӯянд, ки дуруст будааст.

Хуршед ҳар рӯз баъди дарс модагови, модаркалонашро бо ду сар гӯсфанд пешандоз карда, ба ин теппа бароварда мечаронд.

Ҳар рӯз кампири Сайрам такрор ба такрор таъкид ме-

кард, ки чорпоро дар қабристон начаронад, убол аст. Шири он гов ҳаром ҳисоб мешавад. Хуршед кӯшиш мекард, ки таъкиди модаркалонро риоя кунад, молҳоро аз назди қабристон дуртар бурда чаронад.

Хуршед ҳар гоҳе, ки ба ин баландӣ мебаромад, албатта сари қабри модар рафта фотиҳа мехонд бо ӯ хаёлан сӯҳбат мекард. Азбаски қабри модари ӯ низ ягон нишонае надошт, доимо ин савол ӯро ором намегузошт: Охир, модараш бесоҳиб нест–ку? Падару модар ва се бародар дорад. Барои чӣ онҳо болои қабри фарзанд ва хоҳарашон санге нагузоштаанд?

Хуршед бори дигар ба поён– ба зодгоҳи азизаш нигоҳ кард. Барои Хуршед Фархор зеботарин ва дилкаштарин макон менамуд, чунки ӯ дигар ҷоеро надида буд. Авзои ҳаво гирифта, ҷо–ҷо абрҳои сиёҳ болои сари Хуршед намудор буданд. Дили ӯ имрӯз чун абрҳои болои сараш сиёҳ буд. Ҷанҷоли навакак бо писари тағояш кардаро ба ёд оварда, дилаш якбора аз ғусса пур шуд ва хост бо овози баланд гиря кунад, аммо суханони модаркалонашро, ки «мард набояд гиря кунад» мегуфт, ба ёд оварда, худро ба даст гирифт. Назди қабри модар рафт:

–Модарҷон, барои чӣ маро ҳама бад мебинанд? Бобоям, тағоҳоям, писарони ҳамсоя. Магар ман гуноҳе дорам? –гӯён теппаи хоки модарро саволборон кард. Модар хомӯш буд.

Хуршед аз оламу одам, аз ҳама чиз гурехтан мехост. Дунё барояш холӣ менамуд, холитар аз ин зиндагии берангу пур аз таҳқир.

Писари тағояш, ки Саид ном дошт, аз Хуршед ду сол хурд ҳам бошад, доимо кӯшиш мекард баҳудаю беҳуда ба иззати нафси ӯ расад. Дар оилаашон яккаписар ки буд, нозпарварашро аҳли хонадон–падар, модар ва модаркалонаш мебардоштанд. Аммо бечораи Хуршед ғайр аз модаркалон дигар касе надошт. Фақат як шахси дигар– ҳамсинфаш Нишона буд, ки Хуршед ба ӯ метавонист рози дил гӯяд. Чунки

ӯ низ чун Хуршед азоби ятимӣ мекашид. Ӯ аз падар хурдакак ятим монда буд ва дар бораи падараш бо ифтихор нақл мекард:

–Падари ман барои амонию осудагии диёрамон қурбон шуд. Ӯ мехост дар кишварамон сулҳ бошад, аммо душманони миллат падарамро куштанд. Ҷасадашро то имрӯз наёфтаанд. Ман он вақт чорсола будам. Модарам сездаҳ сол боз роҳи ӯро мепояд ва дигар шавҳар накард. «Нишонаи ман ба ҷои падараш аст» мегӯяд.

Хуршед низ мехост дар бораи падар ё модараш бо ҳавас ва фахр сухан гӯяд, аммо дар хонавода касе онҳоро ёд намекард. Хуршед низ хомӯширо авло дониста чизе намепурсид, зеро медонист, ки дар паси ин хомушӣ сирре ниҳон аст. Ҷанҷоли имрӯза ҳам гапи дупула буд. Хуршед аз Саид нопурсида, хост тӯпи ӯро оварда, дар вақти чаронидани чорпо каме бозӣ кунад. Аз ҳавлӣ баромада истода буд, ки аз куҷое Саид пайдо шуд. Ӯ аз дасти Хуршед тӯпро кашида гирифт:

–Сағира, мо туро мехӯронем мепӯшонем, бас нест, ки боз нопурсида тӯпамро мегирӣ? – гуфта як шапотӣ ба рӯяш зад. Янгаи Ҳалима аз шунидани хархашаи онҳо аз хона баромад:

–Ҳа, ҳаромӣ, ту ҳам нағма баровардӣ? «Сағира ба ҷое мерасаду сағирапарвар не» мегӯянд, ҳамин гап дуруст будааст. Охир, падарат зинда, дарди сари мо шуда меистӣ? Кошки мактабатро тезтар тамом мекардию дафъ мешудӣ, мо ҳам як нафаси озод мекашидем, –гуфту боз ба хона даромад. Хуршед, ки аз хурдӣ ба калимаи «сағира» одат карда буд, ин суханро ба дил ҳам нагирифт, аммо сухани модари Саид– янгаи Ҳалима ба ҷону дилаш корди тез барин кора кард.

Хуршед аз ин хеле мутаассир шуду зери лаб пичирросзанон «мекушамаш!» гуфт. Ин сухан ба унвони падараш равона шуда буд. Хуршед падарро надида бошад ҳам, нисбати ӯ нафрати беандозае дошт.Маҳз ӯ сабаб шудааст, ки Хуршед аз Саиду модари ӯ суханҳои таънаомез шунавад. Маҳз

ӯ сабаби «сағира» ном гирифтани Хуршед шуд. Имрӯз бошад, янгаи Ҳалима – модари Саид ба ӯ номи нав: «ҳаромӣ» монд.

Ин сухани шумро ӯ дар хурдӣ якчанд мартаба шунида буд, бачаҳои ҳамсоя ва ҳамсинфон ҳангоми дар байнашон ягон ҷанҷол рӯй додан ба Хуршед «ҳаромӣ» гуфта аз қафояш метохтанд. Доимо гирён назди модаркалон омада, маънои ин ҳақорати кӯдаконро мепурсид, аммо модаркалон «калон шавӣ, баъд мефаҳмӣ» гуфта ба саволаш ҷавоб намедод. Муносибати тағоҳояш низ хуб набуд. Агар Хуршед ба онҳо дар коре ёрӣ расонданӣ шавад, ӯро аз наздашон пеш мекарданд:

– Дур шав, дар пеши поямон равуо накун, – гуфта пешона турш мекарданд. Сухани шуми «ҳаромӣ»–ро калон шуда дар ҳаққи худ якчанд мартаба дар ғайб шунида буд, аммо имрӯз бо овози баланд ба рӯяш ин суханро гуфтанд. Дунё дар назараш тор шуд, гиря гулӯгираш кард, аммо сухани модаркалон ҳамеша дар гӯшаш садо медод «Ту, ки мардӣ, ҳамеша мард бош!». Хуршед дигар дар ҳавлӣ тоқат накарда, молчаронӣ рафт.

Ӯ ба қабристон бори дигар нигоҳ карда, аз дил гузаронд: Кош падарам мурдагӣ мебуду ба саволи рафиқон ва ҳамсинфон «Падарат дар куҷост?» ҷавоб додан осон меафтод. Ё мисли падари Нишона кушта мешуду бо фахр дар борааш нақл мекардам, аммо падари ман…

Рӯз бегоҳ мешуд. Говгум ҳам фаро расид. Хуршед намехост ба ҳавлӣ баргардад, аммо дигар ҷои рафтан надошт. Ӯ оҳиста–оҳиста аз назди мазор гову гӯсфандонро ронда бори дигар ба гӯристон ва гӯри модар назар афканд ва аз дил гузаронд: аз чунин зиндагӣ, дар ҳамин қабристон, назди модар макон гирӣ, эҳтимол беҳтар бошад. Дар ин водии хомӯшон ҳеҷ кас намепурсад «падарат дар куҷо, модарат дар куҷо?» ё ному лақабат намегузоранд «сағира», «ҳаромӣ». Мисли Саид касе таҳқират ҳам намекунад.

Дар ҳамин ҳолат симои зебои Нишона пеши назараш омаду тез–тез чорпоро ронда аз мазор гузашт. Хуршед ба ҳавлӣ даромада гову гӯсфандонро ҷобаҷо кард ва хӯроки шом нахӯрда, дар хонаи хилват болои як кӯрпачаи тунукак дароз кашид. Дарс ҳам тайёр накард.

Кампири Сайрам, ки дар вақти тархашаи наберагон дар хонаи ҳамсоя буду келинаш то омадани Хуршед ба ӯ ҳамаро нақл кард, сабаби хафагии Хуршедро медонист.

Модаркалон ба хонаи хоб, ки бо Хуршед ҳарду дар он хона хоб буданд, даромад:

–Ҳа, писарам, барои чӣ хӯроки шом нахӯрдӣ?– гӯён пурсид. Хуршед худро ба хоб андохта, чизе нагуфт. Ӯ одати шикоят кардан надошт. Сайрам болои сари наберааш нишаста, сари ӯро сила кард. Аз ин рафтори модаркалон алами Хуршед омад ва дарун–дарун гирист, фақат китфонаш меларзиданду халос.

Кампири Сайрам бо гӯшаи рӯмоли дока чашмони ашколуди набераашро пок карда гуфт:

–Майлаш, писарам, гиря кун, дилат холӣ мешавад. Ман медонам, ба ту душвор аст, аммо хело кам мондааст. Ана, ба зудӣ мебинӣ, ки номаи камол гирифтӣ, каме аз нафақаам пасандоз дорам, болои он гову гӯсфандонро фурӯхта, туро ба пойтахт мебарам. Ба орзуят мерасӣ, охир, ту меъмор шуданиӣ, ба донишкадаи олӣ дохил шуда мехонӣ. Оянда биноҳои зебо сохта ҳамаро ҳайрон мекунӣ. Фақат Худованд маро ками дигар умр диҳад, ки ман шодии туро бинам, дигар ормон надорам. Охир, умри ман ҳам ба ҷое расидааст, офтоби сари кӯҳ шудаам.

Баъди шунидани ин суханҳо Хуршед аз ҷой хеста, аввалин мартаба аз модаркалон илтимос кард:

–Бибиҷон, дар бораи падар ва модарам ба ман нақл кунед.

Кампири Сайрам аз ҳамин савол бисёр метарсид. Аз шунидани ин пурсиш дунё дар назараш торик шуд. Вуҷудашро

ҳиссиёти баде фаро гирифт, тамоми баданаш ларзид. Қалбаш фишурда шуд. Қаду қомати мавзуни духтарашро пеши назар овард. Селоби шӯри ашк рухсораҳои аз ғаму дард пажмурдаашро шуст.

–Хуршедҷон, писарам, ба наздикӣ ту ҳабдаҳсола мешавӣ, писари боақл шудаӣ, ҳақиқатро донӣ ҳам, мешавад. Модарат Гулноз ном дошт…

Гулноз дар оила дар байни се бародар як духтар буд. Баъди хатми мактаб орзуи муаллима шудан дошт, аммо падар ва бародарон «духтар хонда чӣ кор мекунад» гуфта ба ӯ иҷозати хондан надоданд. Кампири Сайрам то имрӯз худро бахшида наметавонад, ки барои чӣ тарафи Гулнозро нагирифту ба ӯ ёрӣ нарасонд, мумкин оқибати кор чунин намешуд?

Гулноз баъди хатми мактаб ба яке аз идораҳои сохтмонӣ ба кор даромад. Ӯ дар шӯъбаи танзими мутахасиссон кор мекард. Шамшод ном ҷавон барои таҷрибагирӣ ба ин ноҳияи дурдаст роҳхат гирифта омад ва дар идорае, ки Гулноз кор мекард, давраи таҷрибаомӯзиашро гузаронд. Онҳо якдигарро дӯст доштанд.

Ишқ фасли шукуфтанҳо, оташ гирифтанҳо, парвоз карданҳо, фасли ба ҷӯшу хурӯш омадани хун, фасли баҳори дӯстдориҳост. Ишқи ҷавонӣ сӯзу соз дорад. Барои Гулнози ҷавон, ки аввалин мартаба аз забони Шамшод суханони ширини «дӯст медорам, бе ту зиста наметавонам»–ро шунид, дунёро бо ранги дигар дарёфт. Барояш шаби торик ҳам равшан намуд, ҳавои боронӣ офтобӣ гашт, дунё зебо шуд.

Шамшод ваъдаҳои зиёде карда, Гулнозро ба доми худ овард. Вале баъди тамом шудани таҷрибаомӯзӣ дум хода карда, фирор кард ва боре ҳам Гулнозро хабар нагирифт.

Рӯзҳо, моҳҳо мегузашт, аммо аз Шамшод дараке набуд.

Гулноз аз ғами ҳиҷрони дӯстдоштааш хазон ва обу адо мешуд. Дар байни хешу табор ва ҳамсояҳо миш–миш пайдо шуд, ки ӯ ҳомила аст.

Модар аз Гулноз пурсид, ӯ тасдиқ кард. Кампири Сайрам рӯзу шаб Шамшодро дуои бад мекард, ки духтарашро шарманда, сари падар ва бародаронашро хам кард. Ба Гулноз маслиҳат дод, ки фарзандашро нобуд созад, аммо ӯ розӣ нашуд ва гуфт:

–Модарҷон, мумкин таваллуди фарзанд ӯро ба худ орад ва мо якҷоя шавем.

Бо ҳама ин бевафоиҳо бечораи Гулноз дӯсташ медошт.

– Аз таваллуди ту, писарам,– кампири Сайрам нақлашро давом дод,– ягон кас хурсанд набуд. Бубахш, ки ҳақиқатро ба рӯят мегӯям. Баъди таваллуд саломатии модарат бад шудан гирифт. Ба падарат нома навишта, аз таваллуди ту огоҳаш кард. Ҷавоби номаи Гулноз омад,– гуфта кампири Сайрам аз ҷояш базӯр бархоста аз байни тахтмони кӯрпаҳо коғазпечеро бароварда ба Хуршед дароз кард. Хуршед бо дастони ларзон номаро гирифта хонд: «Ман оиладор шудам ва ҳамсарам ҳомила мебошад. «Ман ба ту писар таваллуд» гуфта сарамро гаранг накун. Ба ман дигар нома нанавис, ҳаромиат ба худат насиб кунад».

–Ин номаро баъди сари модарат аз зери тагсариаш ёфтам– нақлашро давом дод кампир. Духтари бечораам аз сӯхтани хонаи ишқаш дуд мекард, аз шарму ҳаё, аз беадолатӣ, аз нангу номусу аз хиёнати шахси дӯстдораш, ки ақаллан туро ба дасташ нагирифта, ту чилрӯза будӣ, ки бо дунёи фонӣ падруд гуфт. Дар хонае, ки модарат бемор буду соатҳои охирини ҳаёташро мегузаронд, на падараш медаромаду на бародаронаш. Рӯзе, ки Гулноз ҷон медод, аз ман зорию илтиҷо намуд, ки падараш наздаш дарояд, то ки ӯ бахшиш пурсад ва падар пиҳилаш кунад, аммо падар: «Ман ӯро оқ кардаам, пиҳилаш намекунам, сарамро хам кард, обрӯямро резонд, маъракаҳо рафта наметавонам. Ба масҷид баъди ҳама рафта, пеш аз ҳама мебароям» гуфт. Аҷибаш ин, ки ту аз он рӯзе, ки боақл шудӣ, орзуи меъмор шудан кардӣ, ман ҳайрон шудам, ки мумкин ирсият бошад, ки ту касби

падарро пеша кардӣ, ҳол он, ки ту то имрӯз намедонистӣ, ки падарат чикора аст.

– Мекушамаш!– пичиросзанон ва бо қаҳру ғазаб Хуршед ин калимаро бори дуюм талаффуз кард.

Кампири Сайрам, азбаски гӯшҳояш каме вазнин шуда буд, сухани Хуршедро нашунид. Хайрият нашунид.

Рӯзҳо паси сар мешуданд. Хуршед дар мактаб аъло мехонд. Ӯ ҳамаи имтиҳонҳоро бо баҳои аъло супорид. Омодагии ба мактаби олӣ рафтан дошт.

Рӯзи бозор бибӣ ва набера гову гӯсфандҳоро ба бозор бурда фурӯхтанд. Молбозор, ки дар як тарафи теппаи Ӯртабуз воқеъ аст, ба мазор хеле наздик буд. Хуршед баъди фурӯхтани чорпо аз модаркалон илтимос кард, ки болои қабри модараш рафта якҷоя дуо кунанд. Кампири Сайрам бо оби дида гуфт:

–Писарам, ба қабристон рафтани зан раво нест. Ривоят аст, ки вақте модар наздик мешавад, фарзанд аз ҷояш бархостанӣ мешавад, азбаски қабр хеле танг аст, ӯ бо нӯги чанголҳои дасту по меистад ва то охири рӯзи маҳшар дар ҳамин ҳолат мемонад. Намехоҳам духтарам дар он дунё низ азоб кашад. Ту рав, писарам, ман туро дар ҳамин ҷо мунтазир мешавам. Аз ҳамин ҷо ба арвоҳи фарзандам дуо мекунам.

Хуршед худаш танҳо рафта назди қабри модар чорзону зада, ояте аз Қуръони шариф хонд. (Ба ӯ бобояш омӯхта буд).

Хуршед баъди дуо кардан рӯҳан ба модараш муроҷиат кард:

–Модарҷон, ман номаи камол гирифтам, имрӯз ҳамроҳи модаркалонам ба бозор рафта, гову гӯсфандҳоро фурӯхтем.

Насиб бошад, пагоҳ сафари шаҳри Душанбе дорем. Мехоҳам арвоҳи ту мадад кунаду ман донишҷӯ шавам. Орзу дорам.

Баъди хатми мактаби олӣ болои қабри ту санге бо

навиштаҷоти зебое гузорам ва ҳеҷ кас: «ту бесоҳибӣ» гуфта натавонад.

Ман соҳиби туям, аммо имрӯз дасти норасо дорам. Дунё ба умед аст. Ман қасоси туро мегирам, модарҷон!– гуфта даст ба рӯ кашид ва аз ҷой бархост.

Хуршед пагоҳии барвақт бархоста бо модаркалонаш ба сӯи пойтахт раҳсипор шуданд. Онҳо баъди нисфирӯзӣ ба Душанбе расида, бо азоб хонаи ҷияни модаркалонашро ёфтанд. Дар хона касе набуд. Онҳо то омадани соҳибони хона дар берун интизор кашиданд. Ҳамсояҳо аз наздашон «ассалом» гуфта мегузаштанд, аммо касе онҳоро ба хона таклиф намекард. Кампири Сайрам аз дил гузаронд: «Аҷаб хислате доранд шаҳриҳо, агар дар деҳа ва ноҳияҳои дурдаст ягон меҳмон ояд, ба ҷону ҳолаш намонда ҳамсояҳо ӯро ба хонаашон даровarда як пиёла чой медиҳанд».

Бегоҳӣ соҳибони хона аз кор баргаштанд ва онҳо ба хона даромаданд. Кампири Сайрам тоқат накарда ба ҷиянаш гуфт:

–Бачам, ҳамсояҳои хуб надоштаӣ,– ва рафтори ҳамсояҳоро ба ӯ нақл кард.

– Холаҷон, ин ҷоро шаҳр мегӯянд. Як кас ба каси дигар кор надорад. Ҳама аз пайи ризқу рӯзии худ мебошанд. Ман зиёда аз даҳ сол дар ҳамин бинои чорошёна зиндагонӣ мекунам, бисёрии ҳамсояҳоро намешиносам.

–Хайр, писарам, як гуфтам–да. Биё, гапи асосиро маслиҳат кунем. Хуршед – писари раҳматии Гулнозро ба хондан овардам. Дониши хуб дорад. То дохил шудан дар хонаи ту истад, баъд аз донишгоҳ албатта ягон хобгоҳ медиҳандаш. Аз ту хоҳиш мекунам, пагоҳ бурда ҳуҷҷатҳояшро якҷоя супоред. Соҳиби хона, ки Раҳим ном дошт, ба холааш рӯ овард:

– Холаҷон, аз модараш чӣ обрӯ гирифтед, ки боз аз ин обрӯ гиред, гуфт. Як одами пир, дар ин гармои рӯзи моҳи август аз роҳи дур саргардон шуда омадаед. Дусад километр

шухӣ надорад. Ба мактаби олӣ дохил шудан кори осон нест. Пули калон даркор. Ин сағира аз куҷо меёбад ин қадар пулро. Дониш мегӯед, ҳозир дониш ба кӣ даркор? Ҳамаи масъаларо пул ҳал мекунад. Пул набошад, худатонро ғам надиҳед, дар заводи пахтаи Фархор ҷои кор бисёр аст, бурда ба хамон ҷо ба кор монед, беҳтар мешавад.

Хуршед сурх шуда, дар ҷои нишастааш ҷунбид. Кампири Сайрам, ки чунин ранг гирифтани сӯҳбатро интизор набуд, сатри зеринро хонд:

«Чаро шукуфта набошам, Худо сабабсоз аст.

Даре, ки банда бибандад, дари дигар боз аст», гуфта, омин карду аз ҷой бо як чолокӣ бархост. Хуршед аз ин чолокии модаркалон ҳайрон шуд, чунки ӯ дар хона бо ёрии наберагон бармехост. Фаҳмид, ки ин чобукӣ аз қаҳру ғазаб буд.

–Хуршедҷон, рафтем, ҳуҷҷатҳоятро фаромӯш накун!– гуфта, сӯи баромадгоҳ равон шуд. Ҳарчанд ки Раҳим «дар ин бевақтии шаб куҷо меравед, ҳамин ҷо шабро рӯз кунед» гуфт, кампири Сайрам тарафи ҷиянаш нимнигоҳе ҳам накард. Ду нафар– бибӣ ва набера соати даҳи шаб дар шаҳри калон ба куҷо рафтанашонро надониста, то истгоҳи автобус расиданд. Кампири Сайрам болои хараки истгоҳ нишаст. Онҳо ҳарду хомӯш буданд.

Кампир хомӯширо вайрон кард:

– Писарам, ту хафа нашав, рӯҳафтода ҳам набош, дониши хуб дорӣ, албатта донишҷӯ мешавӣ. Ҳозир бояд фикр кунем, ки шабро дар куҷо рӯз кунем.

Хуршед ба модаркалон гуфт:

– Писари ҳамсояамон Толиб дар ҳобгоҳи донишкадаи тиб як ҳуҷра дорад, нишониашро ба ман додааст. Агар ҳамон ҷоро ёбем, бо ӯ шабамонро рӯз мекунем.

Онҳо аз роҳгузаре нишонии Толибро пурсиданд. Хушбахтона, истгоҳе, ки онҳо нишаста буданд, аз ҳуҷраи Толиб ҳамагӣ дусад метр дур будааст.

Онҳо рафта хобгоҳро ёфтанд. Дарбон Толибро ба берун чеғ зад. Толиб аз дидани ҳамшаҳриҳояш хеле хурсанд шуд, ба дарбон хоҳиш карда гуфт, ки «модаркалонам маро хабаргирӣ омадааст, иҷозат диҳед ба хобгоҳ дароянд».

Онҳо шабро дар ҳуҷраи Толиб рӯз карданд. Толиб ба ҳуҷраи кадом рафиқаш рафта хонаро ба бибӣ ва набера монд. Онҳо боз танҳо монданд. Кампири Сайрам ба набераш таъкид кард:

– Писарам, дар дунё аз одами бад одами нағз бисёртар аст. Ҳеч гоҳ ба бад ба бадӣ ҷавоб надеҳ, баръакс, кушиш,кун дастат расад, маҳз ба ҳамон шахсон ёрӣ расон, ки аз кардаи худ шармашон ояд. Зиндагӣ пастию баландихои зиёд дорад. Фақат рӯҳафтода нашав. Акнун, писарам, хоб кун, пагоҳ корамон хеле зиёд аст.

Аз ин суханони модаркалон Хуршед хурсанд шуда, ба зудӣ хобаш бурд. Аммо модаркалон то пагоҳӣ мижа таҳ накард, ҳайрон буд, ки ин сағираи бечора дар ин шаҳри калон чӣ хел мехонда бошад.

Пагоҳии барвақт Толиб бо як рафиқаш омада, ба Хуршед барои супоридани ҳуҷҷатҳояш рохбаладӣ карданд. Онҳоро дар комиссияи қабул зани кушодачеҳрае, ки синну солаш ба ҷое расида буд, хеле хуш қабул кард. Баъди аз назар гузаронидани номаи камоли Хуршед:

– Офарин,писарам, дар мактаб хонандаи фаъол будаӣ,– гӯён таъриф ҳам кард.

Ӯ тез–тез чашмонашро аз болои ҳуҷҷатҳо бардошта ба Хуршед нигоҳи тааҷҷубовар мекард. Гаштаю баргашта «фамилиатон чӣ буд?» гуфта мепурсид. Толиб токат накарда:

– Муаллимаҷон, дар ҳуҷҷатҳо ягон камбудие ҳаст? пурсид.

–Не, писарам, ман ин ҷавонро ба каси дигар монанд карда истодам. Ин кас чун себи дукафон ба як донишҷӯи собиқи мо монанд аст. Ман рохбари курси онҳо будам, ба-

рои хамин насабашонро пурсидам, ки мумкин писари ҳамон шогирди мо бошад. Номаш Шамшод буд.

Рангу рӯи Хуршед дока барин канд:

–Не, муаллимаҷон, он кас падари ман нестанд,– гуфт.

Муаллима бори дигар ҳуҷҷатҳоро аз назар гузаронд ва ба Хуршед рӯ овард:

–Писарам, шумо як имтиҳон месупоред, агар баҳои панҷ гирифтед, дигар имтиҳонҳоро намесупоред. Ба шумо муваффақият, тайёр шуда рӯзи имтиҳон биёед,– гуфт.

Хуршед хурсанд шуда назди модаркалон омад ва шодиёна гирифт, ки «ҳуҷҷатҳоямро қабул карданд,» аммо як гӯшаи дилаш хиҷил буд ва кампири Сайрам зуд инро ҳис кард. Охир, аз рӯзи ба дунё омадани Хуршед ӯ бо модаркалон аст ва кампир наметавонист ин тағйироти рӯҳияи фарзандашро набинад.

–Чӣ шуд, писарам, бояд хурсандӣ кунӣ, мебинам, ки чизе туро ташвиш дода истодааст?

Хуршед ба модаркалон гуфтугӯи дар комиссияи қабул шударо нақл кард.

– Ҳеҷ гап не, писарам, акнун ту ба падарат наздик омадаӣ, мумкин вохӯред ҳам, ба ҳамаш тайёр шудан даркор.

Хуршед модаркалонашро ба автобуси Душанбе–Фархор савор карду худаш бо Толиб дар шаҳр монд. Кампири Сайрам дар вақти гусел ашки чашмонашро тоза карда, ба Толиб гуфт:

–Толибҷон, Хуршедро ба тую туро ба Худо супоридам. Илоҳӣ барака ёбӣ. Дар ҳамин рӯз дасти Хуршедро гирифтӣ, Худованд дастгир ва мададгори ту бошад.

Толиб аз китобхона ба Хуршед китобҳои бисёре оварда, маслиҳат дод:

–Додаракам, ба имтиҳонҳо ҷиддӣ тайёрӣ бин. Тамошои шаҳр, кино, консерт ва дигар корҳо баъд ҳам мешавад. Имрӯз вазифаи ту хондан асту хондан.

Хуршед имтиҳони аввалро бо баҳои аъло супорида

донишҷӯ шуд. Хурсанд буд. Дар курта намеғунҷид. Ӯ бо Толиб хайрухуш карду ба зодгоҳаш Фархор раҳсипор шуд.

Автобуси Душанбе–Фархор ба теппаи Ӯртабуз расида буд, ки Хуршед аз ронанда хоҳиш кард, то мошинро боздорад. Ронанда ҳайрон дар болои теппа мошинро нигоҳ дошт.

–Раҳмат, акаҷон, ман он тарафашро пиёда меравам,– гуфта назди мазори модар рафт. Хуршед болои кабри модар ояте хонду муноҷот кард:

–Модарҷони азизам, рӯҳи ту маро мададгор буд. Ана, ман донишҷӯ шудам. Ба рӯҳи ту қасам мехӯрам, ман бо кору бор ва рафтори намунавиам номбардори ту мешавам. Ту гуноҳе надоштӣ. Дӯст доштан гуноҳ нест. Гунаҳгор дигар кас аст, ки муҳаббати туро пеши по зад, ба қадри дӯстдориҳои ту нарасид ва фиребат дод. Ман қасоси туро мегирам,– гуфту бори дигар ба мазори модар нигариста роҳи хонаи модаркалонро пеш гирифт.

Хуршед ба ҳавлӣ даромада зуд ба болои суфа нигоҳ кард, чунки он ҷои дӯстдоштаи модаркалон буд, аммо бибиашро надида, хавотир шуд. Давида ба хонаи хоб даромад.

Кампири Сайрам дар гармии тобистон ба болояш кӯрпа пӯшонда, хоб буд. Хуршед ба модаркалонаш наздик шуду оҳиста сулфа кард. Кампири Сайрам ба сӯи дар нигоҳ кард.

–Писарам, ҷону ҷигарам, омадӣ?– гуфту, оби дида карда базӯр дар ҷойхобаш нишаст.

Хуршед аз муваффақиятҳои ба даст овардааш нақл кард.

–Ана, акнун мурам ҳам, дигар ормон надорам, чунки бовар ҳосил кардам, ки ту дар ҷамъият ҷои худро меёбӣ ва хор намешавӣ.

Хуршед аз пеши модаркалон баромада, бо ҳамсинфаш Тоҳир вохӯрд ва аз Нишона пурсон шуд. Нишона низ имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорида донишҷӯи коллеҷи тиб шудааст, Онҳо ҳарду ба хонаи Нишонаино наздик шуда, аз бачаи ҳамсоя хоҳиш карданд, ки Нишонаро ба берун даъват кунад.

Нишона давида ба берун баромад. Баъди ду моҳи ҷудоиҳо Нишона он духтари мактабхон набуд, хело ҷиддӣ ва шармгинона бо ҳамсинфон салом кард ва Хуршедро табрик гуфт. Тоҳир кореро баҳона карда, онҳоро танҳо гузошт. Ҳарду хомӯш буданд. Дар ҳамин ҳолат модари Нишона аз хонаи ҳамсоя, ки дар он ҷо маърака буд, бо ду зани дигар баромада ба онҳо рӯ ба рӯ шуданд.:

–Ассалом, холаҷон!– гӯён Хуршед боодобона салом дод.

Зани ҳамсоя ба модари Нишона, Хуршедро ишоракунон гуфт :

–Дугонаҷон,эҳтиёт бош, духтарат миёнаи роҳ нашавад, ин бача бисёр ҳиммат кунад, чун падараш мешудагист– ва аз назди онҳо гузашта рафт. Баъди шунидани ин сухан Нишона «хайр» нагуфта, давида ба хонаашон даромад. Хуршед дар миёнаи кӯча лолу ҳайрон монд. Боз аз пушти ҳамон падар, падаре, ки писар аз дасти ӯ як пиёла об нанӯшидааст, гап мешунавад, лат мехӯрад…

–Ба ҳамааш тоқат кардам, аммо намегузорам, ки барои ӯ шуда Нишонаро аз даст диҳам, –гуён Хуршед ба сӯи хонаи модаркалон равон шуд.

Хуршед ба ҳавлии модаркалон даромада дид, ки бибиаш дар ҷои дӯстдоштааш болои суфа нишаста, ба наберагон чизеро бо завқ нақл мекунад. Ӯ ба суфа наздик шуд. Кампири Сайрам ба Хуршед нигоҳ карда фаҳмид, ки ҳодисае рух додааст.

Хуршед сир надод, медонист, ки агар ҳодисаи рухдодаро нақл кунад, модаркалон ғамгин мешавад ва бемориаш боз хуруҷ мекунад…

Рӯзҳо мегузаштанд. Ҳаёт пеш мерафт. Хуршед чун донишҷӯи пешқадам таҳсилашро давом медод. Ба Нишона мактуб навишта рози дил баён кард:

«Нишонаҷони азизам, ман туро дӯст медорам. Агар муҳаббати маро қабул кунӣ, кӯшиш мекунам, ки хушбахттарин зани дунё кунамат. Мехоҳам баъди хатми коллеҷи

тиб ба донишкадаи олӣ дохил шавӣ ва ҳарду мактаби олиро хатм карда, ҳамхона шавем. Орзуи онро дорам, ки фарзандони ман ҳеҷ гоҳ он азобу уқубатеро, ки ман кашидам, набинанд.

Бо эҳтиром, оне, ки туро дӯст медорад, парастиш мекунад ва самимияти бендоза дорад, Хуршед»

Баъди муддате аз Нишона мактуб гирифт:

«Хуршедҷон, ман бо баҳои аъло хонда истодаам ва ба фикри ту розӣ ҳастам, мехоҳам ба донишкадаи олии тиб рафта хонданамро давом диҳам. Ман низ бо орзуи дидани ту рӯзҳоро паси сар мекунам. Бовар дорам, падару модарам дили маро мефаҳманд ва ба муҳаббати мо монеъ намешаванд. То дидан. Нишонаи ту».

Беморӣи кампири Сайрам хуруҷ кард. Хуршед ӯро ба беморхонаи Қарияи Боло, назди писари ҳамсоя – Толиб, ки номзади илм шуда буд, барои муолиҷа овард. Ӯро бистарӣ карданд. Хуршед ҳар рӯз ҳам пагоҳӣ ва ҳам бегоҳ аз модаркалон хабар мегирифт. Саломатии кампири Сайрам беҳ шуд. Рӯзе бегоҳӣ Хуршед ба аёдати модаркалон омада, ӯро дар ҳавлии беморхона дид,ки бо марде нишаста сӯҳбат мекарданд. Хуршед ба онҳо наздик омад:

–Бибиҷон, шодам, ки шуморо сиҳату саломат мебинам, гӯён бо онҳо саломуалайк кард. Аз дидани Хуршед модаркалон каме даступохӯрда шуд:

–Ин кас набераи ман – Хурше, писари Гулноз, –гуфт. Ҳамсӯҳбати модаркалон ба асо такя карда базӯр аз ҷой бархост:

–Асаллом, писарам,–гуфт. Ҳарду хомӯш буданд. Хуршед ба онҳо нигоҳ карда, чизеро намефаҳмид.

Ҷилави сӯҳбатро модаркалон ба даст гирифт:

–Хуршедҷон, писарам, назди мо бишин.

Хуршед ҳайрон назди модаркалон нишаст

–Шинос шав, ин кас – падари ту Шамшод. Сахт бемор аст. Тақдирро бин, ки моро дар куҷо сарҷамъ кард.

Тамоми бадани Хуршед аз қаҳру ғазаб меларзид. Шамшод ҳамаи қувваашро ҷамъ карда, узр хост. Узри бадтар аз гуноҳ.

Аз рӯи нақлаш, Шамшод баъди хонадор шуданаш соҳиби чор фарзанд мешавад, аммо кӯдакон яксола шуда, нобуд мешуданд. Аз он зан ҷудо шуда, зани дигар мегирад. Боз соҳиби ду фарзанд мешавад, онҳо низ дар хурдсолӣ аз олам мегузаранд. Шамшод ба бемории фалаҷ гирифтор мешавад. занаш ӯро тарк карда, дигар шавҳар мекунад.

– Маро оҳи дили модари ту гирифт. Маро Худо нишон дод. Агар тавонед, маро бубахшед,– гуфта марди баркамол чун кӯдак гирист.

Хуршед ин вохӯриро бо тарзи дигар тасаввур мекард ва тайёр буд, ки агар бо падар вохӯрад, чи суханҳои сахте ба ӯ мегӯяд, аммо ҳоло аҳволи ӯро дида «Худо ҷазояшро дода будааст», гуфта дилаш ба ин марде, ки як умр нафрат дошт, сӯхт…

Солҳо сипарӣ мешуд. Нишона баъди хатми омӯзишгоҳ ба донишкадаи олии тиб дохил шуд. Хуршед низ донишкадаи олиро тамом карда, дар яке аз идорахои сохтмонии азими шаҳр ба кор даромад.

Кампири Сайрам ба хонаи Нишонаино ба хостгорӣ рафт ва падару модари Нишона ризоят доданд.

Тӯй дар ноҳияи Фархор барпо гашт. Онҳо иморати бахташонро аз хишти ишқу муҳаббату сабру тамкин бунёд карданд ва баъди туй Хуршед арӯси худро ба шаҳри Душанбе, ба хонае, ки иҷора гирифта буд, бурд. Ҷавонон хаёти оилавии ширине оғоз карданд. Баъди муддате ба Хуршед аз ҷои кор, аз он хонаҳое, ки худ сохта буд, хонаи сеҳуҷрагие доданд. Дар хонаашон тифлаки зебояке таваллуд шуд, ки ба хотири модар ба ӯ Гулноз ном ниҳоданд.

Тобистон Хуршед бо аҳли оилааш ба зодгоҳи азизаш Фархор сафар карда, ба қабри модар санги ёдбуд гузошт. Дар вақти бозгаштан Хуршед ба модаркалон:

–Бибиҷон, мо дар шаҳр ҳама шароитҳоро дорем, ана ба ман хона ҳам доданд. Ману Нишона хоҳиш дорем, ки шуморо ба шаҳр барем ва бо мо якҷоя зиндагӣ кунед. Дар пирӣ хизмати шуморо ба ҷо орем.

–Писарҷони азизам, садҳо бор шукр мегӯям, ки ба ин рӯз расидам. Аз хурсандии ту ман шод ҳастам. Ман аз Фархор рафта наметавонам, чунки Гулнози ман ин ҷо хок шудааст, як пои ман ҳам ба лаби гӯр расидааст, аммо аз ту як илтимос дорам:

Падарат Шамшод бисёр хору зор аст, ӯро ба хонаи худ бибар, ақаллан дар пирӣ одам барин зиндагонӣ кунад. Писарам, бузургии одам ҳам дар он аст, ки гуноҳи дигаронро бахшида тавонад, бо ҳама он бевафоӣ, хиёнат ва ноодамиаш ӯ падари ту аст. Як мақоли халқии бисёр дағал ҳаст: «Падару модар хук шаванд, хукбонӣ кун». Агар шароити ӯ хуб мешуд, ман аз ту инро илтимос намекардам.

Хуршед ба суханони бибӣ гӯш дода чизе нагуфт. Пагоҳии рӯзи дигар онҳо ба Душанбе омаданд.

Як ҳафта Хуршед на дар хона ором дошту на дар ҷои кор. Мурғи посӯхта барин дар як ҷой истода наметавонист. Як кунҷи дилаш торику ойинаи хотираш ғубор дошт. Ҳамаи инро Нишонаи меҳрубонаш медид:

–Хуршедҷон, ман медонам, ки баъди баргаштан аз Фархор ту парешонхотирӣ, суханони модаркалон азобат медиҳад. Биё, якҷоя падарро гирифта ба хона биёрем, охир ӯ бемор аст, ман табибам, ба ӯ ёрӣ мерасонам.

Хуршед бо чолокие аз ҷой бархоста:

–Нишонаҷони азизам, аввал ба мағоза рафта, ба падар сару либоси нав мехарем, баъд ба наздаш меравем,– гуфту ҳарду шитобон аз хона баромаданд.

# НЕКНОМ

## Ёде аз дӯсти ҷавонмард ва ҷавонмаргам Файзалӣ Ҳакимов

*Ноларо ҳарчанд мехоҳам, ки пинҳон даркашам,*
*Сина мегӯяд, ки ман танг омадам, фарёд кун!*

Аввали моҳи декабри соли 1982. Ҳаво сард ва сершамол бошад ҳам, як ҳафта боз борону барф намеборид. Соатҳои даҳи рӯз ман ба ҳайси роҳбари ҷавонони ноҳия, барои дидани вазъи кори кумитаи комсомолии совхози «Ҳисор» ба роҳ баромада, дар канори роҳ ҷавононеро дидам, ки бо вуҷуди сардии ҳаво бо ғайрати зиёд сангу шағалу семент шӯрида пойдевори биноеро мерехтанд. Аз ронанда хоҳиш кардам, ки мошинро боздорад. Аз мошин пиёда шуда назди ҷавонон рафтам:

– Монда набошед, барори кор! – гуфтам.

Ҷавонон лаҳзае аз кор сар бардошта маро шинохтанд ва яке аз онҳо

– Раҳмат, муаллимаҷон, афсӯс, ки дастҳоямон пури чангу хок аст, набошад дастакӣ вохӯрӣ мекардем – гӯён ҳазл кард. Аз байни онҳо ҷавони коматбаланде наздам омада:

– Дастҳоям гардолуд ҳам бошанд, ман бояд бо муаллима вохӯрӣ кунам,–гуфт.

Ман ӯро аз талаффузи суханҳои аввалаш шинохтам. Мо ҳарду гарму ҷӯшон вохӯрӣ кардем. Аз самимияти мо коргарон ҳайрон шуда ба мо менигаристанд. Ӯ Файзалӣ Ҳакимов–дӯсти азизам буд.

Ман ӯро саволборон кардам:

–Чи ҳол дорӣ, барои чӣ туро дар байни коргарони қаторӣ мебинам? Охир ту диплом дорӣ…

Файзалӣ табассуми зебое кард, ки ин табассум махз ба ӯ хос буд ва гуфт:

– Дар маърака одам дорем. Дӯсти аз ҳама азизу меҳрубонам котиби кумитаи комсомолии ноҳия бошаду ман бо дипломи инжинерӣ бекор гардам, ба ҳаминаш ҳам шукр мегӯям. Ман дар ин ҷо танҳо нестам, мо се нафар дипломдор коргари қаторием, ана он ҷавони хароби қадбаландро, ки мебинӣ рафиқи ман аст, номаш Ҳамроҳқул Самиев.

Хӯшбахтона, мо дар кумитаи комсомолии ноҳия як ҷои холишуда доштем ва ман аз Файзалӣ пурсидам:

–Мехоҳӣ дар кумитаи комсомолии ноҳия кор кунӣ?

Файзалӣ ду дасташро сӯи ман дароз карда гуфт:

– Ин обилаҳои дастамро мебинӣ, маро аз ин обилаҳо халос кунӣ дигар чӣ ҳам мегуфтам, лекин ба фикрам, дар кумитаи комсомол ба кор даромадан кори осон набудагист?

– Охир ту дар маърака одам дорӣ –ку. Пагоҳ баъди кор наздам биё– гуфта бо ӯ хайрухуш кардам.

Роҳи совхози «Ҳисор»–ро пеш гирифтам. Раҳорах дар бораи Файзалӣ фикр кардам.

Ману Файзалӣ дар як мактаб мехондем. Ман аз ӯ як сол калон будам. Дар ҳама олимпиадаҳои мактабӣ, вилоятӣ якҷоя иштирок мекардем. Дар мусобиқаҳои спортӣ низ пешсаф будем. Якҷоя рӯзномаи деворӣи мактаб «Ҷавонӣ»–ро мебаровардем. Дар ҳама чорабиниҳои мактаб фаъолона иштирок мекардем. Фақат дар чидани пахта ӯ аз ман фаъолтар буд. Устоди азизамон директори мактаб шодравон Гадоӣ Одинаев таъкид мекард, ки хонандае, ки аълохон аст, дар ҷамъоварии пахта низ пешкадам бояд бошад.

Барои он ки маро дар ҷамъбасти пахтачинӣ танбал нагӯянд, Файзалӣ ҳар рӯз барои ман якхалтагӣ илова пахта мечид. Баъди хатми мактаби миёна ҳар кадом аз пайи орзуҳои худ шудем ва, инак, боз бо Файзалӣ вохӯрдам, чун медонистам, ки босавод ва серғайрат аст, мехостам ба ӯ ёрӣ расонам.

Баъди аз совхози «Ҳисор» баргаштан ба фикр фурӯ раф-

там. Чӣ бояд кард?

Пеш аз он ки мутахассисро ба кор мегирифтем, албатта, бояд аз кумитаи ҳизби коммунистии ноҳия иҷозат мепурсидем. Ҷуръат карда, назди мудири шӯъбаи ташкилии кумитаи ҳизбии ноҳия даромадам ва фикрамро баён кардам. Мудир бо диққат маро гӯш кард ва гуфт:

– Меомӯзем, месанҷем, баъд хулосабарорӣ мекунем.

Ҳамин тавр, баъди чанде мо ҳамкор шудем. Файзалӣ бисёр шахси боандеша буд ва то охири умр дар ҳар вохӯриамон сипосгузории худро баён мекард, ки маҳз бо шарофати шумо ман роҳамро дар зиндагӣ ёфтам.

Ҳамкорӣ бо Файзалӣ аҷибу шавқовар буд.Ӯ ҷавони серғайрату чолок буду тоқати дар як ҷо нишастан надошт. Фориғ аз кор бо ҷавонон командаи футбол ташкил карда бозӣ мекард. Дар хоҷагидорӣ ба падараш бисёр ёрӣ мерасонд.

Рӯзе ӯ ба кор дер омад ва ба саволҳои чаро дер кардӣ, чаро аз хоб барвақт намехезӣ чунин посух дод:

–Шукр гӯед, ки маро ба милисахона набурданд, вагарна обрӯи коркуни комсомол ду танга мешуд.

Ӯ ҳодисаро чунин шарҳ дод:

–Пагоҳӣ, соати 5 –и саҳар падарам маро аз хоб бедор карда гуфт, ки то кор рафтанат барои кирмакҳои пилла бояд барги тут биёрӣ.

Падари Файзали, ки ҳама ӯро бо эҳтиром муаллими Сайф мегуфтанд, баъди ба нафақа баромадан дар совхози «Ҳисор» мудири хоҷагӣ кор мекард ва мувофиқи қоида ҳар як коркуни совхоз бояд дар мавсими кирмакпарварӣ пешдастӣ нишон медод. Оилаи онҳо, ки дар маркази шарҳак зиндагӣ мекарданд, аз камбудиҳои барги тут азият мекашиданд. Падари Файзалӣ бо як коркуни совхоз, ки дар ҳавлиаш тути калон дошт, маслиҳат карда иҷозат гирифта буд, ки дар вақти лозима аз баргҳои тути онҳо истифода барад ва ин пагоҳӣ Файзалиро ба он ҷо фиристодааст.

Файзалӣ, ки ҷавони зардина буд, бо либосҳои варзишӣ дар сар кулоҳи калон ва дар даст табар, пагоҳӣ ба хонаи он шахс ҳозир шуда, мехоҳад ба ҳавлӣ дарояд, аммо азбаски дарвозаро занҷирбанд мебинад, каме фикр карда аз болои девор ҷаҳида ба ҳавлӣ медарояд. Дар ҳамин вақт соҳиби хона хоболуд аз хона баромада ҷавони ношиносро бо аслиҳа дида доду фиғон мебардорад ва ҳамаро ба ёрӣ ҷеғ мезанад:

–Ёрӣ диҳед, ин уруси пиёниска маро куштанӣ омадааст– гуфта дод мезанад. (Он солҳо дар совхози «Ҳисор» русҳо ва дигар миллатҳо зиёд зиндагонӣ мекарданд).

Аз доду фиғони зан шавҳараш аз хоб бедор мешавад, ҳамсояҳо ҷамъ мешаванд. Файзалӣ бо як азоб мақсадашро ба онҳо фаҳмонда ҷонашро халос мекунад.

Ӯ, ки ҷавони шӯх буд, қариб ҳар рӯз ягон хабари хандаовар оварда табъи кормандонро шод мекард.

Дар он солҳои шӯравӣ қариб ҳар ҳафта барои санҷиши кори комсомол гоҳ аз вилоят, гоҳ аз ҷумҳурӣ ва гоҳ аз Маскав санҷишгарон омада ташвиши кормандонро зиёд мекарданд. Дар солҳои роҳбари ҷавонон будан ман фарзанддор шуда, ҳангоми омадани меҳмонҳои Маскав дар рухсатӣ, бо варақаи корношоямӣ дар табобат будам.

Рӯзе кормандон як аробачаи зебое харида, дарунашро пур аз зоча кардаанду ба хона маро хабаргирӣ омаданд. Пеш – пеши ҳама Файзалӣ аробача дар даст ба ҳавлӣ даромад.

–Муаллимаҷон, латифаи навро шунидан мехоҳед? – пурсид баъди саломуалейк.

–Аввал ба хона дароед, латифа намегурезад–гӯён онҳоро ба хона таклиф кардам. Он солҳо ҳамроҳи хусуру хушдоман зиндагӣ мекардем ва онҳо ба ҳавлӣ баромада мехмононро пешвоз мегирифтанд, боз ягон шӯхии ноҷо накунад, гуфта Файзалиро намондам, ки дар ҳавлӣ латифаашро гӯяд. Баъди меҳмонҳоро шинондан ба ӯ рӯ оварда гуфтам:

–Ана, акнун мо ҳушу гӯш шуда латифаи туро мешунавем.

Файзалӣ тарафи ҳамкори дигарамон, ки мудири шӯъбаи

ташкилӣ–роҳбари Файзали буд рӯ оварда гуфт:

–Устод Маҳмудов, агар шумо хафа нашавед, ҳамон сӯҳбати дирӯз кардаамонро ба муаллима нақл кунам.

Маҳмудов баланд хандида гуфт:

– Агар кор дар комсомол ба дилат зада бошад, нақл кун. Ман ғалатӣ будани қиссаро пай бурда гуфтам:

–Файзалӣ, ман ҳамчун роҳбар ба ту фармон медиҳам: нақл кун!

Маҳмудов, ки худаш хеле ҷавони бофарҳанг ва шӯх буд, розӣ шуд:

– Майлаш, нақл кун, – гуфта боз қоҳ–коҳ хандид.

Қисса ин тавр будааст: кормандони кумита аз меҳмонҳои санҷишгар ба дод омада, дар утоқи кории мудири шӯъба Маҳмудов ҷамъ омада, масъалаи мехмонҳоро ба куҷо бурда, чиро нишон доданро муҳокима кардаанд, то ки онҳо дар маълумотномаи навиштаашон кори кумитаро танқид накунанд. Маҳмудов ба Файзалӣ рӯ оварда гуфтааст:

–Файзалӣ, кайф–кайфи муаллима, ки бо баҳонаи бачазоӣ ба рухсатӣ мебарояд. Ана ҳоло ҳам парвои санҷишгарон надорад, беташвиш дар хона бо тифлакаш бозӣ карда хоб. Аммо мо, дар азоб. Кошки ман хам занак мешудаму чун муаллима ба декрет мебаромадам. Ва боз баъди фосилае илова кардааст:

–Файзалӣ, ман он қадар тақдир надорам, агар занак ҳам мебудам, дар ин ҳолат қисир мемондам.

Накли Файзалӣ ба охир нарасида, садои гӯшкаркунандаи ханда хонаро пур кард.

Бо ташаббуси Файзалӣ мо кормандони кумита зуд–зуд ҳар чизро баҳона карда, дар хонаи якдигар маърака ороста, нишастхо ташкил мекардем. Ман, ки кӯдаки хурд доштам, гоҳо онхоро баҳона карда аз рафтан ба маърака худдорӣ мекардам. Файзалӣ дар чунин ҳолатҳо пеш аз ман ба боғча рафта писарам–Манучеҳрро гирифта, ба корхона меомад ва мегуфт:

–Муаллимаҷон, дигар баҳона нест,–гуфта аз дасти

Манучеҳри хурдакак гирифта, роҳи он нишастгоҳро пеш мегирифт.

Ӯ базморо буд. Дар нишастҳоямон кӯшиш мекард суруди наве хонда табъи ҳозиронро болида гардонад. Дилсӯз ҳам буд. Мехост ба ҳама ёрӣ расонад. Мабодо аз ҳамкорон нафаре бемор шавад, албатта хабар гирифта, ёриашро дареғ намедошт.

Ёд дорам. Соли 1984 бемору дар яке аз беморхонаҳои Душанбе бистарӣ шудам. Қариб ҳар бегоҳ кормандони кумита дусад киллометр роҳро тай карда меомаданд аз Фархор ва боз шабона бармегаштанд. Медонистам, ки ташкилотчии асосии ин кор Файзалӣ буд.

Ҳамон сол маро ба кумитаи Ҳизби Коммунисти нохия ба кор гирифтанд. Ӯ дар комсомол як соли дигар кор кард ва соли 1985 сардори шабакаи алоқаи нохияи Фархор таъйин шуд. Солҳои ҷонишини раиси нохия кор карданам ҳам мо ҳама вақт аз аҳволи якдигар хабар гирифта меистодем.

Файзалӣ дар умри кӯтоҳаш парвозҳои баланде кард. Аз соли 1993 намояндаи тиҷоратии Тоҷикистон дар Туркия ва аз соли 1995 ҳамин вазифаро дар Ҷумҳурии Федероли Олмон адо намуд. Дар куҷое, ки бошад, ҳеҷ гоҳ дӯстонро фаромӯш намекард. Ҳар гоҳе ки ба Фархор меомад, албатта, моро хабар мегирифт мо ба Душанбе ки меомадем, ӯро нодида намерафтем.

Файзалӣ ҷаҳондида буд. Баъди ҳар сафараш, ки ба давлатхои Кореяи Шимолӣ, Хитой, Полша, Булғория, Руминия, Афгонистон, Исроил, Кипр, Олмон, Фаронса, Туркия, Ҳиндустон ва ғайра карда буд, соатхо бо шавқу завки баланд нақлкунон мегуфт:

– Халқи мо аз он халкхо ягон камие надорад, ки зиндагии чун онхо надошта бошем. Факат мо маданияти рӯзгордориро намедонем. Исрофкорем. Дар гаҳворабандону тӯқузбинону келинбиёрону домодталбон барин анъанаҳои суннатиамон харҷҳои беҳудаву зиёд мекунем.

Боре Файзалӣ як хотираашро аз Туркия нақл кард, ки бо

яке аз сарватмантарин тоҷирони он ҷо шинос шуда, ба ӯ занг задааст, ки қабулаш кунад. Тоҷир розӣ шуда гуфтааст, ки баъди ним соат. Файзалӣ ба утоқи кории ӯ расида, мепурсад Ёвар иҷозати даромадан мепурсад.Ёвар мегӯяд:

–Тоҷир бо хамрохии падараш, ду бародараш ва амакаш як масъалаи оилавии вазнинеро хал карда истодаанд, мунтазир шавед.

Баъди чанде тоҷир фориғ мешавад ва Файзалӣ ба назди ӯ медарояд. Ӯ Файзалиро хеле хуш мепазирад, узр мехоҳад, ки дар вақти муайяншуда ӯро қабул карда натавонист

Маълум мешавад, ки писари он тоҷир ба синфи як мерафтааст ва онхо – падар, бобо, амакхо якчоя нишаста, масъалаи барои кӯдаки мактабрав аз кадом ширкат харидани пойафзолро муҳокима карда будаанд. Аз кадом ширкат пояфзол биёбанд,ки ҳам арзонтару ҳам босифату бадошт бошад.

–Дидед, муаллима, туркҳо бо хамон кадар дорои барои харидани хурдтарин чиз чи қадар мухокимаҳо мекунанд, мо чӣ?...

Файзалӣ ба ҷавононе, ки дониши хуб ва ҳаваси хондан доштанд, ёрӣ мерасонд. Ин корро ӯ бо ҳаваси зиёд мекард ва мегуфт:

– Ин ҷавонон ояндаи моанд. Дар оянда заводу фабрикаи ман мутахассис намекобад, имрӯз ман фикри ояндаро кардаам.

Рӯзе аз кор якрӯза чавоб гирифта барои ҳуҷҷатхои писарам Манучеҳрро ба донишкадаи олӣ супоридан ба Душанбе омадам. Ба Файзалӣ телефон карда сабаби омаданамро гуфтам ва узрхоҳӣ кардам, ки ӯро хабар гирифта наметавонам, вақтам хеле танг аст.

Ӯ пурсид, ки мо дар куҷоем ва баъди бист дақиқа дар назди мо – назди Донишгохи тиҷорати Тоҷикистон ҳозир шуд. Гарму ҷӯшон вохӯрӣ кардем :

–Чаро ташвиш кашида омадӣ, охир ту серкор ҳастӣ маро

низ вақтам танг аст–гуфтам.

Ӯ Манучеҳрро ба оғӯш кашида аз замин каме боло бардошта ба замин гузошту даврони корамон дар созмони ҷавононро ба ёд овард:

– Братани ман ин кадар йигити хушрӯ шудааст, бин ки мӯйлаб ҳам баровардааст, аз хама асосиаш, номаи камол гирифтааст. Магар ман метавонистам ӯро дар чунин рӯз табрик накунам? Муаллимаҷон, медонам, ки вақти шумо доим танг, агар як соат дертар ба Фархор равед, осмон ба замин намечаспад. Шумо имрӯз меҳмони ман. Шумо–не, балки Манучеҳр меҳмони ман–гуфта моро кашолакунон ба мошинаш шинонд ва ба ронанда амр кард, ки аз қафои мошини ӯ равон шавад. Раҳораҳ ба Манучеҳр нигох карда гуфт:

– Муаллимаҷон, кай Шӯҳрати ман номаи камол мегирифта бошад. Ин рӯзро ман бетоқатона интизорам. Агар ба он рӯз расам, барои Шӯхратам туй медиҳам, – гуфта хандид ва нигоҳаш ба дурихои дур дӯхта шуд.

Моро ба тарабхонае бурда зиёфат дод ва бо Манучеҳр хамсӯҳбат шуд:

– Канд зан, Манучеҳр, фикри хуб кардӣ ки ҳуҷҷатҳоятро ба Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон супоридӣ, мо тоҷирем, аммо мутахассис не, шумо бошед, нозукиҳои тиҷоратро дар донишкада хуб омӯхта, тоҷири хаққонӣ мешавед,–гуфт ва ба ман рӯ оварда пурсид:

–Ҳаққи шартнома чанд будааст?

Ман чавоб додам.

Ӯ боз ба Манучехр рӯ овард:

–Братан, ман ҳозир аз ту имтиҳон мегирам, агар ба бист саволи ман ҷавоби дуруст диҳӣ, ту тасаввур кун, ки донишҷӯӣ. Муаллима саволҳоро хисоб мекунад.

Онҳо ба саволу чавоб сар карданду ман саволҳоро ҳисоб кардан гирифтам. Баъди ба бисту панҷ савол ҷавоби дуруст гирифтанаш аз ҷо бархоста Манучеҳрро табрик кард ва гуфт:

– Муаллимаҷон, дар бораи суми шартнома фикр наку-

нед, Манучеҳр он маблағро бо ҷавобҳояш ҳалол кард.

Баъди ду рӯз ба ҷои корам телефон кард, ки маблаги ду–солаи шартномаро ба донишкада гузаронидааст. Ин саховатпешагии ӯ на фақат ба писари ман буд, ҳар ҷавонеро медид, ки ҳаваси хондан дораду дасткӯтоҳ аст, албатта ёрӣ мерасонд. Даҳҳо ҷавонон бо ёрии ӯ соҳиби касбу кор ва маълумот шудаанд.

Вакте ки ман дар заводи пахтатозакунии ноҳияи Фархор раиси иттифоки касаба будам, аз Файзалӣ хоҳиш кардам:

–Файзалиҷон, агар ёрӣ мекардӣ, ки ман ҳамчун раиси иттифоқи касаба коргарони одиро аз завод ба ягон шаҳри хориҷи кишвар тамошо мебурдам, кори савобе мешуд.

Ӯ дарҳол розӣ шуд ва гуфт:

– Ба ман ду ҳафта мӯҳлат диҳед, ин хохиши шуморо иҷро мекунам. Шумо ҳам тайёрӣ бинед ва кӯшиш кунед, ки аз ҳисоби кормандони қатории пешқадам гурӯҳро ташкил намоед.

Ҳамин тавр, бо ёрии Файзалӣ ман 22 нафар коркуни заводи пахтаи Фархорро ба кишвари Туркия тамошо бурдам. Ӯ низ бо мо ҳамсафар шуд. Ман роҳбалади шумоям, гуфта шухӣ мекард.

Дар ҳама кор шитоб дошт, гӯё аз кӯтоҳии умраш огоҳ бошад.

Вохӯрии охиринамонро ҳеҷ фаромӯш намекунам. Байни корҳои идора ба Душанбе омада, баъд аз иҷро шудани корҳоям ба Файзалӣ занг задам. Дар ҷои кораш набуд, ба ман гуфтанд, ки каме нотоб аст. Ман ба хонаи ӯ рафтам. Файзалӣ бо табибе сӯҳбат мекард. Аз дидани ман хеле хушҳол шуд.

–Ба ту чӣ шуд, Файзалиҷон? –пурсидам.

–Каме монда шудаам. Духтурон мегӯянд, ки бояд дам гирам. Ана, яктоаш сӯзани бисёрро овардааст, ки пайкарамро бо онхо шикоф кунад–гуфта хандид.

Азбаски ҳаво хеле гарм буд, ба табибаш муроҷиат кард:

–Доктор, ман муаллимаро бисёр пазмон шудаам, мехоҳам бо ӯ сӯҳбате дошта бошам, Шумо дар ҳаммом худро андак салқин карда, мебаромадед, хуб мешуд. – гуфт.

Табиб хам гӯё ин таклифро мунтазир бошад, аз рӯи дастархон ду шишаи оби ҷав гирифта ба ҳаммом даромад.

Бо вуҷуди бемориаш, ӯ аз мақсадҳои ояндааш нақл оғоз кард. Гоҳ аз Туркия, гоҳ аз Олмон, гоҳ аз дигар кишварҳо нақлҳо карда, дар Ватан ҷорӣ кардани таҷрибаҳои пешқадамро орзу мекард. Гоҳе хаёлан дар ятимхона сари бечораеро сила мекарду гоҳ аз қаҳру ғазаб ва беадолатиҳои давру замон меларзид.

Дар давоми сӯҳбат духтарчаи зебояку дусрӯякаш– Раҳима чанд дафъа давон омада болои зонуи падар мебаромад ва боз тозон аз меҳмонхона мебаромад.

–Муаллимаҷон, духтар ин кадар шайтонак мешудааст. Ба нағмахои Раҳима нигоҳ кунед, чӣ қадар ширинак аст.

Аз писараш Шӯҳрат пусон шудам.

– Дар лагер дам гирифта истодааст. Тезтар калон мешуд – гуфту боз ба дурихои дур нигоҳ кард.

Аз бародараш Махмадӣ бо ифтихор каноатмандӣ баён кард:

– Муаллимаҷон, ҳамин Махмадии мо табибиро пеша карда, аз ӯ тоҷири ҷаҳонӣ мебарояд, аз ҳозир якчанд забони дунёро медонад.

Табиб наздамон омада, ба қиёфаи Файзалӣ нигоҳе карду фишори хун, тапиши дилашро муоина намуда гуфт:

– Имрӯз сӯзан намезанем, чунки ҳолат хеле хуб аст маълум мешавад, ки ту ҳамсӯҳбати нағз ёбӣ, сиҳат мешудаӣ. Баъд ба ман рӯ овард:

– Муаллима, хуб мешуд зуд–зуд аз аҳволи дӯстатон хабар гиред, бинед, хотираш чӣ хел болидааст–гуфт.

Марги нобаҳангом хеле барвақт ӯро аз мо дӯстонаш ҷудо кард. Ӯ карданиҳо, гуфтаниҳо ва сохтаниҳои зиёде дошт.

Имрӯзҳо ба осори аз худ гузоштаи дӯстам Файзалӣ нигоҳ карда мегӯям:

– Ҳеҷ гоҳ ӯ аз ёдҳо намеравад.

Охир он 200 нафар шахсе, ки дар фабрикаи ресандагӣ, 300 нафаре, ки дар заводи пахтаи нохияи Фархор ва шахсоне, ки дар фабрикаи мебел «Оро» кор мекунанд, меҳмонҳое, ки дар мехмонхонаи «Каён» иқомат доранд, шабу рӯз дуогӯи ӯянд, ки рӯҳаш шод ва хонаи охираташ обод бошад.

Ба ширкатҳои «Замин–Текстил», «Замин –Иншоот», «Замин–Трейд», «Кафолатбонк» маҳз ӯ асос гузошта буд. Бинои шабакаи алоқаи ноҳияи Фархор, фабрикаи ресандагӣ–риштабарорӣ дар ноҳияи Фархор, меҳмонхонаи «Каён» дар Душанбе ва ғайраву ҳоказо нишона аз ғайрату ҷавонмардӣ ва ҳисси баланди ватандӯстии ӯянд.

Бародарони ӯ– акаи Сафаралӣ, ҳоҷӣ Темур, ҳоҷӣ Эмомалӣ ва ҳоҷӣ Маҳмадӣ дӯстони бародарашон Файзалиро хеле ҳурмат мекунанд ва дар ҳар ҳолат дастгир ва дастёри онҳо мебошанд.

Рӯзе бародари азизам Махмадӣ Ҳакимов дар қатори устодон ва рафиқони хеле наздикаш маро ба тарабхонаи «Ниагара» даъват кард. Ӯ номзади илм шуда буд ва мехост дӯстон хурсандии ӯро бо ҳам бинанд. Баъди табрикот ва таманноҳои зиёд ман иҷозати рафтан хостам. Махмадӣ Шӯҳратҷон–фарзанди дусти шодравонам Файзалиро наздаш хонда, калиди мошинашро дод ва гуфт:

–Шӯҳратчон, муаллимаро бурда то хонааш расон.

–Хуб шудааст.– гуфта Шӯҳратҷон калидро гирифт.

Мошин ба роҳ баромад, ман ки дар қафои ронанда нишаста будам ба оинаи даруни мошин нигоҳ карда, дар он гӯё Файзалиро медидам.

–Муаллима, мана дафтарчаи имтиҳонии ман. Имтиҳонҳоро пеш аз мӯҳлат супорида аз Маскав баргаштам–гуфтани ӯ маро аз хаёл берун овард. Шӯҳратҷон чун себи дукафон ба падараш монанд буд.

– Ҳатто овозат ҳам ба овози падарат монанд,– гуфтам.

– Охир, ман бачаи атам–ку. – гуфт бо хушнудӣ.

Ман шод будам, ки фарзанди дӯсти азизам Файзалӣ давомдиҳандаи корҳои неки падар, амаликунандаи орзую ормонҳову ӯ шудааст.

*Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист*
*К–аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

# РАВШАНГАРИ ДИЛҲО

*(Очерк)*

## 1.Мӯнис

Бо фишори баланди хун маро дар беморхона бистарӣ карданд. Ҳамшираҳои меҳрубон ва духтурони ҳозиқ ҳама кӯшиш мекарданд, ки фишори хунам паст шавад. Се рӯзи аввал маҷоли аз ҷой бархостан ва роҳ гаштан надоштам. Бегоҳии рӯзи якум аз ҳуҷраи ҳамшафат касе бо овози маҳину дилчасп ва хеле форам суруди ғамангезеро замзама мекард. Овоз ба гӯшам бисёр шинос буд, аммо ҳеч наметавонистам сарояндаро ба ёд орам. Фикр кардам, ки овоз аз ягон барномаи телевизионӣ аст, ҳама барномаҳои Тоҷикистонро ҷустам, аммо дар ягон барнома ин суруд шунавонида намешуд.

Рӯзи дуюм бегоҳӣ боз овози форами шинос аз ҳуҷраи хамшафатам шунида шуд.Касе бо овози паст Шашмақом месароид.

Фикр кардам, ки ин суруд мумкин аз телевизор нею аз радио садо дода бошад.

Рӯзи сеюм ҳамшираҳои шафқат – Гулбаҳор ва Мавлудахон болои сарам барои гузаронидани дору омодагӣ доштанд, ки он садои маҳину ширин ва гуворо боз садо дод. Ман беқарор шудам ва аз онҳо пурсидам.

–Сарояндаи ин суруд дар ҳуҷраи ҳамшафати шумо табобат мегирад, гоҳ–гоҳ зери лаб ҳамин хел ширин–ширин замзама мекунад, – гуфтанд онҳо,– Агар хоҳед, мо ӯро ба ҳуҷраи шумо даъват мекунем.

–Бисёр хуб мешуд, – гуфтам.

Баъди андаке дари ҳуҷраи хобам оҳиста кушода шуд.

–Ассалом, хоҳарҷон – гӯён зане вориди ҳуҷра гашт, ки

ӯро дарҳол шинохтам. Бо вуҷуди синну сол, мушкилоти рӯзгор, дарди бисёр вазнин ва доғи фарзанд, ӯ симои зебояшро гум накардааст. Гарчанде дар рӯяш ожангҳо пайдо шуда, қаду қомати зебояш каме хамидааст, чашмони зебояш мисли ҳамон 30–40 сол пеш равшану меҳрбор буданд. Онҳо сеҳре доштанд, ки бо як дидан касро ба худ ҷалб мекарданд. Лабонаш низ пур аз табассум буд, чун давраҳои ҷавониаш.

–Биёед, апаҷон, марҳамат, гузашта шинед, – гуфта, аз ҷой бархостанӣ шудам.

–Наҷунбед, ба шумо мумкин нест, – гуфта рӯ ба рӯям ба курсӣ нишаст.

–Илоҳо ба шумо шифои комил диҳад, – гуфта дуо дод ва ӯ самимона бо мани бемор дергоҳ сӯҳбат кард.

Дар як муддати кӯтоҳ бо якдигар чунон унс гирифтем, ки гӯё солҳои зиёд якдигарро мешинохта бошем.

Самимияти он кас маро водор кард, ки шаммае аз хотиротамро ба ҳаводорони ин бонуи ҳунар тақдим намоям.

## 2. Бӯи Бухоро

Шаҳри бостонии Бухорои Шариф ва навоҳии гирду атрофи он ба олами илму фарҳанг ва тамаддуни форсу тоҷик нобиғаҳои зиёде эҳдо намудааст.

Фарзандони арҷманди ин шаҳри таърихӣ дар давру замонҳои мухталиф дар соҳаи илму адаб ва санъат басо хизматҳо кардаанд.

Яке аз чунин шахсони фидоӣ бонуи зебои ҳунар Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Муслимахон Боқиева мебошад. Ин бонуи ҳунар, устоди санъати тоҷик ба пастиву баландиҳо, комгориву нокомиҳо, афтидану бархостанҳо нигоҳ накарда, ҳунареро, ки дошт, равнақу такмил дод, ва ниҳоят шоистаи ҳурмати атрофиён гашт.

Муслимахон Боқиева соли 1937 дар Бухорои Шариф, дар оилаи ҳунармандон таваллуд шудааст.

Падараш муаллими танбӯрнавозӣ, модараш чевари гулдаст буданд.

Муслимахон дар муҳити адабӣ ба воя мерасид. Дар хонаашон рафиқони падараш ҷамъ омада, танбӯрнавозӣ мекарданд. Муслимаи хурдакак ба навозиш ва сурудхонии онҳо бо ҳавас нигариста, сурудҳои онҳоро кӯдакона зери лаб замзама мекард.

Падари Муслимахон – Солеҳҷон дар мактаби мусиқии шаҳри Бухоро дарси шашмақом мегуфтанд. Вақте, ки дар шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) Комитети радио ташкил шуд, мусиқинавозон хеле кам буданд.

Бо мақсади ҷамъ овардани санъаткорони варзида устод Фазлиддин Шаҳобов ва Бобоқул Файзуллоев ба Бухоро рафта якчанд мусиқинавозонро ба шаҳри Душанбе (Сталинобод) таклиф мекунанд. Дар қатори онҳо падари Муслимахон низ буд. Аввал модари Муслимахон барои ба шаҳри Душанбе рафтани шавҳараш монеъ шуд, чунки дар Бухоро хонаву дар ва шароити хуби зиндагӣ доштанд. Модари Муслимахон нахост он шароити хубро тарк карда ояд. Аммо меҳри санъат, ки дар оилаи онҳо аз тамоми сарватҳо боло меистод, оқибат онҳоро водошт, ки ба Сталинобод кӯч бананд.

Муслимахони хурдакакро гоҳ–гоҳ падараш ба Хонаи радио меовард.

Роҳбари бадеии онвақтаи кумитаи радио Фазлиддин Шаҳобов шавқу ҳаваси зиёди Муслимаро дарк кард, ки ӯояндаи равшан дорад. Рӯзе ӯ ба падари Муслимахон муроҷиат кард:

–Акои Солеҳҷон, чи мешавад, ки духтаратон як суруд хонад?

–Аз худаш пурсед, агар майл дошта бошад, ман ба ӯ ҳамаи нозукиҳои санъатро меомӯзам.

Муслимаи хурдакак каме шарм карда, бо овози ширини кӯдакона суруд хонд, ки ҳама лолу ҳайрон шуданд ва офарин гуфтанд.

Азбаски дар оилаи акои Солеҳ Муслимахон ягона фарзанд буд, падар ӯро ба ҷои ҳам писар ва ҳам духтар медонист.

Рӯзе ба радио дастаи ҷавонзанони рубобнавоз барои сабти суруд омаданд ва роҳбарашон Ходими хизматнишондодаи маданияти ҷумҳурӣ Ҳошим Назаров аз Муслима хоҳиш кард,ки як суруд хонад. Баъди шунидани чунин овози маҳину ширину дилкаш ӯро ба кор даъват кард.

Соли 1957 дар шаҳри Маскав Даҳаи адабиёт ва санъат баргузор шуд, ки Муслима низ дар он иштирок намуд. Баъд аз ин дар Фестивали 5–уми ҷаҳонӣ соҳиби медали биринҷӣ гардид.

Дар фаъолияти кориаш дар ансамбли Бонувони рубобнавоз дар заводу фабрикаҳо, колхозу савхозхо, ташкилоту муасисаҳои ҷумҳуриамон консертҳо намоиш медоданд.

Ба ҷумҳуриҳои бародарии Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Белоруссия, Молдавия, Украина ва Россия рафта, аз он ҷо бо тӯҳфаҳову ифтихорномаҳо бармегаштанд.

Муслимахон ҳамаи муваффақиятҳои бадастовардаашро ба муҳити хонаводагӣ – падару модари ҳунар-мандаш ва ба устодони меҳрубон ва сахтгираш Ҳошим Назаров, Фозил Солиев, Шоҳназар Соҳибов, Шарифҷон Бобокалон, Зиёдулло Шаҳидӣ вобаста медонад.

Дастаи бонувони рубобнавоз на танҳо дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, балки ба хориҷи дур низ сафарҳои ҳунарӣ карда, бо муваффақияту комёбиҳо баргаштааст.

Бо роҳбарии вазири фарҳанги вақт Меҳрубон Назаров ва иштироки Ғафор Валаматзода, Акашариф Ҷӯраев, Тӯҳфахон Фозилова, Рена Ғолибова, Иқболхон Юсупова, Барно Аҳмадова, Зӯҳро Каримова ба Афғонистон сафар карда, бо таассуроти нек баргаштаанд.

Инчунин аз сафарҳои ҳунариашон ба Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Австрия, Исландия низ бо комёбиҳо баргаштаанд.

Дар сӯҳбатҳои хосса Муслима–апа ҳамеша миннатдории худро аз Зафар Нозимов ва Ҷӯрабек Муродов баён менамояд. Баъди ҳар сафари хунарӣ модари Муслимахон духтари яккаву ягона ва ширинашро ба оғӯш кашида, навозишкунон мегуфт:

–Аз ту бӯи Бухоро меояд.

### 3. **Бахти хонаводагӣ**

Муслимахон Боқиева ҳамаи пешравиашро аз хонаи обод, шавҳари меҳрубон ва фарзандони азизаш медонад.

Маҳз шавҳараш буд, ки дар ҳама ҳолатҳо ӯро дастгирӣ мекард, дар эҷодиёташ ба ӯ илҳом мебахшид ҳидоятгару маслиҳатгараш буд.

Ӯро аз ҳасудону нотавонбиноне, ки мехостанд пешпояш диҳанд,муҳофизат мекард. Зиндагии хеле ширину ибратбахше доштанд.

Имрӯзҳо Муслима–апа бо меҳру муҳаббат ва самимияти беандоза шавҳарашро ёд мекунад ва дуою фотиҳа мехонад, ки охираташ обод бошад.

Се фарзандаш – Мунавварaи табиб, Искандари – ҳавонавард ва Музаффари муҳандис модари азизу меҳрубонашонро чун гули сари сабад эҳтиёт мекунанд.

Муслима рӯзҳои вазнинро низ аз сар гузаронидааст.

Доғи фарзандро дид. Писараш Музаффар аз сад гул як гулаш нашукуфта ҷавонмарг шуд.

Мегӯянд, ки мурдани падару модар мерос, вале мурдани фарзанд теғи алмос аст.

Ин теғи алмос дили ин зани ҳалиму меҳрубонро рахна кард.

Сабаби ба бемористон афтоданаш, табобати гирифтанаш фишори баланди хун ва дарди дил аст.

## 4. **Зиёрати хонаи Худо**

Қаҳрамони мо такрор ба такрор мегӯяд, ки дар зиндагӣ се кори хуб кардааст.

**Якум,** ҳурмати падару модарро ба ҷо оварда, то нафаси охири онҳо аз хизматашон рӯ натофтааст.

**Дуюм,** фарзандонашро ба роҳи ростӣ ҳидоят намудааст.

**Сеюм** ва аз ҳама муҳимаш, зиёрати хонаи Худо кард.

Солҳо мегузаранд, бисёр чизҳо аз ёдҳо зудуда мегарданд, аммо инсонҳое, ки кори нек кардаанд, аз худ осори гаронбаҳо мерос гузоштаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд.

Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Муслима–апа Боқиева зани фарҳангӣ ҳастанд, барои ғанӣ гардондани маънавиёти ҳалқамон тамоми ҳастии худро бахшидаанд.

Месазад, ки имрӯз гули сари сабади ҳар як маҳфили ҳунарӣ ва фарҳангӣ бошанд, чунки ин гуна шахсон таърихи зиндаи санъат, фарҳанг ва зиндагии имрӯзаи мо ҳастанд.

# ЯК КАФ ДУОИ МОДАР

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

## 1. Оғози рӯзи саид

Модари мушфиқу меҳрубони хонадон Саломатхон дар курсии мулоими сояи ангури байни ҳавлӣ ҷой сохта амонат менишаст. Бо ҳар кушода шудани дарвоза озод аз ҷой бармехост ва меҳмони навбатиро пазирої мекард. Ба нишастухези ин модари бузург аҳамият дода, кас дар ҳайрат мемонд. Охир, ӯ имрӯз 65–сола мешавад, аммо рафтораш ғайрати ҷавонзанеро мемонд.

– Модарҷон, шумо имрӯз мавлуд доред, соҳибҷашнед, нахезед аз ҷой, меҳмонон ҳама фарзандони шумо, онҳо худ наздатон меоянд – гуфтани наздикон гуё ба ӯ таъсир намекард. Ӯ бо ҳар омадани меҳмони навбатӣ, хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, аз ҷой мехест. Одоби модар чунин буд.

*Шохи бемева кашад сар ба қиём,*
*Шохи пурмева шавад хам ба салом.*

Модари бузург шохи пурмеваеро мемонд, ки гӯё мисраъҳои ҳазрати Ҷомӣ маҳз ба ӯ тааллуқ дошта бошанд.

Дар гирди ӯ фарзандону наберагон парвонавор чарх мезананд. Ба меҳрубонии фарзандон нигоҳ карда, ӯ шукргузор буд аз офаридгор, ки чунин бахти баланд насибаш гардондааст.

Фарзандон пайи ҳам ба ҳавлии падар ворид гашта, ба модари азизу меҳрубонашон беҳтарин таманноҳо арз ме-

карданд. Ҳар яке мехост аз дигаре сухани зеботаре, ширинтаре, дилнавозтаре гуфта, модарро шод кунад. Охир ҳама фарзандони ин ҳавлӣ – ин модари бузург соҳибмаълумоту соҳибмаърифатанд.

Модар аз сухандонию маърифати баланди фарзандон шод буд. Гиребонашро дошта, шукр мегуфт, ки чунин фарзандонро ба дунё оварда ва тарбия намудааст.

Саломатхон ба фарзандонаш нигоҳ карда, онҳоро хушбахт дид, ки соҳиби модар ҳастанд. Аммо ӯ симои модарашро дар ёд надорад, дар шашсолагӣ аз модар ятим монд. Дар ин рӯзи фирӯз, ки ҳар як фарзанд дар бораи модар сухан мегуфт, хост симои модарашро ба ёд орад, вале натавонист. Хаёли ӯ ба гузаштаи дур парвоз кард. Чашмонашро пӯшид. Гирдоби андешаҳо ӯро ба коми худ кашида буд…

## 2. **Диёри духтари хушқадам**

Зодгоҳи ӯ – мавзеи хушманзараи Балҷувон дар аҳди пешин низ аз калонтарин ноҳияҳои тоҷикнишин маҳсуб мешуд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ аз ин шаҳодат медиҳанд. Балҷувон дар тӯли ҳазорсолаҳо макони мардуми ориёӣ будааст.

Ба гуфтаи бостоншиноси тоҷик Юсуф Яъқубов, дар асоси бозёфтҳои асри сангин, ки аз бошишгоҳи Кӯлдараи Балҷувон ба даст омадаанд, одамон дар ин сарзамини хушбоду ҳаво қариб як миллион сол пеш зиндагӣ доштаанд. Ҳоло бошишгоҳи Кӯлдара қадимтарин осори асри сангин на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар тамоми қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аст.

Пас аз ташкил ёфтани Ҳукумати Шуравӣ дар ҳудуди пештараи бекигарии Балҷувон ноҳияҳои алоҳида бо марказҳои маъмурии онхо ташкил дода шуда буд. Бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 23–юми ноябри соли 1930 ноҳияхои Балҷувон, Кангурт, Қизилмазор, Ховалинг,

аз 8–уми июли соли 1932 ноҳияи Данғара ва аз 8–уми августи соли 1936 ноҳияи Сари Хосор ташкил дода шуданд.

Дар хусуси пайдоиши этимологии номи Балҷувон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Бархе аз куҳансолони водӣ бар он ақидаанд, ки истилоҳи «Балҷувон» аз решаи «бале» ва «ҷавон» бармеояд. Маъноящ «бале ҷавон» аст. Ин сарзамин ба халқи тоҷик ҷавонони зиёди ҷасуру паҳлавон, ростқавлу қавиирода додааст, ба мисли қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Саидқул Турдиев, Сафар Амиршоев, Исмат Шарифов. Аз ин лиҳоз, мардуми ин сарзаминро «бале, ҷавон!» гуфтаанд. Ин фаҳмиш махсусан дар байни насли калонсол паҳн гардидааст.

(Достӣ Шарифов, Таърихи мухтасари Балҷувон, Кӯлоб,с.32)

Ба ақидаи донишмандон Саидаҳтам Юнусов ва Ҷонибеки Асрориён, Балҷувон шакли вайроншудаи вожаи Балхиён аст. Шояд ҳамин тавр ҳам бошад, зеро бо хатои котиб (бо хати арабӣ) метавонист Балхувон Балҷувон гардад. (С.Юнусӣ, Ҷ. Асрориён, Авроқи рангини Кӯлоб, 1992, с. 68).

Деҳаи Хироб дар ин мавзеъ зеботарин маҳали аҳолинишин буда, дар яке аз дараҳои хушманзара, хушобу ҳавову дилрабо ҷойгир аст.

Осмонаш чун оина шаффоф, хору хасу талу теппаҳо ва камари кӯҳҳои рангорангаш назаррабоянд. Гулу гиёҳҳои хушбӯй ва шохаҳои сабзи дарахтони даруни сангҳоро шикофта баромадаи он насими форам ба машом мерасонанд. Обҳои сарду ширину зулоли чашмаҳои бари роҳ, ки фаввора зада аз қаъри замин мебароянд, ба қавле, мулки дилро обод месозанд. Хонишу чаҳ–чаҳи мурғони хонагӣ ва даштӣ, булбулу кабкҳо ба гӯши шунаванда оҳангҳои форами зиндагӣ мерасонанд.

Гулчанбарҳои болои сари духтарон ҳусни онҳоро даҳчанд меафзоянд.

Асали хушлаззати ин диёр беҳтарин давост. Асрори зиё-

де доранд он кӯҳу теппаҳое, ки ҷовидон хомӯшанд. Ба қавле, деҳаи Хироб биҳишти рӯи замин аст.

*Ватан сар мешавад з–он остоне,*
*Ки бар дунёи равшан по ниҳодем.*
*Ватан сар мешавад з–он пардабоме*
*Ки парвозӣ шудему пар кушодем.*

## 3. **Волидон**

Падари Саломатхон – Ҷӯрахон – писари Қайюм ва Момагул соли 1915 дар деҳаи Чилтории Балҷувон ба дунё омадааст. Тақдири бераҳм дар овони хурдӣ Ҷӯрахон ва хоҳараш Нигорро аз падару модар маҳрум кард. Онҳоро амакашон Карим ба тарбияи худ гирифта ба воя расонд.

Якуми сентябри соли 1928 дар деҳаи Чилторӣ аввалин мактаб, ки иборат аз ду синфхона буд, кушода шуд. Дар 13–солагӣ Ҷӯрахон бо ҳамроҳии рафиқонаш пой ба ин даргоҳ ниҳод. Баъди синфи чор Ҷӯрахон, ки яке аз хонандагони фаъол буд, ба курси кӯтоҳмуддати муаллимтайёркунӣ фиристода шуд.

Ҷӯрахон баъди гузаштани курси муаллимтайёркунӣ аввалин фармони муаллимиро моҳи августи соли 1932 аз шӯъбаи маорифи ноҳияи Балҷувон гирифт. Муаллимӣ дар ҳама давру замон кори пуршараф вале мушкил буду ҳаст. Ин касб махсусан дар солҳои 1930 – 1950 душвориҳои зиёд дошт.

Соли 1937 аз қишлоқи Дараи Ботур Тағайгул ном духтари қадрас ва соҳибҷамоли амаки Қурбонро муаллими Ҷӯрахон ба занӣ мегирад. Соли 1939 дар ин оилаи ҷавон тифле ба дунё омад, ки ӯро Мирзохон ном ниҳоданд. Соли 1941 писари дуюмашон Қурбонхон таваллуд шуд.

Соли 1941 Қайюм Ҷӯрахон мехост мисли дигар

ҳамдиёронаш ба мудофиаи Ватан равад, вале дар комиссариати ҳарбӣ гуфтанд, ки муаллимон дар ақибгоҳ даркоранд.

Соли 1945 дар оилаи мудири мактаб Қайюм Ҷӯрахон ва Тағайгул садои гиряи тифлаки навзод аҳли оиларо шод гардонид. Таваллуди духтари зебою дустрӯяк, ки Саломатхон номаш монданд, ба ин хонадон шодию сурур овард.

Баъди ду ҳафта ҷавонони ноҳияи Балҷувон ба падари Саломатхон бовари зиёд зоҳир намуда, ӯро сарвари ҷавонон – котиби якуми Кумитаи комсомоли ноҳияи Балҷувон интихоб намуданд.

Қайюм Ҷӯрахон доимо шукргузорӣ аз таваллуди духтараш–Саломатхон карда мегуфт:

– Духтари ман бопайиқадам аст. Баъди таваллуди ӯ Ҷанги дуюми ҷаҳон бо ғалабаи аскарони мо анҷом ёфт.

Моҳи марти соли 1951 барои Саломатхони шашсола, ки ғофил аз ҳама ташвишҳо кӯдакии ширину гуворо дошт, бисёр соли вазнин, шум ва фаромӯшнашаванда буд. Дар он сол падараш котиби кумитаи партиявии ноҳияи Балҷувон буд ва ӯро бо тавсияи кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб ба мактаби ҳизбӣ барои таҳсил ба маркази ҷумҳурӣ тавсия дода буданд. Дар набудани падараш модараш сахт бемор шуд.

Тағайгул ҳеҷ гоҳ шикоят аз дард намекард, аммо рангу рӯи хазону зарди ӯ далели сахт бемор буданаш буд. Ҳар гоҳе панҷаҳои даҳшатовари марг гулӯяшро хафа мекард, ӯ хоҳиши дидани фарзандонаш менамуд. Дар гирди бистари модар фарзандонаш Қурбонхон, Ботурхон, Саломатхон ҷамъ омаданд ва ба модаре, ки аз дарди вазнини ҷонкоҳ нолиши сӯзон дошт, бо чашмони пурнам нигоҳ карда, ягон илоҷи сабук кардани дарди модарро намеёфтанд.

Тағайгул нолишкунон ба аммаи кӯдакон – холаи Бибисалима имдодталабона нигоҳе карду гуфт:

– Холаҷон, духтарам Зарафшонро биёр, охирин бор ӯро маконда сер кунам.

*Синаи пурмеҳри модар то абад осуда нест,*
*Қалби ӯ дар зери гил ҳам ёди фарзандон кунад.*

Холаи Бибисалима Зарафшони шашмоҳаро, ки шояд аз гушнагӣ бошад, бетоқатӣ карда мегирист, назди модар овард. Тағайгул дигар маҷолу қуввати фарзандашро бардоштан надошт.

*Ба ҳар ранге набошад, одамӣ мурдан намехохад,*
*Ба дунё зиндагию зиндагонӣ аз ҳама волост.*

Зарафшони хурдакакро назди модар оҳистакак монданд. Тифлаки оғӯши модарро надида, бетоқатона бо даҳонаш синаи модарро мекофт. Баъди лаҳзае ӯ синаи модарро ёфт ва ором шуд. Модар низ ором шуд, дигар нолиш намекард, чеҳраи зарди модар лаҳзаяке сурх гашту абадан ором шуд…

*Ҷашни фарзандони худ нодида рафтӣ, модарам,*
*Донаи барчоshро ночида рафтӣ, модарам.*
*Пеш–пеши наварӯсу дастаи машъалбадаст*
*Шодмон, пирона норақсида рафтӣ, модарам.*

Гиряи Саломатхон на танҳо дар хона, балки дар тамоми деҳа шунида мешуд. Гиряи талх ва сӯзон буд он гиряи кӯдакона…

*Аз канорат то шудам маҳрум дар айёми гул,*
*Шуд канорам аз сиришки шӯр дарё, модарам.*

Вақте ки падари Саломатхон – Ҷӯрахон Қайюм бо гирифтани барқия дар бораи бемор будани ҳамсараш ба Балҷувон мешитобид, аввалин шахсе, ки ӯро гирён пешвоз гирифт, Саломатхони хурдакак буд…

– Атаҷон, атаҷон, очаҷонам… очаҷонам мурд, очаҷонам… – гуфта Саломатхон худро ба оғӯши падар партофт…

*Рафт дар тобути ту ҳам буд, ҳам нобуди ман,*
*Воалам аз дасти дунёи фиребо, модарам.*
*Бурдӣ аз лаб хандаам, эй шӯълаи ояндаам,*
*Водарего, модарам, сад водарего, модарам.*

Марги ҳамсари меҳрубонаш барои Ҷӯрахон даҳшати вазнине буд, ки тамоми нақшаҳои ӯро тағйир дод. Ҳама орзуву омол, нияту мақсад ва нақшаҳояш гуё ҳамроҳи Тағайгул ба гӯр рафтанд.Ӯ касеро дидан намехост, ба тифлакони бемодараш нигоҳ карда, мехост бо тамоми овоз дод гӯяд. Вай таҳсилашро дар мактаби хизбӣ, ки кадрҳои лаёқатманд тайёр мекард, катъ намуд. Рӯҳафтода шуд.

Хешу табор, дӯстон, ғамшариконаш ӯро дар лаҳзаҳои душвор танхо намонданд. Ҷӯрахон Қайюм шеъри Ҳофизро такрор ба такрор хонда, худро ба даст гирифт,ки гуфтааст:

*Рӯзе агар ғаме расадат, тангдил мабош,*
*Рав, шукр кун, мабод, ки аз бад батар шавад.*

Ҷӯрахон ба хотири тифлакони хурдаш ва давом додани ҳаёт дубора хонадор мешавад. Ҳамсараш Аслия Умратуллоева ёздаҳ фарзанд ба дунё оварда, ҳамаашонро соҳиби маълумот ва касбу ҳунар кард.

### 4. Муҳоҷиркунӣ

Солҳои 1947 – 1954 бо қарори Ҳукумати Шӯравӣ оиди муҳоҷиркунӣ аз ноҳияҳои баландкӯҳ ба водиҳо Ҷӯрахон Қайюм бо аҳли оила ва хешу табор ба ноҳияи Фархор кӯч бастанд.

Рӯзҳои аввал мардуми муҳоҷире, ки дар ҷои салқину хушбоду ҳаво зиндагонӣ мекарданд, ба боду ҳавои Фархор, ки гармиаш ба 35–40 дараҷа мерасид, мутобиқ шуда наметавонистанд. Гармсел ва кӯрпашша азобашон медод, аммо

касе наҳаросид, қафо нагашт. Ҷӯрахон Қайюм ба ҳамроҳонаш муроҷиат карда гуфт:

– Мардуми Балҷувон меҳнатдӯсту мушкилнописанд аст, аз душвориҳо наметарсад. Мо бо каҳрамонҳои худ чун Саидқул Турдиев, Сафар Амиршоев, Исмат Шарифов фахр мекунем, ки дар набардҳо барои хоки Ватани азиз ғолиб омаданд. Ин ҷо низ набард аст. Мо бояд Ватанамонро обод созем. Ин қамишзорро ба гулзор табдил диҳем.

Ин гуфтахои Ҷӯрахон мардумро рӯҳбаланд кард, онҳо ба ӯ ваояндаи гулгулшукуфон бовар карданд.

Ҷӯрахон Қайюм дар ноҳияи Фархор дар вазифаҳои мудири мактаб, ҳамчун котиби озоди кумитаи ҳизбии колхози ба номи Ленин, раиси колхозҳои «Аскари Сурх» ва «Коммунизм» то охири ҳаёт ба халку диёри азизаш хизмат кард.

Ҷӯрахон Қайюм ҳамеша ба фарзандон насиҳат мекард, ки сарватпараст набошанд, кибру ғурур накунанд, дигаронро аз худ боло донанд, ба илму адаб дода шаванд. Ин шеърро гаштаю баргашта ба фарзандон мехонд:

*Адаб беҳтар аз ганчи Қорун бувад,*
*Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.*
*Бузургон накарданд парвои мол,*
*Ки амволро ҳаст рӯзе завол.*
*Инон сӯи илму адаб тофтанд,*
*Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.*

## 5. Хандаи бахт

– Очаш, барои чӣ дар чунин рӯзи хурсандӣ ашк мерезӣ? –гӯён падари фарзандон ҳоҷӣ Ғаффор Умаров ба китфи ҳамсараш Саломатхон бо навозиш даст расонд.

Саломатхон ба шавҳари ҳалиму меҳрубонаш нигоҳи миннатдорона карда гуфт:

– Аташ, давраҳои ҷавониам ба ёд омад – ва лаҳзае чаш-

монашро пӯшид… Дар пеши назар аввалин вохӯрӣ бо падари фарзандонаш ҷилвагар гашт.

Ғаффор Умаров ҷавони қадбаланди ҳалиму меҳрубон ва дидадаро, донишҷӯи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дар факултаи забон ва адабиёти рус таҳсили илм мекард.Ӯ таътили тобистонаашро дар ноҳияи Фархор гузаронид. Дар деҳаи «Арча»и колхози «Коммунизм» бо духтаре вохӯрда, мафтуни ҳусну ҷамоли ӯ гардид. Инак, соли 47-ум аст, ки дили ӯ маскани меҳру вафои он духтари соҳибҷамол – Саломатхон мебошад.

Вақте ки Ғаффори ҷавон ба Саломатхон арзи муҳаббат мекунад, Саломатхон дар чавоб як сухан мегӯяд:

– Падарам медонанд…

Саломатхон соли 1963 мактаби миёнаро хатм карда, хост касби падарро, ки муаллим буд, ихтиёр кунад.

*Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,*
*К–ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.*

Ба хостгорҳое, ки Ғаффор фиристода буд, раис як шарт монд:

– Духтарам хеле саводи хуб дорад, агар шумо барои идома додани хонданаш монеъ нашавед, ман ба тӯй розӣ.

Ҳамин тавр, баъди тӯйи замонавӣ Саломатхон ва Ғаффор Умаров донишҷуёни пешқадами донишкадаи олии шаҳри Кӯлоб шуданд.

Онҳо ба тӯйҳои имрӯза бо ҳавас нигариста, тӯйи худашонро бо ханда ба ёд меоранд, ки «арӯс – духтари раисро дар мошини боркаш ба хонаи домод оварданд».

Некиҳои Ғаффор Умаров баҳри ҷомеа бешумор аст. Омили асосии некномӣ ва некдилии падари хонадон он аст, ки ӯ ба илму дониш такя карда, аз ҳар гуна корҳои ношоям парҳез мекунад, сираташро хоксорию шарму ҳаё зеб меди-

хад. Чунин одамонро боғбони гулзори маърифат меноманд. Ғаффор Умаров мефахрад, ки халқ нисбати муаллим эҳтиром дорад.

Саломат Ҷӯраева ва Ғаффор Умаров собиқаи 47–солаи зиндагии ширин дошта, аз ин боғи муҳаббат 7 нафар фарзанд ба дунё оварда, фарзандонашонро бо лутфу меҳрубонӣ ба воя расониданд. Онҳо ҳамнафасу ҳамдил, ҳамрозу ҳамсӯҳбати якдигар ҳастанд.

Умри инсон ҳамранги баҳор аст, яъне дар як шаклу сурат қарор намегирад. Ниҳол дар аввал аз замин сабз мешавад, баъд рангу бӯй, баъдтар ғӯра ва оқибат меваи шаҳдбор ба бор меорад. Саломатхони дарёдилу ҳотамтабиат дар умри бобаракаташ ҳамаи инро тай намуда, ба зинаи 65 баромад. Умри пурфайзи ин бону ҳам баҳори гулпӯш дошт ҳам тирамоҳи пур аз самару неъмат ва гоҳи дигар зимистони сарду шадид.

Ошиқи зиндагӣ будан, зиндагии орӣ аз бухлу кина доштан, ҳурмату иззати одамонро бо муҳаббати беолоиш ба ҷо овардан, ба оянда бо назари нек нигаристан аз хислатҳои неки Саломатхон Ҷӯраева мебошанд.

– Очаҷон! – ин нидои духтараш Олима ӯро аз ёдҳо берун кард.

– Меҳмонҳо мехоҳанд якҷоя расм гирем. Очаҷон, биёед, ман шуморо хушрӯй кунам, – гуфта духтар мӯйҳои модарашро ба тартиб овард, рӯймоли калони сафеди модарро, ки хеле мезебид, каме дуруст кард:

– Ана, очаҷони ман духтари ҳаждаҳсола барин зебо аст, – гуфта якчанд бор аз рухсораи модар бӯсид.

Модар боз ба фикр фурӯ рафт…

## 6. **Фаъолияти корӣ**

Баъди донишкадаи олӣ зану шавҳари ҷавон Ғаффор Умаров ва Саломатхон Ҷӯраева ба мактабе, ки худ дар он

таҳсил карда буданд, бо роҳхат ба ноҳияи Фархор ба кор рафтанд.

Фаъолияти омӯзгории Саломат, ҳарчанд табъи дили шогирдон ва падару модари онҳо буд, дер давом накард.

Саводи кофӣ, қобилияти ташкилотчигии Саломатхонро дида, ба ӯ корҳои баланди роҳбариро бовар карданд. Аз соли 1969 то 1970 дар вазифаҳои раиси деҳшӯрои «Фархор», аз соли 1970 то 1977 ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳияи Фархор, аз соли 1980 то 1989 раиси деҳшӯроҳои «Комсомол» ва «Фархор» кор кардааст. Раиси ҷамоат ба кори маориф, тандурустӣ, маданият, дар вакти корҳои саҳроӣ ба киштукор, парвариши пилла, кори фермаҳо роҳбарӣ мекард. Ҳолатҳое мешуд, ки соати чори субҳ хеста ба ферма мерафту говдӯшонро назорат менамуд.

Саломатхон лаҳзаҳои зиёди хотирмони давраи роҳбариашро ба ёд меорад…

Соли 1970, вақте ки ба ӯ изҳори бовар карда, ҷонишини раиси ноҳия интихобаш карданд, баъди се рӯз мудири шӯъбаи умумӣ Қараева Ирина Георгевна ба рӯи мизи кории ӯ як даста ҳуҷҷатҳоро оварда монд ва имзояшро гирифт.

– Муаллимаҷон, ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо мӯҳлати иҷро доранд ва дар назорат мебошанд, кӯшиш кунед, ки дар вакташ иҷро намоед – гуфт.

Ҳуҷҷатҳо ҳама ба забони русӣ буд. Саломатхон якчанд бор ҳуҷҷатҳоро тагурӯ кард, азбаски таҷрибааш камтар буд, чизе нафаҳмид.

– Бо ин ҳуҷҷатҳо ман чӣ кор кунам? –гуфта аз Қараева пурсон шуд.

– Ҳамаашро омӯхта, ба маҷлиси комиҷроия тайёр намоед, муаллимачон, – гуфта аз утоқи кор баромад.

Саломат Ҷӯраева дастаи ҳуҷҷатҳоро бори дигар тагурӯ кард, аммо чизе нафаҳмид.

Вараќи сафед гирифту ба номи раиси ноҳия Ҳабибулло Табаров оиди аз кор рафтанаш ариза навишту болои он дастаи ҳуҷҷатҳо монда, назди раис даромад.

Саломатхон аз ӯҳдаи кор набаромаданашро изҳор намуда, сарашро хам ва ашки чашмонашро пок кард.

Ҳабибулло Табаров бодиққат гуфтаҳои ӯро гӯш карду гуфт:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Сипас ҳар як ҳуҷҷатро алоҳида ба ӯ фамонд. Аризаи аз кор рафтанашро даронда партофт. Саломатхон аз утоқи кори раис хурсанд баромад.

## 7. **Лаҳзаҳои хотирмон**

Лаҳзаеро аз даврони раиси ҷамоати «Комсомол» буданаш ба ёд меорад.

Саломат Ҷӯраева бо раиси ташкилоти ҳизбии колхоз Аноргул Сафарова якҷоя барои дидани кори комбайнҳои пахтачинӣ ба заминҳои пахта баромаданд. Яке аз механизаторон бемор шуда, ба кор набаромада буд. Бо механизаторон сӯҳбат карда, дар сари замин, дар сояи тутҳои лаби ҷуйбор хостанд каме дам гиранд ва баъд ба заминҳои дигар рафта бо пахтачинзанҳо вохӯрӣ кунанд. Дар ҳамин лаҳза мошине назди онҳо омада истод ва аз мошин раиси вилоят баромад:

– Ҳа, дар айни авҷи кор дар сояи дарахтон истироҳат карда истодаед ? – гӯён онҳоро сарзаниш кард.

– Агар ин бегоҳ колхоз 1,5 фоиз пахта насупорад, баъд ман бо шумо дар бюрои райком гап мезанам. – гуфта ба мошин нишаст.

Охирҳои мавсими пахтачинӣ супоридани 1,5 фоиз пахта супориши миёншикан буд.

Саломат ва Аноргул дар байни пахтазор лолу ҳайрон монданд. Аноргул (пеш аз хатми донишкадаи аграрӣ дар колхози Ленин ҳамчун механизатор кор мекард) таклиф кард:

– Апаи Саломат, ман ба гараж рафта, бо он комбайне, ки механизатораш бемор аст, имрӯз пахта мечинам, Шумо бо пахтачинҳо сӯҳбат кунед. Кӯшиш кунем, ки супориши раиси вилоят иҷро гардад. Онҳо қарор доданд, ки бегоҳӣ дар заводи пахта вохӯранд.

Он шаб соати се супоришро қариб ду фоиз иҷро намуда, охирин тележкаи пахтаро ба завод равон карда, баъд ба хонаҳояшон рафтанд.

Лаҳзаи дигаре…

Парторг Аноргул Сафарова ва раиси ҷамоат Саломатхон Ҷӯраева бояд ба аҳолӣ пилла тақсим мекарданд. На ҳама хоҳиши пилла гирифтан доштанд. Вақте, ки онҳо ба хонаи амаки Зокир омаданд, ӯ иброз дошт:

– Ман бо ҷону дил супориши шуморо иҷро мекунам, аммо ҳамсарам розӣ не, бо ӯ гап занед.

– Холаи Маҳтоб, ку назди мо биё.– гӯён Саломатхон бо овози баланд: соҳиби хонаро ҷег зад.

Холаи Маҳтоб назди онҳо омад:

– Биёед, раиса, марҳамат, ба хона дароед, – гуфта онҳоро ба ҳавлӣ даъват кард.

– Холаи Маҳтоб, аз акаи Зокир безор шудаӣ–чӣ, гапашро гӯш намекунӣ, пила намегирӣ, ин тавр бошад, ману парторг вазифадорем, ки ба амаки Зокир зани дигар ёфта диҳем. – гуфта бо қиёфаи ҷиддӣ гап зад.

– Бумбурум дар пешотон, ин кора накунед, ҳамин пилла чӣ корай, ки ман накунам, аз дигаро зиёдтар мегирам, дар сари пириҳо боз шума зан натен, – гуфта холаи Маҳтоб ба гирифтани пилла розӣ шуд.

Аноргул Сафарова шухӣ будани суханҳои раисаро гуфту ҳамакаса хандиданд.

Лаҳзаи дигар…

Ҷамоати деҳоти «Фархор». Охирҳои моҳи июн. Борону

жола борида, шамоли сахте вазид. Чунин боду ҳаворо дар моҳи июн фархориҳо ёд надоштанд. Саломат Ҷӯраева дар по мӯза заминҳои пахтаи деҳшӯроро сар ба сар гашта, аз номусоид омадани боду ҳаво бо сарварони бригадаҳо сӯҳбатҳо карданд.

Вақте ки ба сари замини бригадаи Арабгул Пиракова омад, ӯро гирён дарёфт. Нисбати дигар қитъахо заминҳои ин бригада аз офати табиӣ зарари зиёд дида буд. Сардори бригада дар даст шохаҳои шикаста ва рехтаи ниҳолҳои пахтаро дошта, чун кӯдак мегирист.

– Апаи Арабгул, рӯҳафтода нашавед. Пагоҳ ҳама техникаи колхозро ба ин ҷо оварда, аз нав шудгор карда пахта мекорем. – Саломат Ҷӯраева собиқадори меҳнатро дилбардорӣ кард.

– Раиса, ман умри зиёд дидаам, корҳои зиёде кардаам, аммо дар охирҳои моҳи июн коридани пахтаро аввалин бор мешунавам.

Тирамоҳи он сол бригадаи Арабгул Пиракова яке аз аввалинҳо шуда, аз ӯҳдаи иҷрои нақшаи пахтасупорӣ баромад.

Оре, барои зинаҳои баланди мартабаву обрӯ расидан басо номураттабиҳо, номувозинатиҳо ва ноҷӯриҳоро паси сар бояд кард. Саломат хотираҳояшро ҷамъ карда, умри сипаришудаашро пеши назар меорад ва гоҳе механдаду гоҳе абрӯ чин мекунад, гоҳе мезавқаду гоҳи дигар ашк мерезад…

Ин хел мисолҳо, яъне ҳам завқидану ҳам гиристан, ҳам аз шодӣ ба осмонҳо париданҳову ҳам аз ғам зери замин шуданҳо дар ҳаёти Саломатхон хеле зиёданд.

Саломат Ҷӯраева ҳамеша кӯшиш мекард бо халқ наздик бошад. Ба онҳо дар бораи ба мактабҳои олӣ фиристодани духтарони деҳот ва дигар масъалаҳои тарбиявӣ сӯҳбат мекард. Худ намуна шуда, ҳама духтаронашро соҳиби касбу маълумот гардондааст.

Оид ба танзими расму оинҳо низ сӯҳбатҳои зиёде карда,

барои каммасраф гузаронидани тӯйҳо маслиҳатҳо медод. Худаш ду писараш – Мансурҷон ва Носирҷонро дар як рӯз тӯй кард. Келинҳояш Шаҳло, Рӯзигул ва Наргис ӯро модарвор дӯст медоранд.

## 8. Шукри илҳомбахшон

Саломат Ҷӯраева дар давоми кори роҳбарӣ ба мушкилиҳо, бурду бохтҳо, афтидану хестанҳо дучор омадааст. Баъзан нотавонбинон ба ӯ ҳасад мебурданд, садди роҳ мешуданд, кинояву пичинг мезаданд, муваффақияти ӯро дида наметавонистанд. Ӯ ғамгин мешуд, аз кор назди падар дилмонда мерафт. Падари рамузфаҳму таҷрибаи рӯзгордошта ҳолаташро дида ба ӯ насиҳату маслиҳат медод.

– Духтарам, барои як– ду нотавонбин шуда рӯҳафтода мешавӣ? Ман дар ин умри дароз ва таҷрибаи калони роҳбарӣ ба мушкилиҳои аз ин ҳам зиёд рӯ ба рӯ шудаам. Ҳеҷ гоҳ ғуломи зиндагӣ нашудам. Фақат бо меҳнати ҳалол чашми ҳасудонро кӯр кардам, ғолиб омадам, ба бовари халқ сазовор гаштам. Охир, ту духтари манӣ, наҳод дупула гап туро рӯҳафтода карда бошад?– гуфта ин шеърро мехонд:

*Мо ҳама дар чорсӯи зиндагӣ*
*Гоҳ гумроҳему гоҳе раҳбарем.*
*Гоҳ бо сар медавему гаҳ ба по,*
*Гоҳ саргардону гоҳо сарварем.*
*Гоҳ–гаҳ навмед хонандат касон,*
*Худ намедонанд, аммо, кистанд.*
*Чун шудам таҳдони молу ҳолашон,*
*Он қадар аз хеш розӣ нестанд.*

Саломатхон аз назди падар болу пар бароварда, ба кор мешитофт. Даҳчанд кор мекард. Бегоҳӣ ба хона монда бармегашт бо табассум пешвоз гирифтани шавҳари меҳрубон

ва оғӯш кашида давидани фарзандон ҳама хастагии рӯзонаро бартараф мекарданд. Оиди нақшаҳояш аз ҳамсараш Ғаффор Умаров маслиҳат мепурсид. Тамоми умр ӯ аз шавҳари меҳрубонаш сипосгузор ва миннатдор буд, чунки маҳз дастгирӣ ва ёрии ӯ имкон доданд, ки дар ҷамъият мавқеъ ёбад ва дӯстдори хам хонадону хам атрофиён гардад. Тавонист бо кор дар дили мардум ҷо гирад.

*Касе, к–ӯ боварии халқро арзанда мегардад,*
*Ба ҳар кас дустрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.*

Саломатхон Ҷӯраева бонуи ниҳоят хоксору халқпарвар буда, кибру ғурур барои ӯ бегона аст. Ҳалкпарварӣ ва дӯст доштани мардуми одӣ шиори хаёти ӯ мебошад. Беҳуда нест, ки Ҳофизи бузург гуфтааст:

*Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон сӯҳбат мадор,*
*Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.*

## 9. **Фарзанд – давоми умри инсон**

*Фарзанд давоми умри инсон бошад,*
*Нирӯи дилу ҳаловати ҷон бошад.*
*Модар чу дарахтест дар ин боғи биҳишт,*
*Бигзор, ки меваааш фаровон бошад.*

Саломат Ҷӯраева ва Ғаффор Умаров собиқаи зиндагии 47– солаи ширин дошта, аз ин боғи мухаббат 7 нафар фарзанд ба дунё оварда, фарзандонашонро бо лутфу меҳрубонӣ ба воя расониданд. Таваллуди ҳар мехмони нав дар хонадон баҳри онҳо як ҷаҳон шодиву фараҳ ва нишоту сурур меовард.

Азбаски Саломатхон се фарзандашро дар давраи донишҷӯӣ таваллуд кардааст, ба ӯ доя лозим буд. Интихоби аҳли байт барои адо кардани вазифаи пурмасъулият ба хо-

лаи Ҷавҳар вогузор карда шуд. Дар тарбияи фарзандонаш холаи Ҷавҳар, ки аз давраи донишҷӯӣ (25 сол) бо ӯ буд, ёрии калон расонидааст. Фарзандон ӯро модари дуюми худ медонистанд. Барои фарзандони ин хонадон ба ҳукми анъана даромадааст, ки ҳар сол рӯзи фавти холаи Ҷавҳар дар ҳавлии падар ҷамъ оянд ва ӯро ёд кунанд.

Фарзандони ин хонадон бо мадади ин зани порсо – Чавҳар бо шарофати дастони сабуки ин дояи меҳрубон ба дунё омада, ба воя расиданд. Холаи Ҷавҳар дар гаҳвораи кӯдакон китоби мукаддаси Қуръони маҷидро мегузошт, то ки тифлакони ин хонадон боимону худотарс ва худошинос ба воя расанд.

*Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд,*
*Ба ҳар гаҳвора Қуръон буд ё девони Ҳофиз буд.*

Саломатхон ва Ғаффор баъди таваллуди ҳар як фарзанд китобҳои таърих ва бадеиро варақ зада, ба фарзандон номҳои зеботаринро мемонданд. Охир «номи зебо – ними ҳусн» гуфтаанд.

Бубинед Олима, Мансур, Носир, Адиба, Сурайё, Фаридун ва Саёҳат – чи номҳои хушоҳангу зебое!

Падару модари босавод доимо ба фарзандон аз боби одобу одамгарӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, китобхонию маърифатандузӣ, шарму ҳаё ва бисёр талаботҳое, ки барои инсони комил шудан зарур аст, насиҳатҳо мекарданд. Ҳикмати Шамси Табрезиро такрор ба такрор ба фарзандон гӯшрас менамуданд, ки гуфтааст:

**«Ҳар тане, ки дар он илм нест, чун шаҳрест, ки дар он об нест ва ҳар тане, ки дар ӯ парҳез нест, чун дарахтест, ки дар он бор нест ва ҳар тане, ки дар ӯ шарм нест, чун дегест, ки дар ӯ намак нест ва ҳар тане, ки дар ӯ ҷаҳд нест, чун бандаест, ки вайро Худованд нест»**

Саломатхон дар рӯзгори фарзандон офтобест, ки аз нури

худ хонадони ҳар яки онҳоро равшан мекунад. Он кас гули сари сабади ҳар ҷамъомаду маҳфилу маърака хастанд. Маҳз бо ҳозирҷавобӣ ва маҳфилоройӣ дар байни дӯстон иззату икроми хосса доранд. Ба ҳар як сухани хеш аз ҳикмати бузургон ва ё аз ҳадисҳои пайғамбарон далелҳо меоваранд.

## 10. **Меҳмоннавозии модар**

Бо меҳмоннавозӣ дар байни сокинони Фархор машҳур аст. Касе аз дараш дарояд, ӯро бо лабони пуртабассум ва чеҳраи кушода пешвоз мегирад.

*Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад,*
*Кӯшише дар некномӣ мекунад.*

Ба фарзандон ва келинҳо таъкид ба таъкид такрор мекунад:

– Ҳар кас ризқи худро мехӯрад, хоҳ дар хонаи худ бошад, хоҳ дар меҳмонӣ.

*Ҳар киро бинӣ ба олам рӯзии худ мехӯрад,*
*Гар зи хони туст нонаш в–ар зи хони хештан,*
*Пас туро миннат зи меҳмон дошт бояд баҳри он*
*Мехӯрад бар хони эҳсони ту нони хештан.*

## 11. **Ҳам диплом, ҳам се фарзанд.**

Ҳафт фарзанди боодобу ботарбияаш ва соҳибкасбу соҳибмаълумотанд. Духтаронаш Олима ва Адиба – духтур, Мансурҷон ва Фаридун–ҳуқуқшинос, Носирҷон–меъмор, Сурайё–муаллима, Сайёҳат – чевар.

**Шекспир мегӯяд:**

**Қалби модар зеботарин ва ҷовидонатарин ҷойгоҳи фарзанд аст, ҳатто дар рӯзҳое, ки муйҳои фарзанд сафед**

**гардад.**

Ҳамаи фарзандон дар гирди модар ҷамъ шуданд. 25 набера ва 2 абера ҳама мехостанд ба бибиашон ҳарчи наздиктар бошанд.

Суратгир ба ҳама ин даводавҳои фарзандон нигариста гуфт:

– Ҳамаи шумо дар як расм ҷой намегиред, – ки модар безобита шуд:

– Бачам, бумбурум дар пеши пот, кудакома чашм накунӣ боз? –гуфта аз ҷой бархостанӣ шуд.

Олима духтари нахустини модар аст. Ӯро дар давраи донишҷӯӣ ба дунё оварда буд. Номи Олимаро шахсони хеле маъруф Нусратулло Абдулҳаков, ки он вақт котиби кумитаи ҳизбии шаҳр ва Султон Мирзошоев, ки котиби кумитаи комсомоли шаҳри Кӯлоб буданд, мондаанд. Воқеа ин тавр рӯй дода буд: Падари Саломатхон пеш аз он, ки ба хабаргирии духтараш биёяд, ба кумитаи партиявии шахри Кӯлоб даромада, баъзе корҳои идоравиро ҳал кард.

Абдулҳаков (писари амааш) ҳолати Ҷӯрахон Қайюмро дида:

– Раис, имрӯз бисёр хурсанд менамоед, – гуфт.

– Бале, хурсандии маро имрӯз ҳадду канор нест. Берадор шудам, бобо шудам, бобо! Саломатхон духтарча таваллуд кард, –гуфта шодиашро иброз дошт.

Баъди ин сӯҳбат онҳо ба хонаи хоксоронае, ки духтараш иҷора менишаст, меҳмон шуданд. Ин ду марди шариф бо умеде, ки тифли навзод олима шавад, ӯро чунин ном ниҳоданд.

Саломатхон маҳз бо ёрии шавҳари меҳрубонаш донишкадаи олиро хатм намуд ва ҳарду соҳиби се фарзанд Олима, Мансурҷон ва Носирҷон шуданд.

Фарзанди хонадон Сурайё, ки имрӯз дар яке аз вазифаҳои пурмасъулияти давлатӣ ифои вазифа дорад, роҳбарии маъракаро бар дӯш гирифт:

– Бо модарҷонам аввал фарзандон, баъд наберагон ва сипас аберагон расм мегиранд, – гуфта Сурайё табассуми зебое, ки маҳз ба ӯ хос аст карду барои расм гирифтан омода шуд.

Модар ба курсӣ такя намуда, ба чеҳраи ҳар кадом бо меҳр нигарист. Духтаронаш Олима, Адиба, Сурайё ва Саёҳат ҳар яке аз якдигар зеботаранд. Саёҳат, ки фарзанди аз ҳама хурду нозпарварди хонадон аст, бо чашмони осмонӣ, рухсораҳои гулгун, мӯйҳои чун нурҳои офтоб заррин ба фариштаи осмонӣ мемонад.

«Худоё, чи бахти баланде насибам гашта!» – аз дил гузаронид модар.

Модар ба давутози Сурайё нигариста, оҳи сабуке кашид. Шукр, ҳама фарзандон соҳиби хонаву дар, ҳамсару фарзанданд. Фақат Сурайё дар ҷангҳои бародаркуш ҳамсари меҳрубонашро аз даст дод.

Баъди хатми донишкадаи олӣ Сурайё ва шавҳараш Шамс бо роҳхати Вазорати маориф ба водии Рашт, ки дар он ҷо муаллимони соҳиби таҳсилоти олӣ хеле кам буданд, ба кор рафтанд. Ду ҷавони соҳиби касбу таҳсилоти олӣ бо ғайрати дучанд ба кор дода шуданд. Мардуми таҳҷоӣ бо онҳо хеле унс гирифта, дӯсташон медоштанд. Сурайё ва Шамс дар дил нақшаҳои зиёд доштанд, аммо … Ҷанги бародаркуш ҳама нақшаҳои онҳоро барбод дод. Орзуҳо чун орзу монданд… Тири нохалафе риштаи умри ҷавони Шамсро барканд. Сурайё бо се фарзанд танҳо монд, аммо кӯшиш мекунад, ки фарзандон ятим будани худро эҳсос накунанд.

– Очаҷонам, дилу ҷонам, – гӯён аз дар даромадани писаронаш Мансурҷон ва Носирҷон модарро аз дунёи хаёлҳои дур берун кард.

Модар аз ҷой бархоста писарони азизашро бӯсиду буйид. Беҳуда намегӯянд, ки ширинтарини бӯсаҳо бӯсаи модар аст.

– Очаҷон, мебахшед, баъди ҳама омадем. – гуфта Ман-

сур узрхоҳӣ кард.

– Сафари хориҷа доштам. Бояд пагоҳ бармегаштам, базӯр чиптаи самолётро ба имрӯз иваз кардам. Ба ҳар ҳол, расида омадам, бори дигар, очаҷон, бубахшед маро.

– Ман ҳам узр мехоҳам, очаҷон, бародарам Мансурро пешвоз мегирам гуфта каме дер мондам, – Носирҷон хам узри худро расонд.

Ба сӯҳбати онҳо писари хурду ноздонаи хонадон Фаридун ҳамроҳ шуд.

– То шумо – бародарони калон омадан ман очаҷонамро зиқшавӣ намондам, –гуфта баланд хандид.

Модар аз дидори писаронаш сер намешуд. Бо ҳавас ба ин ҷавонмардон – ҷигарбандонаш назар мекард. Ба қомати баланди писаронаш бисёр нигоҳ кардан намехост, метарсид, ки мабодо ба писаронаш чашм расад.

Падари хонадон Ҳоҷӣ Ғаффор Умаров, ки низ қоматбаланд аст, ба вохӯриву оғӯшкашии писарон ва ҳамсараш аз як кунҷи хавлӣ нигариста, аз фарзандонаш фахр мекард. Баъди ба нафақа баромадан бо ҳамсараш Саломатхон ҳарду зиёрати Хонаи Худо карданд ва имрӯзҳо давлати пирӣ меронанд.

## 12. Бӯсаҳо аз рухсораи гарми модар

Сурайё назди модар бори чандум аст, ки меояду пеш аз чизеро пурсидан аз рухсораҳои гарми модар мебӯсад:

– Очаҷон, набераҳо мехоҳанд ҳар кадоме бо суруд ё рақсе Шуморо табрик гӯянд, иҷозат медиҳед?

– Дилакатон, бачам, чи хеле ки мефорадатон, ҳамон хел хурсандӣ кунед – гуфта дар курсии мулоим баҳузуртар нишаста, ба нағмаҳои набераҳо бо ҳавас нигоҳ кард. Дар як лаҳза саҳни ҳавлӣ пур аз набера шуд. Яке аз дигаре мехост зеботар ва хушрӯйтар рақс кунад.

Дар байни набераҳо барои модаркалон Фаттона, Фарзона

ва Меҳрафрӯз ҷои алоҳида доштанд. Доимо диққати Саломатхон нисбати ин се набера дигар буд. Ин лаҳза низ аз байни 25 набера чашми бибӣ аввал ба онҳо дӯхта шуд. Кош падарашон зинда мебуду шодии фарзандонашро медид…

Боз дили модар ғамгин гашт ва боз ашки чашмонашро бо нӯги рӯймоли сафедаш номаълум пок кард.

– Очаҷон, барои чӣ дар чунин рӯзи хурсандӣ ашк мерезед? –гуфта Сурайё ба модар наздик шуду аз рухсораҳои ашкбори ӯ бӯсид.

– Духтарам, ин ашк нест, чашмонам вақтҳои охир худ аз худ об мебароранд, – гӯён модар базӯр табассум кард.

*Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх,*
*Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш.*
*Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он чӣ ҳасту нест,*
*Шукр гӯям бахтро бо омаду ноомадаш.*

Модар бори дигар шукр гуфт. Барои чӣ бошад, дар чунин рӯзҳои хурсандӣ кас беихтиёр шахсеро ёд мекунад, ки дар бараш нест. Ӯро боз хотираҳои рӯзҳои гузашта ба оғӯш кашиданд.

Ҳавлии падарро ба ёд овард. Деҳаи Мулконии ноҳияи Балҷувонро. Саломатхон бо бародараш Қурбонхон дар хамгашти деҳа, дар ҷои хушманзара ҳарду доимо аз дигарон гурехта бозӣ мекарданд.

Сад офарини дили садреши модар! Гум кардани фарзанди падар «тири алмос аст» мегӯянд, ки ин рост будааст.

Дар чунин рӯзи хурсандӣ ба ёд овардани бародари ба ҷону дил баробараш Қурбонхон барои Саломатхон хеле гарон буд.

*Агар аз мурдагон ёде наёрем,*
*Яқин дон, ки на кам аз мурдагонем.*

Ӯ ашкхои сӯзони дидагонашро пок мекарду шукр ме-

гуфт. Шукри фарзандони дигари падараш.

## 13. Ҳар касеро баҳри коре сохтанд…

– Очаҷон, – гуфтани писараш Мансурҷон модарро аз гирдоби хаёлҳо берун кард, – мехоҳам бо шумо маслиҳат кунам. Пагоҳ боз нияти сафар дорам. Келинатон Шаҳло ва набераҳо бо шумо мемонанд, набераҳо бибиамонро ёд кардем, гуфта ба ҷону ҳолаш намонданд. Очаҷони азизам, сабаби пешравии кори ман ҳамеша дуои шумо буду ҳаст.

Модар аз Мансураш ифтихори хосса дошт. Мансур Умаров аз давраи дар мактаби миёна таҳсил карданаш аз ҳамсинфону ҳамсолонаш бо рафтору гуфтору одобу дониш фарқ мекард.

Кӯдакию наврасии Мансурҷон дар муҳити хонаводаи аҳли фарҳангу хирад, ки дар он ҳама вақт сухан аз боби Ватану ватандорӣ, одаму одамгарӣ, мактабу маориф, илму маърифат, муҳаббату садоқат ба атрофиён ва волидон, хайрхоҳиву хайрандешӣ, хирадҷӯиву хештаншиносӣ мерафт, сипарӣ гаштааст.

Таҳсил дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгохи миллии Точикистон Мансур Умаровро бо фозилони айём – олимони маъруфи ҳуқуқшинос Маҳкам Маҳмудов, Шерхон Салимов, Зариф Ализода ошно карда, имкони аз онҳо сабақ омӯхтанро муҳайё сохт. Аз дарси ин олимон Мансур Умаров меҳри беолоиши ватанпарварӣ, устувории қонуният ва волоияти қонун, мактаби ватандорӣ, рисолати худшиносию тафаккури миллӣ, дарси инсондӯстию фазилатпешагӣ омӯхт. Падараш Ғаффор Умаров ба писараш ҳикмати аллома Иқболро гаштаю баргашта таъкид мекард:

*Дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан омӯз,*
*Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.*

Яздони пок ҳар инсонро аз баҳри пешае, кору амале офарида, мувофиқи он ба ӯ ақлу заковат, истеъдоду

қобилият ва тавоноӣ ато кардааст.

Дар Ҳадиси Расули акрам (с) «Илм болотар аз ибодат аст» гуфта шудааст. Мансурҷон пайваста илм омӯхт. Ҳимоятгари қонун шуд.

Кас ба рафтору амали ӯ зеҳн монда, ба хулосае меояд, ки Офаридгор ӯро маҳз барои ҳамин кор офарида бошад, ӯ дорои дониши амиқу ҳамаҷониба буда, ҳалиму меҳрубон, нисбати худ ва атрофиён серталаб аст.

Мавлонои Балхӣ низ гӯё дар мавриди чунин инсонҳо фармудааст:

*Ҳар касеро бахри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Имрӯзҳо Мансурҷон Умаров барои ҳифзи амнияти давлат камари ҳиммат бастааст.

Баъди хатми мактаби миёна бародарон Мансурҷон ва Носирҷон якҷоя ба хизмати аскарӣ рафтанд. Модар барои хабаргирии онҳо ба ҷумҳурии бародарии Қазокистон сафар кард. Ёфт писаронашро, бо командирашон хамсӯҳбат шуд. Вақте ки командир «Спасибо Вам за хорошое воспитание» гуфт, модар боз ашк рехт. Ашки шодӣ, ашки ифтихор аз фарзандон…

Мансурҷон баъди хатми факултаи хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар вазифаҳои гунонгуни давлатӣ – сардори раёсати амнияти миллии шахри Душанбе, корманди дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат адои вазифа кардааст. Ҳамеша дуои модар бо ӯст. Ин суханони модар дар зиндагӣ роҳбаладаш гаштааст, ки доимо такрор ба такрор мегӯяд: «Писарам, ҳамеша дасту дили пок бояд дошт».

## 14. **Зиҳӣ, модар**

Модар каф ба дуо кушод. Ҳама таманноҳои модаронааш-

ро иброз дошта, ба келини хонадон Наргис муроҷиат кард:

– Духтарам, акаат Мансурҷон ба роҳ мебарояд, тӯшаи роҳ тайёр кун, санбӯсаҳои варақини бомаза мон, то дар роҳ писарам гушна намонад.

– Модарҷон, наход ман гушна монам? – гӯён Мансурҷон хандид.

Ӯ медонист, ки бо модар баҳс кардан нашояд, чунки ӯ кори худро мекунад.

Мансурҷон аз ҷой бархоста аз болои сари модар якчанд бор бӯсид:

– Раҳмат, модарҷон, дуои шумо ба ман ҳам қуввату қудрат медиҳад, ҳам ғизои маънавӣ. Дуои шумо бар тани ман ҷавшан аст. Пешравӣ ва муваффақиятҳои ман, амалӣ гаштани мақсаду маромам танҳо ба **дуои шумо** вобаста аст.

Очаҷони азизам, бузурге гуфтааст, ки «**Дар зиндагӣ ду бор ба зону задам: як бор дар пеши Офаридгорам, бори дигар дар пеши модарам»,** аммо ман мехоҳам ҳар рӯз дар назди шумо ба зону занам.

Зиҳӣ модар – қуввату қудратбахши мо, боиси сарбаландӣ, тавоноӣ ва эътибори мо!

# УМРЕ ДАР ХИЗМАТИ МАРДУМ

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

***Мавлоно Румӣ***

Дер боз мехостам дар барои ин зани нуронӣ, кордон, ташкилотчӣ, роҳбар, модари шерингуфтору хушмуомила як қиссаи хонданбоб нависам. Хостам бо хондани ин қисса ҳама донанд, ки паҳлӯ ба паҳлӯи мо зан, модар ва роҳбари хеле наҷиб, масъулиятшинос, донишманд, ҳозирҷавоб, маҳфилоро, ки ҳар як сухани хешро бо ҳикматҳои бузургон ва ҳадисҳои Пайғамбар далелнок мекунанд ва шахсе ниҳоят заминию хоксор, ки соҳиби эҳтироми атрофиён гашта, имрӯзҳо даврони пирӣ меронанд.

Вақте ки дар вазифаи котиби Кумитаи комсомоли ноҳияи Фархор кор мекардам, дар маҷлису ҷамъомадҳо ба гуфтор, рафтор ва муомилаи ӯ аҳамият дода, орзу мекардам, ки мисли ӯ бошам. Ӯ котиби Кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб буд.

Робиа Аллаёровна дар яке аз фаслҳои зеботарини сол – баҳорон дар оилаи хизматчӣ, дар ноҳияи Фархори бостонӣ ба дунё омадааст. Ӯ нахустфарзанд буд. Баъди ӯ дар оила боз панҷ фарзанди дигар таваллуд мешавад.

Робиа Тағоева аз хурдӣ ба илм омӯхтан шавқу рағбат дошт. Ин таъсири муҳити хонаводагӣ мебошад, ки падару модар фарзандонро дар рӯҳияи некномӣ, некдилӣ, нексиратӣ ва некхоҳӣ тарбият карда буданд. Ӯ ин мисраъҳоро такрор ба такрор замзама мекард:

*Қимати мард на бо симу зар аст,*
*Қимати мард ба илму ҳунар аст.*

Соли 1964 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе, соли 1966 мактаби яксолаи комсомол, соли 1976 Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошкандро хатм намудааст.

Маорифчиёни ноҳияҳои Ҳисор ва Данғара ӯро ҳамчун муаллимаи таърих дар солҳои 1958–1965 хуб мешинохтанд. Бо шарофати меҳнатдустӣ, фарҳангдустӣ, китобдустӣ ва хирадмандию хоксорӣ дар дилу дидаи ҳамкорон ва шогирдон маскан дошт.

Насиҳату маслиҳати падар доимо бо ӯ буд ва ҳамеша дар гӯшаш садо медод:

*Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,*
*К–ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.*

Падари Робиа– Аллаёр Тағоев зиёда аз бист сол ба ҳайси котиби якуми Ҳизби коммунисти ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб кор кардааст.

Вақте ки ҷавонони ноҳияи Данғара дониши хуб, ташкилотчигӣ ва ҷаҳду ҷадали ин духтари қавиიродаро ба назар гирифта, ӯро сарвари ҷавонон– котиби якуми Кумитаи комсомоли ноҳия интихоб намуданд, ӯ ҳамагӣ 24 сол дошт. Робиаи ҷавон барои дуою фотиҳа гирифтан назди падар рафт..

Падар аз духтараш ифтихор дошт. Ӯ як сухани Соибро мазмунан ба духтараш гуфт: «Мансаб монанди нардбон аст, ки дар болои ях истодааст, яъне устувор нест». Кӯшиш кун, духтарам, ки бо кори ҳалол, дасту дили пок кореро, ки ба ту бовар мекунанд, иҷро кунӣ, ҳеҷ гоҳ худхоҳ машав.

Робиаи ҷавон дар ин кори пуршараф – сарварии ҷавонон бо гузаронидани ҷамъомадҳо, маҳфилҳо, ташкил намудани бригадаҳои ҷавонон дар ноҳия ҳамчун ҷамъиятчии фаъол дар дили ҷавонон нури умед ба фардоро бедор мекард.

Тағоеваро ба маркази ҷумҳуриамон – шаҳри Душанбе ба кор даъват намуданд. Аз соли 1966 то 1970 дар вазифаҳои

котиб, мудири шӯъбаи ҷавонони донишҷӯ ва хонандагони Кумитаи марказии комсомол фаъолият кард. Ин кор барои Робиаи ҷавон душвор набуд, чунки зинаҳои аввалини ин корро дар ноҳияи Данғара гузашта буд. Фақат дар марказ кор зиёдтар буд. Ӯ аз кор наметарсид. Пайваста таҷриба меандӯхт, мехонд, меомӯхт. Асоси некномии Робиа Аллаёровна он буд, ки ӯ ба илму дониш такя мекард, сираташро хоксорию шарму ҳаё зеб медод, ҳама корро бо ҷаҳду ҷадал ва аз таҳти дил ба сомон мерасонид.

Ҳикматҳои зеринро сармашқи кори худ медонист:

*Адаб нишонаи хирад аст.*
*Шарм ҷузъе аз имон аст.*

Соли 1970 Робиа Тағоеваро котиби Кумитаи Ҳизбии ноҳияи Ленин (ҳозира ноҳияи Рӯдакӣ) интихоб карданд. Коммунистони ноҳия номзадии Робиа Аллаёроваро хуш пазируфтанд, чунки аз саводи кофӣ ва ташкилотчигии ӯ огаҳӣ доштанд.

Аз соли 1972 то 1974 ҳамчун муовини мудири шӯъбаи кори ташкилии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон адои вазифа кардааст.

Аз соли 1974 то 1986 – 12 сол дар вазифаи котиби Кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб фаъолият намудааст.

Робиа Аллаёровна дар давоми кори роҳбарӣ ба мушкилиҳо, бурду бохтҳо дучор омадааст. Баъзан нотавонбинон ба ӯ ҳасад мебурданд, садди роҳ мешуданд, муваффақияти ӯро дида наметавонистанд. Баъзан дилмонда ки мешуд, насиҳати падар ба ёдаш меомад. Ҳамон «нардбоне, ки болои ях истодааст». Кӯшиш мекард, ки бо рафтори хуб, бо дониш ва қобилияти ташкилотчигиаш ҳасудонро музтар созад. Ӯ пеш мерафт. Дар дили мардум ҷой мегирифт. Тайёр буд барои манфиати ҷамъият аз манфиатҳои шахсиаш даст кашад.

*Ҳақиқат дар дили фарди бузург аст,*
*Ҳақиқат оини марди бузург аст.*
*Ҳақиқат худ ба худ осон наоянд,*
*Ҳақиқат зодаи дарди бузург аст.*

Вақте ки падар аз олам мегузарад, Робиа тамоми вазнинии оиларо ба дӯши худ гирифта қарор медиҳад:

— Модоме ки ман фарзанди калони оила ҳастам, бояд ба ҷои падар чор фарзанди дигарро соҳиби маълумот кунам то онҳо дар ҷамъият ҷои худро ёбанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ӯ ба хостгорҳои зиёде танҳо ба хотири фарзандони падар ҷавоби рад дод.

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сузӣ,*
*То ба он базми касон афрӯзӣ.*

Робиа Аллаёровна аз соли 1986 дар вазифаҳои гуногуни кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб, Хатлон ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст. Аз соли 1994 то 1999 ҳамчун мудири шӯъбаи ташкилию инструктории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда, аз он ҷо бо сари баланд ба нафақа баромад.

Робиа Аллаёровна модари дилсӯзу меҳрубон ва бибии хушсухан, соҳиби ду фарзанд ва панҷ набера мебошад.

Дар сӯҳбат аз ӯ пурсон шудам:

— Муаллима, дар давоми фаъолияти тӯлонии роҳбариатон ҳолате буд, ки аз карда пушаймон шуда бошед?

Ӯ оҳистаяк хиҷолатмандона гуфт:

— Бале, вақте ки корманди Ҳизби Қоммунист будам, аз рӯи вазифаам амале кардаам, ки ҳоло аз он пушаймонам. Моҳи рамазон, ки фаро мерасид, ба Комиссияи дину оин супориш медодам, санҷида бароянд, ки дар хонаи коммуни-

стон таровеҳ ташкил накунанд. Агар чунин ҳодиса мешуд, онҳо ҷазои партиявӣ мегирифтанд. Ба фикрам, ин амали ман ба нозуктарин торҳои асаби диндорон расидан буд. Ҳол он ки дар он вақтҳо падару модарам ҳар ду шахсони тақводор ва диндор буданду зери болини кӯдакон дар гавҳора китоби Қуръон мегузоштанд.

*Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд,*
*Ба ҳар гаҳвора Қуръон буд ё девони Ҳофиз буд.*

Робиа Аллаёровна сипосгузории худро ба сарвари мамлакатамон баён намуда, бо эҳтироми беандоза устодони худро ба ёд меовард, ки маҳз бо шарофати тарбияти онҳо ба мартабаи баланд ноил гаштааст. Инҳо Ҷаббор Расулов, Низорамоҳ Зарифова, Ибодат Раҳимова, Оиша Сарварова ва дигарон мебошанд.

Он кас бо меҳрубонии зиёд шогирдони худ Ҳикмат Хайраков, Абдулмаҷид Ҳақназаров (рӯҳашон шод бод!) Ҳасан Қармишев, Валӣ Зариф, Қимат Рустамова, Адолат Раҳмонова ва дигаронро ба ёд меорад.

Муаллима Тағоева Робиа Аллаёровна барои меҳнатҳои шоёнашон бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон», ду «Нишони фахрӣ», ордени «Байрақи сурхи меҳнат», Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон сарфароз гаштаанд.

Дар охир аз ӯ суол кардам.

Муаллимаҷон, аз тақдир розӣ ҳастед?

– Садҳо бор розиам, духтарам. Соҳиби обрӯ, хонаи обод, шавҳари меҳрубон, фарзанд ва наберагони ширин ва шогирдони зиёде ҳастам, ки ҳама вақт аз ман хабар мегиранд. Аз ҳама асосиаш, панди падарро фаромӯш накарда, нардбонро ҳеҷ гоҳ болои ях нагузоштаам, барои ҳамин нардбон зери поям устувор монд. Дар пирӣ инсон мисли кӯдак мешудааст, мехоҳад ба ӯ зиёдтар диққат диҳанд, гуфта муал-

лима табассуми зебое карданд, ки маҳз ба он кас хос аст.

# МУНДАРИҶА

*Гулназар.* Як-ду сухан ба ҷои пешгуфтор..........................3
Баҳори дил ....................................................................5
Бӯи модар.....................................................................18
Шӯрдоман *(қисса)* ..........................................................25
Қотил *(қиссаи судӣ)* .......................................................60
Хиёнат .........................................................................66
Қисмат .........................................................................73
Нома ............................................................................82
Як шаб… .......................................................................90
Ашки шодӣ ....................................................................107
Қасоси зан....................................................................115
Ҳаромӣ ........................................................................134
Некном ........................................................................151
Равшангари дилҳо *(очерк)*...............................................163
Як каф дуои модар ..........................................................169
Умре дар хизмати мардум.................................................194

**ГУЛЧЕҲРА МУҲАММАДИЕВА**

**БӮИ МОДАР**

*(қисса, ҳикоя ва очеркҳо)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳринисо Саидова*

Ба матбаа 03.10.2018 супурда шуд.
Чопаш 10.10.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12.5. Андозаи 60x84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.